[12-А]. Мирбобоев, Р.М. Постановка направленности долгосрочного развития Республики Таджикистан [Текст] / Р.М. Мирбобоев // Таджикистан и современный мир. Вестник. Центр стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан. – Душанбе, 2015. – №6 (49). – С.16-19. ISSN 2075-9594

[13-А]. Мирбобоев, Р.М. Политика импортозамещения и стимулирования экспорта Республики Таджикистан в условиях глобализации мировой экономики [Текст] / Р.М. Мирбобоев, М.А. Имомназаров // Таджикистан и современный мир. Вестник. Центр стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан. – Душанбе, 2017. – №3 (53). – С.145-156. ISSN 2075-9594

[14-А]. Мирбобоев, Р.М. О соотношении внутренних и внешних факторов региональной экономической интеграции: подходы и классификация [Текст] / Р.М. Мирбобоев, Н.Ш. Салиева // Экономика Таджикистана. – Душанбе, 2017. – №2. – С.177-192. ISSN 2310-3957

[15-А]. Мирбобоев, Р.М. Внешние факторы экономической интеграции государств-участников СНГ [Текст] / Р.М. Мирбобоев, Н.Ш. Салиева // Вестник университета (Российско-Таджикский (Славянский) университет). – Душанбе, 2018. – №4 (64). – С. 59-69. ISSN 2077-8325

[16-А]. Мирбобоев, Р.М. Сармояи инсонӣ ва маблағгузорӣ ба он ҳамчун омили некӯаҳволӣ дар ҷомеа [Матн] / Р.М. Мирбобоев, Ҳ.М. Саидова //

Иқтисодиёти Тоҷикистон (маҷаллаи илмии Институти иқтисодиёт ва демографияи АИ ҶТ). – Душанбе, 2019. – №2. – С.147-150. ISSN 2310-3957

[17-А]. Мирбобоев, Р.М. Роҳҳои паст намудани хароҷоти трансаксионӣ дар шароити муосир [Матн] / Р.М. Мирбобоев, С.А. Холматова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ. – Душанбе, 2019. – №4. – Қ.1. – С.11-15. ISSN 2413-5151

[18-А]. Мирбобоев, Р.М. Нақши соҳаи хизматрасонии иҷтимоӣ дар рушди иҷтимоӣ-иқтисодии ҷамъиятӣ [Матн] / Р.М. Мирбобоев, Ҳ.М. Саидова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2020. – №1. – С.73-77. ISSN 2413-5151

[19-А]. Мирбобоев, Р.М. Интеграционные процессы как предпосылки устойчивого развития национальной экономики Таджикистана [Текст] / Р.М. Мирбобоев // Финансово-экономический вестник (научно-практический журнал). – Душанбе, 2023. – №2 (36). – С.63-70. ISSN 2663-0389

[20-А]. Мирбобоев, Р.М. Роль торгово-экономической интеграции в развитии Центральной Азии [Текст] / Р.М. Мирбобоев // Вестник ТГУПБП. Серия общественных наук. – Худжанд, 2023. – №2 (95). – С.94-103. ISSN 2411-1945

[21-А]. Мирбобоев, Р.М. Анализ участия Республики Таджикистан в региональных интеграционных блоках [Текст] / Р.М. Мирбобоев // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – Душанбе, 2023. – №4. – Ч.I. – С.146-153. ISSN 2413-5151

[22-А]. Мирбобоев, Р.М. Свободные экономические зоны как форма развития интеграции Таджикистана в мировое хозяйство [Текст] / Р.М. Мирбобоев // Экономика и управление: проблемы, решения. Научно-практический, теоретический журнал. – 2023. – Т.2. – №4 (136). – С.30-35. ISSN 2308-927X, ISSN 2227-3891

[23-А]. Мирбобоев, Р.М. Экспортный потенциал и его отраслевые приоритеты для формирования устойчивой экономики Таджикистана [Текст] / Р.М.Мирбобоев // Экономика и управление: проблемы, решения. Научно-практический, теоретический журнал. – 2023. – Т.4. – №1 (133). – С.70-77. ISSN 2308-927X, ISSN 2227-3891

[24-А]. Мирбобоев Р.М. Отраслевые приоритеты экспортного потенциала промышленности Республики Таджикистан [Текст] / Р.М. Мирбобоев // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – Душанбе, 2023. – №10. – Ч.I. – С.12-22. ISSN 2413-5151

[25-А]. Мирбобоев Р.М. Место торгово-логистических кластеров в активизации внешнеэкономической деятельности Республики Таджикистан [Текст] / Р.М. Мирбобоев // Экономика и управление: проблемы, решения. Научно-практический, теоретический журнал. – 2023. – Т.7. – №11. – С.71-81. ISSN 2308-927X, ISSN 2227-3891

[26-А]. Мирбобоев, Р.М. Давраҳои ташаккул ва самтҳои рушди ҳамгироии иқтисодии минтақавӣ дар шароити гузариш ба хоҷагии ҷаҳонии бисёрқутбӣ

[Матн] / Р.М. Мирбобоев // Паёми молия ва иқтисод. – 2023. – №4/2 (39). – С.434-447. ISSN 2663-0389

[27-А]. Мирбобоев, Р.М. Формы участия иностранного капитала региональных партнеров в экономическом развитии республики Таджикистан [Текст] / Р.М. Мирбобоев // Вестник академии Москва. – 2024. – №3. – С.81-92. ISSN 2073-9621

[28-А]. Мирбобоев, Р.М. Татбиқи манфиатҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи гурӯҳҳои ҳамгироии иқтисодии минтақавӣ [Матн] / Р.М. Мирбобоев, Ф.А. Қодирзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ–иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2024. – №3. – С.78-89. ISSN 2413-5151

[29-А]. Мирбобоев, Р.М. Нақши сармоягузории хориҷӣ дар суръатбахшӣ ба рушди иқтисодӣ: нигоҳ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ф.А. Қодирзода, Р.М. Мирбобоев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2024. – №4. – С.20-27. ISSN 2413-5151

[30-А]. Мирбобоев, Р.М. Масоили рушди динамикии иқтисодиёти миллӣ дар шароити ҳамгироии иқтисодии минтақавӣ [Матн] / Р.М. Мирбобоев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2024. – №5. – С.20-27. ISSN 2413-5151

**В других изданиях**

[31-А]. Мирбобоев, Р.М. Развитие экономической интеграции и становления субъектов внешнеэкономической деятельности [Текст] / Р.М. Мирбобоев // Вестник национального университета. Серия гуманитарных наук. – Душанбе, 2003. – №1 (15). – С.109-118.

[32-А]. Мирбобоев, Р.М. Иностранные инвестиции, как фактор использования природно-ресурсного потенциала республики [Текст] / Р.М. Мирбобоев // Вестник национального университета. Серия гуманитарных наук. – Душанбе, 2003. – №3 (17). – С.130-146.

[33-А]. Мирбобоев, Р.М. Меры по привлечению иностранных инвестиций [Текст] / Р.М. Мирбобоев // Проблемы финансово-бюджетной и денежной стабилизации в условиях рынка. Материалы республиканской научно-практической конференции. – Душанбе, 2003. – С.92-95.

[34-А]. Мирбобоев, Р.М. Проблемы интеграции Таджикистана в мировую экономику [Текст] / Р.М. Мирбобоев // Материалы научно-теоретической конференции профессорско-преподавательского состава «День науки». – Душанбе, 2003. – Ч.2. – С.136-139.

[35-А]. Мирбобоев, Р.М. Рыночные преобразования и дальнейшее развитие интеграционных связей [Текст] / Р.М. Мирбобоев // Интеграция экономики Республики Таджикистан в мировое хозяйство. Материалы респ. науч.-практ. конф. – Душанбе, 2004. – С.18-21.

[36-А]. Мирбобоев, Р.М. Необходимость привлечения иностранных инвестиций для активизации экономического роста в РТ [Текст] / Р.М.

Мирбобоев, А.А. Солиев // Вестник национального университета. Серия гуманитарных наук. – Душанбе, 2004. – №3 (22). – С.108-121.

[37-А]. Мирбобоев, Р.М. Международная экономическая интеграция и развитие глобализационных процессов в мировом хозяйстве [Текст] / Р.М. Мирбобоев. Н.А.Абдуллоева // Вестник национального университета. Серия естественных наук. – Душанбе, 2005. – №3 (26). – С.188-196.

[38-А]. Мирбобоев, Р.М. Теоретические основы и основные направления развития современной международной экономической интеграции [Текст] / Р.М. Мирбобоев // Материалы республиканской научно-практической конференции «Стратегия развития и размещения производительных сил Республики Таджикистан». – Душанбе, 2005. – С.27-33.

[39-А]. Мирбобоев, Р.М. Иқлими инвеститсионӣ ва роҳҳои беҳтар намудани он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Р.М. Мирбобоев // Маводи конфронси илмӣ-амалӣ дар мавзӯи «Механизмҳои пулӣ-қарзии рушди муносибатҳои бозорӣ», 2-3 декабри соли 2005. – Душанбе, 2006. – С.71-86.

[40-А]. Мирбобоев, Р.М. Динамизм - характерная черта экономики Таджикистана [Текст] / Р.М. Мирбобоев, Х.Ш. Шарипов // Материалы международной научно-теоретической конференции «Человеческие ценности – основа развития экономики Казахстана», посвященной 70-летию академика АН Казахстана С.С.Сатубалдина. – Алматы, 2007. – С.174-181.

[41-А]. Мирбобоев, Р.М. Развитие экономической интеграции и инвестиционное сотрудничество Таджикистана [Текст] / Р.М. Мирбобоев // «Проблемы финансово-бюджетных отношений Республики Таджикистан в современных условиях». Материалы республиканской научно-практичесой конференции. – Душанбе, 2008. – С.2-4.

[42-А]. Мирбобоев, Р.М. Мировой финансовый кризис и его уроки для экономики Таджикистана [Текст] / Л.Х. Саидмуродов, Р.М. Мирбобоев, А.А. Солиев, Ф.А. Кодиров // Вестник национального университета. Серия экономических наук. – Душанбе, 2009. – №5 (53). – С.30-37.

[43-А]. Мирбобоев, Р.М. Сармоягузории дохиливу хориҷӣ ва муаммоҳои бехатарии иқтисодӣ [Матн] / Р.М. Мирбобоев, Ф. Ҳаёхоҷаев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистн. Бахши илмҳои иқтисодӣ. – Душанбе, 2009. – №7 (55). – С.17-26. ISSN 2074-1847

[44-А]. Мирбобоев, Р.М. Основные концепции и особенности информационной безопасности в условиях глобализации экономики [Матн] / Р.М. Мирбобоев // «Ҷаҳонишавӣ ва муаммоҳои амнияти иттиоолотӣ: ҷанбаҳои миллӣ ва минтақавӣ» Маводи конфронси илмӣ-амалӣ. – Душанбе, 2010. – С.95-100.

[45-А]. Мирбобоев, Р.М. Мушкилот ва дурнамои ҳамгирoӣ дар доираи ИДМ [Текст] / Р.М. Мирбобоев // Масъалаҳои таъмини мақсадҳои беруниқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ. – Душанбе, 2010. – С.23-28.

[46-А]. Мирбобоев Р.М. Сиёсати молиявӣ ва зарурияти такмили он [Матн] / Р.М. Мирбобоев // Масъалаҳои илмии таҳияи сиёсати молиявӣ. Маводи

конфронси илмию амалии ҷумҳуриявӣ. Душанбе, 9 ноябри соли 2012. – Душанбе, 2013. – С.6-9.

[47-А]. Мирбобоев, Р.М. Программы государственных инвестиций и их взаимосвязь с приоритетами развития реального сектора национальной экономики [Текст] / Р.М. Мирбобоев, Х.Ш. Салиева // Масъалаҳои илмии таҳияи сиёсати молиявӣ. Маводи конфронси илмию амалии ҷумҳуриявӣ. Душанбе, 9 ноябри соли 2012. – Душанбе, 2013. – С.184-187.

[48-А]. Мирбобоев, Р.М. Специфика и условия привлечения прямых иностранных инвестиций в реальный сектор национальной экономики Республики Таджикистан [Текст] / Р.М. Мирбобоев, Х.Ш. Салиева // Внешнеэкономическая деятельность Республики Таджикистан в условиях глобализации. – Душанбе: Ирфон, 2013. – С.5-10. ISSN 978-99947-0-978-6

[49-А]. Мирбобоев, Р.М. Робитаҳои иқтисодии хориҷӣ: зарурияти такмилдиҳӣ ва бозсозии он [Матн] / Р.М. Мирбобоев // Внешнеэкономическая деятельность Республики Таджикистан в условиях глобализации. – Душанбе: Ирфон, 2013. – С.67-76. ISSN 978-99947-0-978-6

[50-А]. Мирбобоев, Р.М. Бюджетный сектор - неотделимая часть национальной экономики [Текст] / Р.М. Мирбобоев, Г.Н. Оймахмадов. Маҷаллаи молия ва ҳисобдорӣ. – Душанбе, 2013. – №2. – С.11-14.

[51-А]. Мирбобоев, Р.М. Совместные предприятия - исходная форма экономических отношений в системе прямого иностранного [Текст] / Р.М. Мирбобоев, Х.Ш. Салиева) // Вестник финансово-экономического института Таджикистана (научный журнал). – Душанбе, 2013. – №1. – С.3-13.

[52-А]. Мирбобоев, Р.М. О приоритетных направлениях развития сотрудничества государств-членов ШОС в сфере образования [Текст] / Р.М. Мирбобоев, А.А. Солиев // Вестник финансово-экономического института Таджикистана (научный журнал). – Душанбе, 2014. – №2. – С.3-6.

[53-А]. Мирбобоев, Р.М. Развитие сотрудничества Республики Таджикистан со странами Центральной Азии [Текст] / Р.М. Мирбобоев, Н.Ш. Салиева // Таджикистан и страны Центральной Азии: векторы сотрудничества и перспективы развития. Материалы международной научно-практической конференции. – Душанбе, 2021. – С.144-149. ISSN 978-99985-68-56-3

[54-А]. Мирбобоев, Р.М. Хароҷотҳои трансаксионӣ ва таъсири тиҷорати электронӣ дар фаъолияти субъектҳои хоҷагидорикунанда [Матн] / Р.М. Мирбобоев, С.А. Холматова // Тоҷикистон дар низоми муосири муносибатҳои молиявӣ-қарзии байналхалқӣ. Маводи конфронси ҷумҳуриявии илмию амалӣ. – Душанбе, 2021. – С. 254-257.

[55-А]. Мирбобоев, Р.М. Дастгирии давлатии бахши хусусӣ дар Тоҷикистон: дастовардҳо ва тадбирҳои минбаъда [Матн] / А.А. Солеҳзода, Р.М. Мирбобоев // Ташаккули фазои мусоиди сармоягузорӣ дар татбиқи саноатикунонии босуръати кишвар. Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ– назариявӣ. – Хуҷанд: Дабир, 2022. – С.201-207. ISBN 978-99985-66-07-1

[56-А]. Мирбобоев, Р.М. Тиҷорати электронӣ ва рушди он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Р.М. Мирбобоев, С.А. Холматова // Маҷаллаи соҳавии «Бозори меҳнат». – Душанбе, 2022. – №3 (54). – С.28-35. ISSN 2518-7988

[57-А]. Мирбобоев, Р.М. Таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ дар паст намудани сатҳи хароҷоти трансаксионӣ тавассути тиҷорати электронӣ [Матн] / Р.М. Мирбобоев, С.А. Холматова // Ташакулёбӣ ва рушди иқтисодиёти рақамӣ дар Тоҷикистон: дурнамо ва тамоюли он. Маводи конфронси ҷумҳуриявии илмию амалӣ. – Душанбе, 2022. – С.118-127.

[58-А]. Мирбобоев, Р.М. Вазъи кунунии рушди тиҷорати электронӣ ва паст намудани хароҷоти трансаксионӣ дар иқтисодиёти муосири ҶТ [Матн] / Р.М. Мирбобоев, С.А. Холматова // Маҷаллаи соҳавии «Бозори меҳнат». – Душанбе, 2022. – №1 (52). – С.62-68. ISSN 2518-7988

[59-А]. Мирбобоев, Р.М. Таъсири ҳамгироии минтақавии иқтисодӣ ба тавсеаи иқтидори содиротии кишвар [Матн] / Р.М. Мирбобоев // Индустриализация национальной экономики: современное состояние, проблемы и перспективы. Материалы международной научно-практической конференции 2-мая 2023 г. – Душанбе, 2023. – С.213-218. ISBN 978-99985-36-95-1

[60-А]. Мирбобоев, Р.М. Факторы развития экспортного потенциала в условиях ускоренной индустриалаизации страны [Текст] / Р.М. Мирбобоев // Сборник материалов международной научно-практической конференции на тему «Реализация политики содействия эспорту и импортозамещению Республики Таджикистан в условиях глобализации» посвященной «Годам развития промышленности» (2022-2026) (23 декабря 2023 г.). – Душанбе, 2023. - С.10-14.

[61-А]. Мирбобоев, Р.М. Региональное финансовое сотрудничество – фактор экономического развития страны [Текст] / Р.М. Мирбобоев // Сборник научных трудов посвященный «Дню работников финансовых органов Республики Таджикистан» на тему: «Совершенствование финансово-кредитной системы в условиях цифровизации национальной экономики». – Душанбе, 2024. – С.365-368. ISBN 978-99985-46-04-2

[62-А]. Мирбобоев, Р.М. Конкурентные факторы развития экспортного потенциала в условиях ускоренной индустриализации страны [Текст] / Р.М. Мирбобоев // Механизм управления государственными финансами в процессе развития инновационной и промышленной устойчивости Республики Таджикистан (сборник научных трудов). – Душанбе, 2024. – С.352-360.

**ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**

**УДК:** 339.9 (575.3)
**ВВК:** 65.5 (2 Т)
**М - 63**

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**МИРБОБОЕВ РАҲМАТУЛО МАДАЮБОВИЧ**

# ИШТИРОКИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР РАВАНДҲОИ ҲАМГИРОИИ МИНТАҚАВӢ БА МАНФИАТИ РУШДИ ДИНАМИКИИ ИҚТИСОДИЁТИ МИЛЛӢ

**АВТОРЕФЕРАТИ**
диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии
доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси
08.00.13 – Иқтисодиёти ҷаҳонӣ

**Душанбе – 2024**

Диссертатсия дар кафедраи иқтисодиёти ҷаҳонии факултети моливию иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омода гардидааст.

**Муқарризони расмӣ:**

**Қандиёрова Дилбар Облоқуловна –** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи давлатии молиявию иқтисодии Тоҷикистон

**Асрорзода Убайдулло Саттор** – доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, ректори Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

**Каримова Мавзуна Темуровна** – доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири шуъбаи тадқиқоти назариявӣ ва муносибатҳои байналмилалии Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ

**Муассисаи пешбар:** **Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон**

Ҳимоя санаи 26 октябри соли 2024, соати $09^{00}$ дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии **6D.КОА-004-**и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон баргузор мегардад. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, маҳаллаи Буни Ҳисорак, шаҳраки донишҷӯён, бинои таълимии №8, E-mail: shamsov@mail.ru Тел.: 918788938.

Бо диссертатсия дар китобхона ва сомонаи расмии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон **http//www.tnu.tj** шинос шудан мумкин аст.

Автореферат санаи «____»____________ соли 2024 тавзеъ шудааст.

**Котиби илмии**
**шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент** **Шамсов И.С.**

## МУҚАДДИМА

**Муҳиммияти мавзуи тадқиқот.** Иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар равандҳои ҳамгироии минтақавӣ барои рушди динамикии иқтисодиёти миллӣ аҳамияти муҳим дорад. Пеш аз ҳама, ин барои мубодилаи молҳо, хизматрасониҳо, сармоягузорӣ ва технологияҳо бо дигар кишварҳои минтақа имкониятҳои нав фароҳам оварда, ҳамкориҳои иқтисодиро тақвият мебахшад ва ба афзун шудани ҳаҷми савдои хориҷӣ меоварад, ки он ба рушди иқтисодиёти миллӣ мусоидат мекунад. Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 низ ба сифати яке аз вазифаҳои стратегӣ масъалаи афзоиши минбаъдаи истеҳсолоти содиротӣ тавассути диверсификатсияи кишварии он пешбинӣ гардидааст. Сониян, ҳамгироӣ ба ниҳодҳои ҳамгироии минтақавӣ имкон медиҳад, ки Тоҷикистон бештар сармояи хориҷиро ҷалб намояд. Узвият дар созмонҳои ҳамгироии минтақавӣ барои сармоягузорони хориҷӣ шароити мусоидаткунандаро, аз қабили таъмини субот, эътимоднокӣ ва пешгӯишавандагии низоми ҳуқуқӣ фароҳам меорад, ки метавонад воридшавии сармояро ба кишвар ҳавасманд гардонад. Ва дар ниҳоят, иштирок дар равандҳои ҳамгироии минтақавӣ ба баланд бардоштани самаранокӣ ва рақобатпазирии корхонаҳои ватанӣ мусоидат мекунад, ки онҳо аз ҳисоби сарфаи миқёс ба бозорҳои нави фурӯш дастрасӣ пайдо мекунанд ва имкониятҳои ҳамкориҳои судмандро бо шарикони хориҷӣ васеъ мегардонанд.

Ҳамзамон, иштироки мақсадноки Тоҷикистон дар равандҳои ҳамгироии минтақавӣ ба татбиқи лоиҳаҳои инфрасохтори минтақавӣ ва миллӣ нигаронида шудааст, ки ба таҷдиди шабакаи роҳҳо, системаҳои энергетикӣ ва телекоммуникатсионӣ ва дигар соҳаҳо, ки ҳамчун соҳаҳои асосии равандҳои муосири ҳамгироии байналмилалӣ баромад мекунанд, мусоидат мекунад ва дар навбати худ, барои сармоягузории иловагӣ ҷолиб гардида, ҷойҳои нави корӣ таъсис дода, шароити зиндагии мардумро беҳтар менамояд ва инчунин, мақоми байналмилалӣ ва нақши кишварро дар минтақаи ҳамгироӣ тақвият мебахшад.

Имрӯз назария ва амалияи ҳамгироии иқтисодии минтақавӣ интихоби васеи форматҳо ва афзалиятҳои нави ҳамкориҳои мутақобилан судманди иқтисодиро дар асоси принсипи бисёрвекторӣ пешниҳод менамояд, ки аз бисёр ҷиҳат ба гузариш аз тартиботи ҷаҳони яккутбӣ ба бисёркутбӣ дар чаҳорчӯби иқтисодиёти ҷаҳонии муосир алоқаманд аст. Аз ҷумла, дар фазои АвруОсиё шаклҳои нави ҳамкориҳои минтақавӣ дар худ, пеш аз ҳама, рушди инфрасохтори нақлиётию коммуникатсионӣ ва энергетикӣ, логистика ва муносибатҳои тиҷоратию молиявиро дар минтақа дар бар мегирад, ки ба рушди устувор ва динамикии иқтисодиёти миллӣ нигаронида шудаанд.

Барои татбиқи ҳадафи чоруми стратегии рушди миллӣ – саноатикунонии босуръат ва рушди динамикии иқтисодиёт, дар маҷмуъ, Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳаҷми назарраси сармоягузорӣ ниёз дорад, ки онро тавассути иштирок дар лоиҳаҳои ҳамгироии минтақавӣ ҷалб кардан мумкин аст. Ба ҳамкории судманди иқтисодӣ шомил шудани кишвар ҳал кардани бисёр масъалаҳоро имконпазир мегардонад, ки яке аз онҳо татбиқи иқтидори гидроэнергетикӣ ва баланд бардоштани иқтидори содиротии соҳаҳои иқтисодиёти кишвар мебошад.

Иқтидори гидроэнергетикии аз ҷиҳати техникӣ истифодашавандаи кишварҳои Осиёи Марказӣ имрӯз 510,1 ТВтч/сол арзёбӣ мешавад, ки 61,1 фоизи он ба Ҷумҳурии Тоҷикистон рост меояд, вале танҳо 10 фоизи он истифода мешавад. Тадқиқотҳо нишон медиҳанд, ки истифодаи ин иқтидор дар доираи робитаҳои ҳамгироӣ метавонад ба 1,5% афзун шудани ММД ва ҷалби сармояҳои нав ба маблағи 22 миллиард доллар дар як сол дар минтақа мусоидат намояд. Дар баробари ин, тадқиқоти Бонки рушди АвруОсиё (БРАО) нишон медиҳад, ки дар шароити муосир дар сармоягузориҳои мутақобилаи байни кишварҳои АвруОсиё афзоиши лоиҳаҳои ҳамгироӣ дар соҳаҳо бо арзиши баланди иловашуда, хусусан, дар саноати коркард мушоҳида мешавад. Инчунин, дар ин тадқиқот вуҷуд доштани таваҷҷуҳи зиёд ба рушди бахши нақлиётӣ ва логистикӣ, бахусус, инфрасохтори бандарҳои заминӣ ва марказҳои логистикию тақсимотӣ қайд гардидааст.[5]

Умуман, иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар равандҳои ҳамгироии минтақавӣ барои рушди динамикии иқтисодиёти миллӣ аҳамияти калон дорад. Он имкониятҳои навро барои тавсеаи савдои хориҷӣ, ҷалби сармояҳо, баланд бардоштани рақобатпазирӣ ва наздик кардани низомҳои ҳуқуқӣ бо кишварҳои дигари минтақа фароҳам меорад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ**. Проблемаҳои глобализатсияи иқтисодиёти ҷаҳонӣ, ки тавассути савдоӣ байналмилалӣ, сармоягузориҳо, интиқоли технологияҳо, ҳаракати маблағҳои молиявӣ ва муҳоҷирати байналмилалӣ амалӣ мегардад, дар асарҳои олимони хориҷӣ, аз қабили Б.Баласса, И.Ямазава, М.Меҳар ва дигарон мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Масъалаҳои ҷаҳонишавии иқтисодиёти ҷаҳонӣ ва таъсири он ба рушди блокҳои тиҷоратию ҳамгироӣ ва савдои байналмилалиро олимон - К.Уолш, Н.Тян, С.Меҳар, С. С.Э. Акопов, Е.В. Волкодавова, В.В. Гордеев, А. Либман, Р.А. Умаралиев, В. Хетагурова, Г. Брюханова, И.П. Фаминский, Т.П. Черкасова, Д. Айрапетян ва дигарон дар асарҳои худ баррасӣ кардаанд.

Тамоюлҳои муосири рушди равандҳои ҳамгироии минтақавӣ, аз ҷумла, моделҳои ҳамкориҳои мутақобила дар доираи ҳамгироии байни давлатҳо дар шароити муосир, тамоюлҳои ташаккули блокҳои тиҷоратӣ-иқтисодӣ дар хоҷагии муосири ҷаҳонӣ, хусусиятҳои рушди ҳамгироии тиҷоратию иқтисодӣ дар фазои пасошуравӣ ва Осиёи Марказӣ дар асарҳои олимони ватанию хориҷӣ Т.Н. Назаров, Н.Қ. Қаюмов, М.И. Илолов, Ҳ.У. Умаров, Л.Ҳ. Саидмуродов, С.Ҷ. Комилов, А.Д. Ахророва, А.М. Либман, Т.Ҷ. Усмонова, Д.О. Қандиёрова, Д.Б. Қодирзода, Ҳ.А. Одинаев, М.Т. Каримова, У.С. Асрорзода, Т.Т. Набиев, М.И. Садриддинов, Б.Г. Сафаров, М.А. Имомназаров, У.М. Гулаков, Я.П. Довгялло, Р.Р. Алиева, Н.Ш. Салиева, А.А. Баиков, А.А. Бойченко, Н.Р. Муқимова, Ш.Т. Хитбаева ва дигарон баррасӣ шудаанд.

Арзёбии ҳамгирошавии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба бозорҳои ҷаҳонӣ ва минтақавӣ, аз ҷумла, таҳлили сатҳи дастрасии хизматрасониҳои молиявӣ ва ҳамгироии молиявӣ, манфиатҳои иқтисодии Тоҷикистон дар блокҳои ҳамгироии тиҷоратӣ ва иқтисодӣ, инчунин, шаклҳои иштироки сармояи хориҷии

[5] https://eabr.org/press/releases/19.12.2023

мамлакатҳо - шарикони тиҷоратию иқтисодии минтақавӣ дар тараққиёти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асарҳои олимон Т.Б. Ғаниев, А.А. Солеҳзода, Ҳ.Р. Исайнов, А.А. Урунов, А.М. Раҳимов, Ф.А. Қодирзода, Э.М. Кузмина, З.А. Дадабоева, И.А. Сафранчук, М.С. Содиқов, , Х.Ш. Салиева, Н.А. Хайитбоева, Т.Е. Рамазонов, Ф.И. Аминов, Х.А. Хоҷаев ва дигарон нишон дода шудааст.

Самтҳои ҳамгироии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба блокҳои тиҷоратию иқтисодӣ, аз ҷумла, масъалаҳои иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар васеъ намудани имкониятҳои нақлиётӣ ва коммуникатсионии иттиҳодияҳои ҳамгироӣ дар асарҳои Қ.Х. Хушвахтзода, Д.А. Алиҷонов, В.В. Воҳидов, Х.Ғ. Ғафурова, Ҳ.У. Умаров, А.Б. Мирсаидов, А.М. Голитсина, Л.В. Эйхлер ва дигарон инъикос гардидаанд.

Таъсири равандҳои ҳамгироӣ ба рушди динамикии иқтисодиёти миллии Тоҷикистон, ҷиҳатҳои қавӣ ва сусти онҳо, ки барои ба ҳадди аксар расонидани судмандии иштирок дар иттиҳодияҳои ҳамгироӣ ва ба сатҳи пасттарин бурдани хавфҳои эҳтимолӣ зарур мебошанд, дар корҳои олимон Н.Қ. Қаюмов, Л.Х. Саидмурзода Ҳ.У. Умаров, Ҳ.А. Одинаев, Ф.С. Обидов, И.Р. Иброхимзода, З.К. Раджапова, Ш.Ш. Шоякубов, М.Ф. Ҳакимова, У.М. Гулаков ва чанде дигарон баррасӣ шудаанд.

Хусусиятҳои сиёсати савдои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкории мутақобила бо иттиҳодияҳои тиҷоратию иқтисодӣ, ки бо мақсади зиёд намудани содирот Тоҷикистон бо онҳо истеҳсоли молҳои рақобатпазирро инкишоф ва ба рушди соҳибкорӣ мусоидат намуда, дастгирии ширкатҳои содиротиро таъмин менамояд, дар асарҳои С.А. Гусаров, М.М. Авезова, Д.А. Гайнанов, З.У. Юмагузин ва дигарон таҳқиқ карда шудаанд.

Масъалаҳои рушди иқтидори содиротии саноати Тоҷикистон, афзалиятҳои соҳавии содироти кишвар дар асарҳои Т.Н. Назаров, П.Х. Азимов, А.Д. Аҳророва, Н.Х. Хоналиев, А.Б. Мирсаидов, С.А. Баҳодурова, С.М. Ҷаборов, Г.А. Қаландаршоев, Р.В. Кашбразиев, А.Д. Рузиев, Х.М. Ҳақбердиев ва дигарон баррасӣ карда шудаанд.

Сарфи назар аз инъикоси васеи масъалаҳои дар боло баррасишуда дар адабиёти илмӣ, иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар равандҳои ҳамгироии минтақавӣ ба манфиати рушди динамикии иқтисодиёти миллӣ ба таври кофӣ ва сатҳи зарурӣ таҳқиқ нашудааст, ки мубрамият ва интихоби мавзуи кори диссертатсионии мазкурро муайян менамояд. Аз ин рӯ, тадқиқоти мақсаднок ва амиқи тамоюлҳо ва дурнамои ташаккули равандҳои ҳамгироӣ дар ташаккули иқтисодиёти индустриалию инноватсионӣ дар Тоҷикистон, муайян кардани дурнамои ташкили кластерҳои тиҷоратӣ ва логистикӣ барои фаъол гаардонидани фаъолияти иқтисодии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур аст.

**Робитаи тадқиқот ба барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ.** Тадқиқоти диссертатсионӣ дар асоси муқаррароти Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Барномаҳои миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020 ва 2021-2025, Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи илм, технология ва инноватсия барои давраи то

соли 2030, Барномаи дастгирии содирот ва воридот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 ва инчунин, Стратегияи рушди иқтисодии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ) барои давраи то соли 2030, Стратегияи Рушди Созмони ҳамкории Шанхай (СҲШ) то соли 2025, Барномаҳои Ҳамкориҳои минтақавии иқтисодии Осиёи Марказӣ (ҲМИОМ) 2020 ва ҲМИОМ 2030 такя менамояд. Кор мутобиқ ба самтҳои асосии тадқиқоти бунёдӣ ва амалӣ, ки дар қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои афзалиятноки тадқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020 ва 2021-2025», инчунин, дар доираи мавзуи илмии кафедраи иқтисодиёти ҷаҳонии факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон «Механизми таъмини манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити рушди равандҳои ҷаҳонишавӣ» (солҳои 2016-2020) ва «Механизми таъмини манфиатҳои иқтисодии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ ва ҳамгироии иқтисодӣ» (солҳои 2021-2025) иҷро карда шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАДҚИҚОТ

**Мақсади тадқиқот** асоснокнамоии назариявии таҳкими иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар равандҳои ҳамгироии минтақавӣ ба манфиати рушди динамикии иқтисодиёти миллӣ мебошад.

**Ваазифаҳои тадқиқот.** Барои ноил шудан ба ҳадафи тадқиқот, ҳалли вазифаҳои зерин зарур аст:

- муайян намудани хусусиятҳои рушди иттиҳодияҳои ҳамгироии иқтисодии минтақавӣ дар шароити гузариш аз ҷаҳони яккутбӣ ба бисёрқутбӣ;
- муайян кардани тамоюлҳо ва бартариҳои моделҳои хаттӣ ва ғайрихаттии ҳамгироии иқтисодии минтақавӣ дар асоси фаъолияти СҲШ, ҲМИОМ, Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё (ИИАО) ва дигар иттиҳодияҳои ҳамгироии минтақавӣ;
- ошкор намудани мафҳуми «иқтисодиёти кушоди динамикӣ» дар қаринаи равандҳои такрористеҳсол дар доираи ҳамгироии иқтисодии минтақавӣ;
- таҳқиқи моделҳои ҳамкориҳои мутақобила дар доираи ҳамгироии байни давлатҳо дар чаҳорчӯби Иттиҳоди Авпупо, НАФТА, ИДМ, СҲШ, ИИАО ва дигарҳо;
- муайян намудани робитаи мутақобилаи равандҳои ҳамгироии минтақавӣ ва алоқаманд будани онҳо бо татбиқи ҳадафҳои миллии рушди кишвар;
- нишон додани аҳамиятнокии кишварҳо - шарикони тиҷоратию иқтисодии минтақавӣ дар рушди динамикии иқтисодии Тоҷикистон;
- муайян кардани вобастагии эконометрикии байни ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ ва амалисозии иқтидори содиротии соҳаҳои кишвар ва рушди иктисодӣ дар Ҷумҳурии Точикистон;
- омӯзиш ва таҳлили нақши СҲШ ва ҲМИОМ дар рушди инфрасохтори нақлиётӣ, транзити нерӯи барқ ва ташаккули долонҳои нақлиётӣ ва иқтисодии байни кишварҳои ҳамгирошаванда;
- таҳияи механизми таъсири мутақобилаи саноатикунонӣ ба иқтидори содиротии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар робита ба иштироки кишвар дар иттиҳодияҳои ҳамгироии минтақавӣ;

- асоснок кардани ҳамкории минтақавӣ дар соҳаи илм хамчун яке аз унсурҳои ҳамгироии ғайрихаттии иқтисодии минтақавӣ;

- таҳияи равишҳои методологии ташкили кластерҳои тиҷоратию логистикӣ ва нишондиҳандаҳои онҳо дар доираи иттиҳодияҳои ҳамгироии минтақавӣ;

– асоснок кардани усулҳо ва воситаҳои вобастагии (алоқамандии) равандҳои ҳамгироии минтақавӣ ва сенарияи индустриалӣ-инноватсионии рушди динамикии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Объекти тадқиқот** моделҳо ва шаклҳои иттиҳодияҳои ҳамгироии байналмилалӣ ва минтақавӣ дар қаринаи таъсири мутақобилаи онҳо бо системаҳои миллии иқтисодӣ ба манфиати рушди динамикии онҳо мебошад.

**Мавзуи (предмети) тадқиқоти** диссертатсионӣ муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ мебошад, ки манфиатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар раванди рушд ва тақвияти ҳамгироии иқтисодии минтақавӣ тавсиф мекунанд.

**Фарзияи тадқиқоти илмӣ** чунин аст: консепсияҳои муосири назариявии ҳамгироии иқтисодии минтақавӣ дар аксари мавридҳо хусусияти хаттии (пай дар пайии) равандҳои ҳамгироиро дар доираи хоҷагии ҷаҳонӣ инъикос мекунанд. Дар баробари ин, ба ин равандҳо шомил шудани кишварҳои дорои бозорҳои рӯ ба тараққӣ дар бораи ташаккулёбӣ ва рушди моделҳои ҳамгироии дорои хусусияти ғайрихаттӣ шаҳодат медиҳад, ки асоси онҳоро ташаккул ва рушд, пеш аз ҳама, инфрасохтори истеҳсолӣ, нақлиётӣ ва энергетикии минтақаи ҳамгирой ташкил менамояд. Дар тадқиқоти диссертатсионӣ модели ғайрихаттии ҳамгироии минтақавӣ дар қаринаи гузариши муосир аз хоҷагии ҷаҳонии яккутбӣ ба бисёрқутбӣ баррасӣ гардидааст, ки дар доираи он марказҳои иқтисодии қудрат ташаккул ёфта, нақши калидиро дар иқтисодиёти ҷаҳонӣ иҷро мекунанд. Чунин гузориши масъалаи назариявӣ бар хилофи назарияи ҳамгироии байналхалқии иқтисодии Б. Балласа, консепсияи сохтории ҳамгироии Г. Мюрдал ва А. Маршалл, равиши либералии В. Репке ва Ж. Руэфф, назарияи ҳамгироии бисёрсуръати давраи пасошуравӣ (В. Абалкин, Н.К. Қаюмов, Р.К. Раҳимов, Д.О. Қандиёрова ва дигарон) ва консепсияи ҳамгироии ягонаи тиҷоратӣ, асъорӣ, омилӣ ва институтсионалии иқтисодиёти хурди кушод (Саидмуродзода Л.Ҳ.), назарияи ҳамгироии иқтисодии байналмилалӣ (минтақавӣ)-ро тавассути дар истифодаи илмӣ ворид намудани категорияи «иқтисодиёти кушоди динамикӣ» васеъ менамояд, ки ҳамгироии иқтисодии минтақавиро аз нуқтаи назари равандҳои такрористеҳсол дар шароити мураккаби геосиёсӣ ва равандҳои геоиқтисодӣ дар доираи гузариш аз хоҷагии ҷаҳонии яккутбӣ ба бисёрқутбӣ таҳқиқ мекунад. Дар доираи мавқеъҳои дар боло зикргардида баррасӣ кардани масъалаи иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар равандҳои ҳамгироии минтақавӣ имкони муайян кардани захираҳо ва иқтидори ташаккули инфрасохтори истеҳсолӣ, нақлиётӣ ва энергетикии минтақаи ҳамгироиро ба манфиати рушди динамикии иқтисодиёти миллӣ фароҳам меорад.

**Асосҳои назариявии тадқиқот.** Асоси назариявии тадқиқоти диссертатсиониро назарияҳо ва консепсияҳои бунёдии дар асарҳои классикӣ ва муосири иқтисоддонҳои дар боло зикргардидаи ватанӣ ва хориҷӣ дар соҳаи

омӯзиши масъалаҳои иштироки кишвар дар равандҳои ҳамгирой ба манфиати рушди динамикии иқтисодиёти миллӣ ташкил менамоянд.

**Асосҳои методологии тадқиқот.** Ҳангоми навиштани тадқиқоти диссертатсионии мазкур усулҳои равиши системавӣ, таҳлил, синтез, дедуксия ва индуксия истифода шудаанд, ки имкони омӯзиши маҷмуӣ ва ҳамаҷонибаи робитаҳои мавҷудаи байни ҷузъҳои алоҳидаи системаи омӯхташавандаро медиҳанд, истифода шудаанд. Ҳангоми кор дар раванди тадқиқоти диссертатсионӣ усулҳои махсуси тадқиқотӣ: усули диалектикӣ, сохторӣ-функсионалии таҳлил, таҳлили оморӣ, усулҳои моделсозии эконометрикӣ, таҳлили коррелятсионӣ, инчунин, равиши системавӣ-функсионалӣ, ки барои дурнамои истифодаи натиҷаҳои тадқиқот пешбинӣ гардида буданд, истифода шудаанд.

Дар раванди тадқиқоти мазкур методологияи зерин истифода шудааст: методологияи фарқ кардани моделҳои хаттӣ ва ғайрихаттии ҳамгироии давлатҳо ва блокҳои ҳамгирой дар шароити муосир, равишҳои методӣ ба ташкили кластерҳои тиҷоратию-логистикӣ ва нишондиҳандаҳои онҳо дар доираи чаҳорчӯбаи иттиҳодияҳои ҳамгироии минтақавӣ муайян ва мушаххас карда шуда, усулҳои таъсири мутақобилаи равандҳои ҳамгироии минтақавӣ бо муҳити инноватсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия карда шуданд.

**Заминаи иттилоотии тадқиқотро** фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳо ва фармоишҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумоти таҳлилӣ ва оперативӣ аз вазорату идораҳои Тоҷикистон, маълумоти омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маҷмуаҳои Кумитаи омори ИДМ, хулоса (обзор)-ҳои таҳлилии СҲШ, ҲМИОМ, ХБА, БРАО, Бонки ҷаҳонӣ, маълумоти дар маҷаллаҳои илмии ватанӣ ва хориҷӣ ба табъ расида, ки дар сарчашмаҳои расмӣ ва дар манбаъҳои интернетӣ пешниҳод гардидаанд, инчунин, маводҳои аз ҷониби муаллиф дар ҷараёни кори таҳлилӣ ҷамъоварӣ ва ҷамъбаст кардашуда, ташкил менамоянд.

**Пойгоҳи тадқиқот.** Кори диссертатсионӣ дар кафедраи иқтисодиёти ҷаҳонии факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон солҳои 2012-2023 анҷом дода шудааст.

Давраи кор оид ба навиштани диссертатсия солҳои 2012-2023-ро дар доираи корҳои илмию тадқиқотии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз рӯйи самти «Манфиатҳои иқтисодии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва проблемаҳои таъмини онҳо дар шароити ҷаҳонишавӣ ва ҳамгироии иқтисодӣ», инчунин, дар доираи мавзуоти илмии дар «Самтҳои афзалиятноки тадқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» инъикос ёфта, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 сентябри соли 2020, №503 дар бораи масъалаҳои саноатикунонии босуръат, таҷдиди васеъ ва босуръати иқтисодиёт бо мақсади гузаштан аз ҷумҳурии аграрӣ ба саноатӣ, ташаккул ва истифодаи технологияи нави истеҳсолӣ, тақвият додани истифодаи намудҳои гуногуни энергия, бозсозии самаранок ва рушди инфрасохтори мавҷудаи саноатӣ ва роҳҳои интиқоли захираҳо ба бахши саноатӣ, истифодаи оқилонаи захираҳо,

системаҳои нақлиётию логистикӣ, технологияҳои инноватсионӣ ва таҳияи онҳо, таҳкими иқтидори транзитии кишвар тасдиқ шудааст, фаро мегирад.

**Навгонии илмии тадқиқоти диссертсионӣ** дар асоснокнамоии қонуниятҳои байналмилалишавӣ ва минтақавишавии муносибатҳо ва механизмҳои иқтисодӣ, инчунин, масъалаҳои танзими онҳо дар раванди иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ташаккул ва рушди иттиҳодияҳои ҳамгироӣ ва блокҳо дар сатҳи минтақа ба манфиати рушди динамикии иқтисодиёти миллӣ.

Натиҷаҳои муҳимтарини тадқиқот, ки навгониҳои илмиро мувофиқ ба вазифаҳои пешбинишуда муайян мекунанд, инҳоро дар бар мегиранд:

1. Хусусиятҳои рушди равандҳои ҳамгироии иқтисодии минтақавӣ дар шароити муосири гузариш аз хоҷагии ҷаҳонии яккутбӣ ба бисёрқутбӣ ошкор карда шудааст. Муайян карда шудааст, ки ҳамгироии минтақавӣ восита барои таҳкими мавқеъи давлатҳо дар низоми бисёрқутбӣ баромад карда, ҳамзамон, боиси гуногунрангӣ ва гуногуншаклии марказҳои сиёсию иқтисодии қудратҳо мегардад, ки дар сиёсат ва иқтисоди ҷаҳонӣ нақши калидиро иҷро мекунанд.

2. Дар асоси принсипи умумиметодологии ягонагии умумӣ, махсус ва алоҳида дар дарки ҳодисаҳои иқтисодӣ бори аввал дар адабиёти иқтисодӣ тафовути байни моделҳои хаттӣ ва ғайрихаттии ҳамгироии давлатҳо ва блокҳои ҳамгироӣ дар замони муосир нишон дода шудааст. Дар мисоли фаъолияти СҲШ, ҲМИОМ ва ИИАО тамоюлҳо ва бартариҳои модели ғайрихаттии ҳамгироии минтақавӣ муайян карда шуда, аҳамиятнокии ин иттиҳодияҳои ҳамгироии минтақавӣ барои рушди инфрасохтори истеҳсолӣ, нақлиётӣ ва энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар манфиатҳои рушди динамикии иқтисодиёти он асоснок карда шудааст.

3. Дар муқоиса бо равишҳои дар адабиёти иқтисодии ватанӣ мавҷудбуда вобаста ба категорияи «иқтисодиёти кушод», мафҳуми «иқтисодиёти кушоди динамикӣ» ба гардиши илмӣ ворид карда шудааст, ки равандҳои такрористеҳсолро дар доираи ҳамгироии иқтисодии минтақавӣ ошкор менамояд, ки онҳо ба тараққиёти инфрасохтори истеҳсолӣ, нақлиётӣ ва энергетикӣ барои рушди дарозмуддат ва устувори иқтисодиёти миллӣ нигаронида шудаанд.

4. Моделҳои ҳамкории мутақобилаи ҳамгироии давлатҳо дар доираи Иттиҳоди Аврупо, НАФТА, ИДМ, СҲШ, ИИАО ва ғайра ошкор карда шудаанд, ки ҳар кадоми онҳо дар байни иттиҳодияҳои ҳамгироии ҷаҳонӣ мувофиқ ба ҳадафҳо ва хусусиятҳои ҳамкории мутақобилаи ҳамгироӣ истифода мешаванд. Муайян карда шуд, ки тамоюли муосири ташаккули блокҳои тиҷоратӣ-иқтисодӣ дар шароити гузариш ба хоҷагии ҷаҳонии бисёрқутбӣ дар худ моделу шаклҳои гуногуни ҳамгироии минтақавӣ, таҳкими нақши блокҳои фаромиллӣ дар иқтисодиёти ҷаҳонӣ ва фаъолшавиро дар баробари муносибатҳои бисёртарафа, дутарафаи байни мамлакатҳо дар бар мегирад.

5. Муайян карда шудааст, ки иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар равандҳои ҳамгироии минтақавӣ ба манфиатҳои рушди устувор, бехатар ва динамикии иқтисодиёти миллӣ дар доираи сиёсати хориҷӣ ва муносибатҳои мутақобилаи иқтисодии он бо кишварҳои шарик ҷавобгӯ буда, ба татбиқи

ҳадафҳои миллии рушди кишвар, аз қабили амнияти энергетикӣ ва озуқаворӣ, бароммадан аз бунбасти коммуникатсионӣ ва саноатикунонии босуръат алоқаманд мебошад.

6. Муаллиф ошкор кардааст, ки иштироки кишварҳо – шарикони тиҷоративу иқтисодии минтақавӣ дар рушди иқтисодии Тоҷикистон ба рушди иқтисодиёти миллӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ, беҳбудгардонии инфрасохтор ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ мусоидат мекунад. Инчунин, ин ба рушди савдои хориҷӣ ва ҷалби сармояи хориҷӣ низ мусоидат мекунад, ки омилҳои калидии рушди босуръати иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд.

7. Дар асоси моделсозии эконометрикии равандҳои дар доираи ҳамгироии минтақавии иқтисодӣ ба вуҷудоянда вобастагии мусбии байни:

- ҳаҷми сармояи хориҷии ба Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағгузоришаванда ва афзоиши рушди иқтисодӣ;

- ҳаҷми сармоягузории хориҷӣ ба рушди инфрасохтори нақлиётӣ ва шохиси мусбии самаранокии логистикии кишвар ва дар ин замина, баланд шудани ҷолибияти савдои байналмилалӣ ва амалиёти транзитӣ;

- амалигардонии иқтидори содиротии соҳаҳое, ки дар онҳо кишвар дар доираи ҳамгироии минтақавии иқтисодӣ ва рушди иқтисодии Тоҷикистон бартариҳои муқосавӣ дорад, муайян карда шудааст.

8. Асоснок карда шудааст, ки иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар чунин лоиҳаҳо, аз қабили иттиҳодияҳои ҳамгироии СҲШ ва ҲМИОМ ба рушди инфрасохтори нақлиётӣ дар минтақаҳои фарогирии онҳо, транзити нерӯи барқ дар доираи CASA-1000 ва ташаккули долонҳои нақлиётию иқтисодии байни мамлакатҳои ҳамгирошаванда мусоидат менамоянд.

9. Механизми таъсири мутақобилаи саноатикунонӣ ба иқтидори содиротии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар робита ба иштироки кишвар дар иттиҳодияҳои ҳамгироии минтақавӣ таҳия карда шудааст. Асоснок карда шудааст, ки татбиқи иқтидори содиротии кишвар бояд бо инфрасохтори муассири нақлиётию коммуникатсионӣ ва дастгирии логистикии байналмилалӣ тақвият дода шавад, ки онҳо расондани молҳоро ба бозорҳои байналмилалӣ таъмин намуда, ба баланд шудани рақобатпазирии саноати рушдкардаистодаи Тоҷикистон мусоидат мекунанд.

10. Муайян карда шудааст, ки дар доираи равандҳои ҳамгироии минтақавӣ ҳамкориҳо дар соҳаи илм ҳамчун яке аз унсурҳои ҳамгироии ғайрихаттии иқтисодӣ ба тиҷоратӣ гардонидани дастовардҳо дар ин соҳаҳо мусоидат намуда, дар ҳавасмандгардонии рушди инноватсионии иқтисодӣ ва тағйироти сохторӣ дар иқтисодиёти миллии Тоҷикистон нақши калидӣ мебозад, ки он имкони рақобатпазирии кишварро дар бозорҳои ҷаҳонӣ ва минтақавӣ таъмин менамояд ва барои рушди устувору динамикии иқтисодиёти миллӣ дар давраи дарозмуддат шароит фароҳам меорад.

11. Равишҳои методӣ барои таъсиси кластерҳои тиҷоратию логистикӣ ва нишондиҳандаҳои арзёбии самаранокии онҳо дар иқтисодиёти кушоди динамикӣ асоснок карда шуда, алгоритми ташкили кластери тиҷоратию логистикӣ ҷиҳати баланд бардоштани фаъолияти иқтисодии хориҷӣ дар

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар чаҳорчӯби иттиҳодияҳои ҳамгироӣ таҳия карда шудааст.

12. Усулҳо ва воситаҳои вобастагии (алоқамандии) равандҳои ҳамгироии минтақавӣ ва сенарияи индустриалӣ-инноватсионии рушди динамикии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки онҳо ба тавсеаи бозорҳои фурӯш, ҷалби сармоягузориҳо, таҳвили технологияҳо ва донишҳо ва дар ниҳоят, ба баланд шудани рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ мусоидат мекунанд, муайян карда шудаанд.

**Муқаррароти асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда.** Ба ҳимоя муқаррарот ва натиҷаҳои тадқиқоти илмии зерини ба дастовардаи муаллиф пешниҳод карда мешаванд:

- алоқамандии рушди равандҳои ҳамгироии иқтисодии минтақавӣ дар шароити муосири гузариш аз хоҷагии ҷаҳонии яккутбӣ ба бисёркутбӣ бо чунин хусусиятҳо, аз қабили саъйу кӯшиши давлатҳои дорои бозорҳои ташаккулёбанда барои мустаҳкам намудани мавқеъи худ дар арсаи ҷаҳонӣ; таъсис додани блокҳои қавитар ва рақобатпазири минтақавӣ барои ҳифзи манфиатҳо ва тавсеаи имкониятҳо дар савдои ҷаҳонӣ ва сармоягузориҳо; муттаҳид намудани захираҳо, технологияҳо, сармоягузориҳо бо мақсади таҳкими муносибатҳои сиёсии байни кишварҳои иштирокчии иттиҳодияҳои ҳамгироӣ ва коҳиш додани вобастагии онҳо аз омилҳои беруна, аз ҷумла, аз ноустувории бозорҳои ҷаҳонӣ ё бӯҳронҳои сиёсӣ;

- авлавиятҳои ҳамгироии хаттии иқтисодии минтақавӣ иборат аст аз: дастрасӣ ба бозори васеътари минтақавӣ, афзун шудани ҳаҷми истеҳсолот ва даромадҳои иқтисодиёти миллӣ, соддагардонии расмиёти савдо ва ба вуҷуд овардани қоидаҳои ягона дар савдои минтақавӣ. Дар навбати худ, мисолҳои фаъолияти СҲШ, ҲМИОМ, ИИАО ҳамчун модели ғайрихаттии ҳамгироии иқтисодии минтақавӣ чунин авлавиятҳоро, аз қабили афзоиши сармоягузории мутақобила, фаъолшавии сармоягузорӣ дар соҳаи инфрасохтори истеҳсолӣ, нақлиётӣ ва энергетикии кишварҳо, дастгирии хоҷагии қишлоқ ва дигар соҳаҳои муҳимми иқтисодиёт, инчунин, навсозии инноватсионии равандҳои истеҳсолӣ, ки ба ҳам пайвастани манфиатҳои рушди динамикии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва гурӯҳҳои ҳамгироиро инъикос мекунанд;

- категорияи «иқтисодиёти кушоди динамикӣ» равандҳои такрористеҳсолро дар доираи ҳамгироии иқтисодии минтақавӣ тавассути рушди инфрасохтори истеҳсолӣ, нақлиётӣ ва энергетикӣ барои рушди дарозмуддат ва устувори иқтисодиёти миллӣ ошкор менамояд. Нишондиҳандаи арзёбии иқтисодиёти кушоди динамикӣ коэффитсиенти кушодии такрористеҳсол мебошад, ки он имкони арзёбӣ кардани вобастагии иқтисодиёти миллиро аз омилҳои беруна ва омодагии кишвари ҳамгирошавандаро барои ҳамкорӣ бо дигар кишварҳо ба манфиати афзун кардани истеҳсолот ва беҳтаргардонии сифати зиндагии аҳолӣ медиҳад;

- моделҳои беназири ҳамкориҳои мутақобилаи ҳамгироӣ дар доираи ИА, НАФТА, ИДМ, СҲШ, ИИАО ва ғайра равишҳои гуногунро ба ҳамгироӣ дар иқтисодиёти ҷаҳонии муосир нишон медиҳанд. Хусусияти онҳо дар шароити

гузариш ба хоҷагии ҷаҳонии бисёрқутбӣ аз инҳо иборат аст: а) интихоби соҳаҳои систематашкилкунандаи иқтисодиёт барои ҳамгироӣ; б) рушди соҳаҳои хамдигарро пурракунандаи иқтисодиёти миллӣ; в) рушди афзалиятнок ва махсусгардонии соҳаҳо дар асоси бартариятҳои рақобатӣ бо мақсади воридотивазнамоӣ; г) фаъолона инкишоф додани инфрасохтори асосӣ барои вусъат додани савдои байниҳамдигарӣ ва берунӣ. Дар баробари ин, ташаккулёбии хоҷагии ҷаҳонии бисёрқутбӣ дар роҳи ноил шудан ба ҳадафҳои ҳамгироии ягонаи иқтисодӣ душвориҳо ба миён оварда, боис ба пурзӯр шудани нақши блокҳои фаромиллӣ дар иқтисодиёти ҷаҳонӣ ва фаъол гардидани муносибатҳои дуҷонибаи кишварҳо мегардад;

- иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар равандҳои ҳамгироии минтақавӣ ба таъмини рушди устувор, бехатар ва динамикии иқтисодиёти миллӣ дар доираи манфиатҳои сиёсати хориҷӣ ва беруниитисодии он нигаронида шудааст, ки ба сифати яке аз омилҳои калидии ноил шудан ба ҳадафҳои миллии рушди кишвар – таъмини амнияти энергетикӣ ва озуқаворӣ, раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ ва саноатикунонии босуръат баромад менамояд;

- омилҳои калидии рушди динамикии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити иштироки кишвар дар равандҳои ҳамгироии минтақавӣ инҳоянд: а) ташаккули механизми ҳамкории мутақобилан судманд, ки онҳо табодули таҷриба, технологияҳо, сармоя, захираҳо ва такмил додани равандҳои истеҳсолиро дар кишвар ҳавасманд мекунанд; б) ҳавасмандгардонии рушди иқтисодӣ тавассути интенсификатсияи савдои байналмилалӣ ва сармоягузориҳо, ки боис ба таъсиси ҷойҳои нави корӣ мегардад; в) навсозии инфрасохтори нақлиётӣ, коммуникатсионӣ, энергетикӣ ва логистикӣ, ки дастрасии аҳолиро ба хизматрасониҳои ҳаётан муҳим таъмин менамояд; г) ташаккул додани манбаъҳои иловагии маблағгузорӣ барои татбиқи лоиҳаҳои миллии стратегии навсозӣ ва рушди иқтисодиёти кишвар;

- моделсозии эконометрикии равандҳоеро нишон медиҳад, ки дар доираи иштироки Тоҷикистон дар ҳамгироии иқтисодии минтақавӣ ба вуқӯъ меоянд, яъне: ҳангоми афзоиши сармоягузории мустақими хориҷӣ ба 1 банди фоизӣ, содироти нерӯи барқ, маҳсулоти маъданӣ ва маводҳои нассоҷӣ ба 1 миллион доллар, ММД-и кишвар мутаносибан 0,04 фоиз ва 8,74, 3,34 ва 0,42 миллион доллар дар шароити бетағйир боқӣ мондани омилҳои дигар (бо нигоҳ доштани сатҳи содироти дигар молҳо) зиёд мешавад, ки зарурати беҳтар намудани фазои сармоягузориро дар кишвар нишон медиҳад; зиёд шудани ҳаҷми сармоягузории хориҷӣ ба рушди инфрасохтори нақлиётии Тоҷикистон ва афзоиши шохиси самаранокии логистика (ШСЛ) дар кишвар нишон медиҳад, ки ҳангоми афзоиши ҳаҷми сармоягузории хориҷӣ ба 1 миллион сомонӣ, ҳаҷми гардиши савдои хориҷӣ 0,3421 миллион доллар афзун мешавад ва ҳангоми афзоиши ШСЛ ба 1 пункт, ҳаҷми гардиши савдои хориҷии кишвар 34,7602 миллион доллар меафзояд;

- иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар СҲШ ва ҲМИОМ ба ҳадафҳои зерин нигаронида шудааст: а) татбиқи лоиҳаҳои ҳамгироӣ дар чунин соҳаҳо, ба монанди сохтмон, навсозии инфрасохтори нақлиётӣ ва шабакаҳои самараноки

логистикии нақлиётӣ; б) таъсиси системаҳои байнидавлатии интиқоли нерӯи барқ (CASA-1000), ки тавсеа ва диверсификатсияи содироти нерӯи баркро таъмин намуда, як қатор бартариҳоро барои рушди иқтисодӣ дар минтақа таъмин менамояд; в) ташаккули шабакаҳои мултимодалии долонҳои нақлиётӣ ва иқтисодӣ байни кишварҳо, ки ба мукаммалгардонӣ ва рушди робитаҳои тиҷоратӣ дар асоси соддагардонӣ ва кам кардани монеаҳои гумрукӣ ва маъмурӣ дар сарҳадоти байни давлатҳои аъзо, ҳамгироии бозорҳо ва рушди савдои дохилиминтақавӣ ва байниминтақавӣ мусоидат менамояд; г) дастрасӣ ба бозорҳои ҷаҳонӣ ва минтақавӣ, рушди ҳамкориҳои иқтисодии байни давлатҳои аъзои гурӯҳҳои ҳамгирой;

- татбиқи ҳадафи чоруми стратегии кишвар – саноатикунонии босуръат, истеҳсоли маҳсулот ва хизматрасониҳои навро бо арзиши баланди иловашуда ва рушди занҷираҳои мураккабтари истеҳсол ва фурӯши молҳоро дар соҳаҳои содиротии иқтисодиёти миллӣ аз ҳисоби имкониятҳои нави ҳамкориҳои байниминтақавӣ/дохилиминтақавӣ, инчунин, татбиқи лоиҳаҳои муштаракро дар доираи иттиҳодияҳои ҳамгироии минтақавӣ, хусусан, дар чунин самтҳо, ба монанди энергетикаи сабз, истихроҷи маъдан ва саноати нассоҷӣ, истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ, металлургияи ранга, МОИ ва технополисҳоро таъмин менамояд;

- ҳамкорӣ дар соҳаи илми кишварҳои ба иттиҳодияҳои ҳамгирой дохилгардида, яке аз унсурҳои муҳимми модели ғайрихаттии ҳамгироии иқтисодӣ мебошад ва дар он донишҳо ва захираҳои кишварҳои гуногун барои ҳалли масъалаҳои мураккаби муосири иқтисодиёти ҷаҳонӣ муттаҳид карда мешаванд, ки он ба фаъол шудани чунин шаклҳои муносибатҳои байналхалқии иқтисодӣ, ба монанди табодул (трансферт)-и технологияҳои нав ва тиҷоратикунонии КИТТК меоварад, ки он имконияти арзёбии рақобатпазирии ҷаҳонии кишварҳои ҳамгирошавандаро на танҳо дар асоси истифодаи самараноки захираҳои табиӣ, балки, пеш аз ҳама, дар асоси баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат дар раванди рушди устувор ва динамикии иқтисодиёти миллӣ дар дурнамои дарозмуддат таъмин менамояд;

- равишҳои методологӣ барои ташкил кардани кластерҳои тиҷоратию логистикӣ таъкид шудааст, ки онҳо дар худ унсурҳои кооператсия, миқёси хеле калон, синергия, инноватсия ва дастгирии давлатиро дар бар мегиранд. Ташкил кардани кластерҳои тиҷоратию логистикӣ ба фаъол гардидани фаъолияти иқтисодии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат менамояд ва онҳо метавонанд ба минтақаҳои махсусгардонидашуда барои чунин соҳаҳо, аз қабили нассоҷӣ, хӯрокворӣ, сохтмон ва ғайра табдил ёбанд, ки ҷалби мутахассисон ва технологияҳоро ба ин соҳаҳо имконпазир мегардонанд;

- усулҳо ва воситаҳои пайваст кардани (алоқамандии) равандҳои ҳамгироии минтақавӣ ва сенарияи индустриалӣ-инноватсионии рушди динамикии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар худ чунин воситаҳои идоракуниро, аз қабили таҳлил, банақшагирӣ, ташкил ва назоратро дар бар мегиранд ва онҳо ба визуализатсияи ҷойгирнамоӣ ва ҳамкории мутақобилаи агентҳо дар муҳити инноватсионӣ ва эҷоди санадҳои ташкилию иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ мусоидат

намуда, параметрҳои муносибатҳои шартномавии байни кишварҳои ҳамгирошавандаро муайян менамоянд.

**Аҳаммияти назариявии тадқиқот** дар асоснок кардани иштироки кишвар дар равандҳои ҳамгироии минтақавӣ ҳамчун воситаи таҳкими мавқеи он дар шароити гузариш ба системаи бисёрқутбаи хоҷагии ҷаҳонӣ, ки ба манфиатҳои рушди устувор, бехатар ва динамикии иқтисодиёти миллӣ ҷавобгӯ мебошад, иборат аст. Тадқиқот ба ғанӣ гардонидани системаи донишҳо дар бораи моделҳои хаттӣ ва ғайрихаттии ҳамгироии давлатҳо ва механизмҳои ҳамкории мутақобилаи байни ҳамгироии минтақавӣ ва рушди динамикии иқтисодиёти миллӣ мусоидат мекунад. Ба гардиши илмӣ мафҳуми «иқтисодиёти кушоди динамикӣ» бо нишондиҳандаи коэффитсиенти кушодии такрористеҳсол ворид карда шудааст, ки он метавонад ба сифати заминаи методологии таҳқиқи вазъи ҳамкории мутақобилаи кишвар дар доираи иттиҳодияҳои ҳамгироӣ истифода шавад. Натиҷаҳои таҷрибавии моделҳои регрессивӣ дар доираи иштироки кишвар дар равандҳои ҳамгироии минтақавӣ тасаввурот (фаҳмиш)-ро дар бораи таъсири афзоиши сармоягузории мустақими хориҷӣ ба зиёд шудани содироти молҳои истеҳсолкунандагони ватанӣ васеъ менамояд.

**Аҳаммияти амалии** кори диссертатсионии иҷрошуда дар асоснокнамоии илмии имконияти истифодаи натиҷаҳои бадастомада барои арзёбии татбиқи манфиатҳои кишвар бо мақсади рушди динамикии иқтисодиёти миллӣ дар доираи иттиҳодияҳои ҳамгироӣ мебошад ва метавонад дар фаъолияти мақомоти давлатии идоракунӣ дар таҳия кардани тавсияҳо ва механизмҳои нави баланд бардоштани самаранокии иштироки он дар блокҳои ҳамгироии минтақавӣ, инчунин, ҳангоми таҳияи стратегияи миллии рушди равандҳои ҳамгироӣ мавриди истифода қарор гирад. Маводи тадқиқоти диссертатсионӣ дар раванди таълими муассисаҳои таҳсилоти олии касбии самти иқтисодӣ ҳангоми таълими фанҳо аз рӯйи фанҳои «Иқтисодиёти ҷаҳонӣ», «Равандҳои ҳамгироӣ дар иқтисодиёти ҷаҳонӣ», «Савдои байналмилалӣ», «Сармоягузориҳои байналмилалӣ» ва ғайра истифода карда мешаванд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** бо интихоб, даркнамоӣ ва таҳлили маводи аналитикӣ (ҷамъоварӣ, сохторбандӣ, коркард ва таҳлили захираҳои оморӣ ва иттилоотӣ) ва нашрияҳои иттиҳодияҳои ҳамгироии минтақавии фаъолияткунанда ҳам дар иқтисодиёти муосири ҷаҳонӣ ва ҳам дар фазои ИДМ ва Осиёи Марказӣ, пеш аз ҳама, бо иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин карда шудааст. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии миқдори зиёди маъхазҳои гуногуни илмӣ ва тадқиқоти таҷрибавию таҳлилие, ки ба рушди равандҳои ҳамгироии минтақавӣ ва рушди динамикии иқтисодиёти миллӣ алоқамандӣ доранд, таҳия карда шудаанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ бар сархатҳои зерини Шиносномаи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.13 – Иқтисодиёти ҷаҳонӣ: III.4. Байналмилалишавии ҳаёти хоҷагидорӣ. Ҷаҳонишавии фаъолияти иқтисодӣ, омилҳо, марҳилаҳо, самтҳо ва шаклҳои он. Баҳамтаъсиррасонии ҳамгироии минтақавӣ ва ҷаҳонишавии иқтисодӣ; III.5. Равандҳои ҳамгироӣ дар

минтақаҳои рушдёфта ва рушдёбандаи ҷаҳон, қонуниятҳои инкишофи ин равандҳо, арзёбии дурнамои ҳамгироиҳои блокҳо ва иттиҳодияҳои гуногуни тиҷоратиию иқтисодӣ; III.7. Баҳамвобастагии байналмилалии иқтисодӣ. Таъмини инкишофи устувори иқтисодиёти миллӣ ва ҷаҳонӣ. Стратегияҳои миллии инкишофи иқтисодӣ; III.25. Иқтисоди миллии кишварҳои алоҳида дар низоми робитаҳои хоҷагии ҷаҳонӣ: проблемаҳои муносибгардонии ҳамкорӣ ва таъмини манфиатҳои миллии иқтисодӣ. Мухолифатҳои байналмилалии иқтисодӣ, сабабҳо ва методҳои ҳалли онҳо; III.26. Манфиатҳои иқтисодии хориҷии Тоҷикистон дар бозори ҷаҳонӣ ва дар муносибат бо кишварҳои алоҳида ва гурӯҳи кишварҳо. Проблемаҳои геоиқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, афзалиятҳои стратегии он ва дурнамои фаъолияти иқтисодии хориҷӣ; III.28. Роҳҳо ва шаклҳои ҳамгироии Тоҷикистон ба низоми робитаҳои хоҷагии ҷаҳонӣ. Вижагиҳои фаъолияти иқтисодии хориҷӣ дар сатҳи корхонаҳо, соҳаҳо ва минтақаҳо; III.29. Иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тақсимоти байналмилалии меҳнат. Ташаккул ва дурнамои рушди иқтидори содиротӣ ва эҳтиёҷоти воридотии иқтисодиёти Тоҷикистон. Имкониятҳои беҳтарсозии махсусгардонии истеҳсолии байналмилалии Тоҷикистон мутобиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаб дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии муаллиф дар иштироки бевоситаи ӯ дар ҳар як марҳилаи тадқиқот: аз асосноккунии мубрамияти мавзуъ, муайян кардани ҳадаф ва вазифаҳо, таҳияи муқаррароти назариявӣ ва методологӣ, тавсияҳо ва хулосаҳои тадқиқоти диссертатсионӣ то инъикоси натиҷаҳои он дар нашрияҳои илмӣ ва маърӯзаю гузоришҳо дар конференсияҳо иборат аст. Саҳми шахсии муаллифро ба гардиши илмӣ ворид намудани мафҳуми «иқтисодиёти кушоди динамикӣ» тасдиқ мекунад, ки он равандҳои такрористеҳсолӣ ва татбиқи манфиатҳои иқтисодии кишварро дар доираи ҳамгироии иқтисодии минтақавӣ ошкор мекунад. Иштироки шахсии муаллиф дар ба даст овардани натиҷаҳои тадқиқот дар таҳқиқи системавии моделҳои хаттӣ ва ғайрихаттии ҳамгироӣ дар шароити гузариш аз хоҷагии ҷаҳонии яккутбӣ ба бисёрқутбӣ ва алоқамандии манфиатҳои рушди динамикии иқтисодиётти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар гурӯҳҳои ҳамгироӣ, инчунин, дар таҳияи механизми таъсири мутақобилаи саноатикунонӣ ба иқтидори содиротии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар робита ба иштироки кишвар дар иттиҳодияҳои ҳамгироии минтақавӣ бо мақсади рушди динамикии иқтисодиёти миллӣ иборат аст.

**Тасвиб ва татбиқи натиҷаҳои тадқиқот.** Натиҷаҳои таҳқиқот ва муқаррароти асосии кори диссертатсионӣ дар як қатор конференсияву семинарҳои илмию амалии байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ (солҳои 2012-2024) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ироа гардида, мусбат арзёбӣ гардидаанд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Муаллиф дар асоси маводи тадқиқоти диссертатсионӣ 60 кори илмӣ, аз ҷумла, 5 монография дар ҳаҷми 61,25 ҷ.ч. (аз он 25,72 ҷ.ч. муаллифӣ), 1 мақола дар SCOPUS ва 23 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳаҷми 16,1 ҷ.ч. ба табъ расонидааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Кори диссертатсионӣ аз муқаддима, панҷ боб, 15 зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат аст. Кор дар 417 саҳифа, 42 ҷадвал, 37 диаграмма ва 62 расм оварда шудааст. Рӯйхати адабиёт 368 номгӯйро дар бар мегирад.

## ҚИСМИ АСОСИИ ТАҲҚИҚОТ

**Дар муқаддима** мубрамияти мавзуи тадқиқоти диссертатсионӣ асоснок карда шуда, дараҷаи таҳқиқи он арзёбӣ гардида, объект ва мавзуъ (предмет)-и тадқиқот, мақсад ва вазифаҳои он, асосҳои назариявӣ ва методологӣ, фарзияи корӣ, навгониҳои илмӣ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявӣ ва амалии он муайян карда шудааст.

**Дар боби якуми тадқиқоти диссертатсионӣ «Равишҳои консептуалии тадқиқот ва тамоюлҳои муосири рушди равандҳои минтақавии ҳамгироӣ»** дар асоси усули равиши системавӣ назарияҳо, методологияи тадқиқот ва моделҳои ҳамкориҳои мутақобилаи ҳамгироии давлатҳо дар давраи гузариш аз ҷаҳони яккутба ба ҷаҳони бисёрқутба таҳқиқ гардида, қонуниятҳо ва тамоюлҳои рушди гурӯҳҳои тиҷоратию иқтисодӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ ва минтақавишавӣ муайян карда шудааст.

Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ қайд карда мешавад, ки ҳамгироии иқтисодии байналмилалӣ - ин раванди муттаҳидсозии иқтисодиёти миллӣ дар доираи тартиботи иқтисодии ҷаҳонӣ мебошад, ки дар худ коҳиш додани монеаҳои тиҷоратӣ, ҷорӣ намудани асъори ягона, созишномаҳои муштараки тиҷоратӣ ва ҳамкорӣ дар соҳаи молия ва сармоягузориро дар бар мегирад. Ҳамгироӣ дар шароити гузариш аз ҷаҳони яккутбӣ ба бисёрқутбӣ раванди мураккаб ва бисёрҷанба мебошад.

Муаллифи диссертатсия қайд мекунад, ки дар шароити муосир ҷаҳони бисёрқутба ба мавҷуд будани якчанд давлатҳои абарқудрат ва бонуфуз ва гурӯҳҳои онҳо, ки дорои захираҳои бузурги сиёсӣ, иқтисодӣ ва ҳарбӣ мебошанд, тавсиф меёбад. Дар чунин ҷаҳон бартарии равшани як абарқудрат вуҷуд надорад, аммо ҳокимият дар байни иштирокчиёни гуногун тақсим карда шудааст. Дар ин асос ҳамгироии байналхалқии давлатҳо шаклҳои гуногуни ҳамкорӣ, аз қабили блокҳои ҳамгироии иқтисодӣ, иттифоқҳои сиёсию ҳарбӣ, ҳамкориҳои фарҳангӣ, ҳалли якҷояи масъалаҳои иҷтимоии мамлакатҳои ба иттиҳоди ҳамгироӣ дохилшавандаро дар бар мегирад. Чунин равандҳои ҳамгироӣ ба мустаҳкам шудани муносибатҳои ба ҳамдигар судманди байни давлатҳо, афзун шудани иқтидори иқтисодӣ, сиёсӣ ва ҳарбии онҳо хизмат мекунанд.

Дар диссертатсия нишон дода шудааст, ки ҷаҳони бисёрқутбӣ барои давлатҳо ҷиҳати таҳкими мавқеъашон дар арсаи ҷаҳонӣ зарурати рушди ҳамкорӣ ва ҳамгироиро ба вуҷуд меорад. Ҳамгироӣ ба давлатҳо имконият медиҳад, ки захираҳо ва нерӯи худро барои гирифтани бартарият дар рақобат то бо дигар қутбҳои ҷаҳон муттаҳид созанд.

Аз тарафи дигар, худи ҳамгироии байналхалқии давлатҳо ба барқароршавии ҷаҳони бисёркутба мусоидат менамояд. Блокҳои ҳамгироӣ, ба монанди Иттиҳодияи Аврупо, СҲШ ё БРИКС маҷбуранд, ки дар сиёсат ва иқтисоди

ҷаҳонӣ қутбҳои алтернативиро ба вуҷуд оварда, барои ҳалли масъалаҳои глобалӣ ва муқовимат ба гегемонияи як давлат якҷоя амал намоянд.

Алоқамандии ҳамгироии байналмилалии давлатҳо ва ҷаҳони бисёрқутбӣ аз он иборат аст, ки ҳамгироӣ метавонад воситаи мустаҳкам намудани мавқеи давлатҳо дар низоми бисёрқутбӣ буда, ҳамзамон, боис ба гуногунрангӣ ва гуногуншаклии марказҳои сиёсию иқтисодии қувваҳо гардад.

Дар диссертатсия ҳафт модели ҳамкориҳои мутақобилаи ҳамгироӣ байни давлатҳо, ки дар доираи Комиссия иқтисодии АвруОсиё (КИАО) қабул шудаанд, мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Ҳар яке аз моделҳо дар байни иттиҳодияҳои ҳамгироии ҷаҳонӣ мувофиқи мақсадҳо ва хусусиятҳои ҳамкориҳои мутақобилаи ҳамгироӣ истифода мешаванд. Маълумоти омори байналмилалӣ нишон медиҳад, ки ҳамаи моделҳои баррасишуда иқтидори ҳамгироии кишварҳои ширкаткунандаро афзун менамоянд, ташкили занҷираҳои самараноки истеҳсолӣ, интиқол ё фурӯши технологияҳои инноватсиониро ба давлатҳои иштирокчӣ имконпазир гардонида, барои аз кишварҳои иштирокчӣ ба раванди истеҳсолот ҷалб намудани қувваи кории нисбатан баландихтисос ва ё арзон кумак мекунанд, ва инчунин, бо истифодаи ҳам муассисаҳои бонкии муштарак ва ҳам шарикии давлат ва бахши хусусӣ лоиҳаҳои маблағгузории якҷояро ташкил ва роҳандозӣ менамоянд.

Дар диссертатсия қайд шудааст, ки ҳамкориҳои ҳамгироӣ байни мамлакатҳо дар шароити ташаккулёбии ҷаҳони бисёрқутбӣ ба афзоиши ҳаҷми савдо ва рушди динамикии иқтисодиёт мусоидат менамояд.

Ҳамкориҳои ҳамгироӣ бо сиёсати савдои мамлакат зич алоқаманд мебошад, зеро он ба роҳ мондани муносибатҳои махсуси байни давлатҳои иштирокчиро барои ташкили бозори умумӣ пешбинӣ менамояд. Сиёсати савдои мамлакат, инчунин ба ҳамкориҳои ҳамгироӣ бо истифода аз созишномаҳои тиҷоратӣ, ҳамчун восита барои ноил шудан ба манфиатҳои иқтисодии мамлакат дар доираи иттиҳоди ҳамгироӣ таъсир мерасонад.

Дар боби якуми таҳқиқоти диссертатсионӣ равиши консептуалии дар адабиёти иқтисодӣ вуҷуддошта дастгирӣ ёфтааст, ки тибқи он сиёсати савдои хориҷии мамлакат ба ҳамгироии корхонаҳои миллӣ ба фазои иқтисодии ҷаҳонӣ бо ду роҳи асосӣ бевосита таъсир мерасонад. Аввалан, сиёсати савдо метавонад ба афзоиши арзиши захираҳои ба робитаҳои ҳамгироӣ ҷалбшаванда мусоидат намояд ва тарифҳои баланд ба молҳои мобайнӣ дар системаи тақсимоти байналмилалии меҳнат ҷолибияти мамлакатҳоро барои сармоягузориҳои ҷаҳонӣ коҳиш дода, ба локализатсияи равандҳои истеҳсолӣ зарар мерасонад. Сонияи, шароити номусоиди дастрасӣ ба бозор корхонаҳои ба васлкунии маҳсулоти тайёр махсусгардонидашударо дар мавқеи вобаста ҳангоми тақсимоти маҳсулоти тайёр дар байни истеъмолкунандагон дар бозорҳои ҷаҳонӣ ва минтақавӣ ҷойгир менамояд.

Хоҷагии муосири ҷаҳонӣ бо ташаккул ва рушди блокҳои тиҷоратию иқтисодӣ тавсиф меёбад, ки онҳо гурӯҳҳои мамлакатҳоро бо мақсади беҳтар намудани муносибатҳои тиҷоратӣ ва ҳамкориҳо дар соҳаи иқтисод муттаҳид мекунанд.

Яке аз тамоюлҳои асосии ташккулёбии чунин блокҳо минтақавишавии иқтисодиёти ҷаҳонӣ мебошад. Дар доираи ин раванд мамлакатҳои дар як минтақа ҷойгирбуда барои ҳалли якҷояи масъалаҳо ва ба даст овардани манфиатҳои иқтисодии тарафайн муттаҳид мешаванд. Чунин блокҳои минтақавӣ, аз қабили Иттиҳоди Аврупо ё Ассотсиатсияи кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ барои савдои озод ва мубодилаи молҳо ва хизматрасониҳо, инчунин, ҳаракати сармоя байни кишварҳои аъзо таъсис дода мешаванд.

Дар кори диссертатсионӣ нишон дода шудааст, ки тамоюли муҳимми раванди ҷаҳонишавӣ ташаккули блокҳои фаромиллӣ мебошад. Ин блокҳо давлатҳоро аз минтақаҳои гуногуни ҷаҳон бо мақсади мустаҳкам намудани муносибатҳои иқтисодии онҳо дар ҷаҳони бисёрқутбии ташаккул ёфтаистода муттаҳид менамоянд. Намунаи чунин блокҳо дар худ Шарикии фароатлантикии тиҷоратӣ ва сармоягузории байни ИМА ва ИА (ки аз соли 2017 боздошта шудааст) ва инчунин, бозори умумии МЕРКОСУР, ки он мамлакатҳои Америкои Ҷанубиро фаро мегирад, дохил мешаванд. Блоки ҳамгироии байналхалқии мамлакатҳо ба муттаҳиднамоии якчанд кишварҳо, ки ба ҳамин иттиҳод шомиланд, ба ташаккул додани бозори умумӣ бо тадриҷан бартараф намудани маҳдудиятҳои тарифӣ ва ғайритарифӣ нигаронида мешаванд.

Тавре ки аз тадқиқоти диссертатсионӣ бармеояд, савдои байналмилалӣ яке аз унсурҳои асосии ҳамгироӣ ба блокҳои байналмилалӣ маҳсуб меёбад. Вай ба афзоиши мубодилаи молҳо, хизматрасониҳо ва сармояҳо дар байни мамлакатҳо мусоидат карда, рушди иқтисодиро ҳавасманд мегардонад ва ба инкишофи технологияҳо ва баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ таъсир мерасонад.

Рушди савдои байналмилалӣ ҳамчун яке аз ҷанбаҳои асосӣ ва бунёдии ҷаҳонишавии муосир боқӣ монда, афзоиши ҳаҷми молҳо ва хизматрасониҳоро имконпазир мегардонад, ки онҳо ба манфиати тартиботи ҷаҳони бисёрқутбӣ тавассути сарҳадоти мамлакатҳои гуногун мубодила мешаванд. Ин ба туфайли коҳиш ёфтани монеаҳои тиҷоратӣ, ба монанди боҷҳои гумрукӣ ва квотаҳо ба воридот, инчунин, рушди технологияҳо ба вуқӯъ меояд, ки онҳо савдои байналмилалиро дар доираи ташаккулёбии бошиддати блокҳои тиҷоратию иқтисодӣ сабуктар гардонида, хусусиятҳои равандҳои муосири ҳамгироии минтақавиро муайян мекунанд.

Дар диссертатсия қайд қайд карда шудааст, ки рушди савдои хориҷӣ дар Осиёи Марказии пасошуравӣ якчанд хусусиятҳоро доро мебошад:

1. Моли асосии содиротии мамлакатҳои Осиёи Марказӣ манобеъи энергетикӣ, асосан, нафту газ ба ҳисоб меравад. Масалан, Туркманистон яке аз бузургтарин истеҳсолкунанда ва содиркунандаи гази табиӣ дар ҷаҳон мебошад. Мамлакатҳои дигар низ захираҳои калони нефту газ доранд.

2. Минтақаи Осиёи Марказӣ аз нигоҳи ҷуғрофӣ дорои мавқеи мусоид дар маркази АвруОсиё мебошад, ки ин ба он имкониятҳои инкишоф додани масирҳои тиҷоратии транзитиро фароҳам меорад. Яке аз намунаи чунин масир Долони байналмилалии транзитии «Аврупо-Қафқоз-Осиё» (TRACECA) мебошад, ки аз қаламрави Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон, Туркманистон ва Ӯзбакистон мегузарад.

3. Савдои хориҷии Осиёи Марказӣ бо Россия ва Хитой хеле хуб рушд кардааст. Россия бузургтарин шарики тиҷоратии ҳамаи мамлакатҳои минтақа ба ҳисоб меравад ва Хитой бошад, дар чаҳорчӯби ташаббуси худ «Як камарбанд, як роҳ» равобити сармоягузорӣ ва тиҷоратии худро бо Осиёи Марказӣ фаъолона афзоиш медиҳад.

Дар баробари ин, аз нигоҳи муаллифи диссертатсия, савдои хориҷӣ дар Осиёи Марказӣ аз сабаби инкишофи сусти инфрасохтор ва сатҳи пасти диверсификатсияи содирот маҳдуд мебошад. Асосан ашёи хом, аз ҷумла, нассоҷӣ, металлҳо, маҳсулоти хоҷагии қишлоқ содир карда мешавад. Ин гуногунрангии иқтисодӣ ва устувории минтақаро дар шароити гузариш аз хоҷагии ҷаҳонии яккутбӣ ба бисёрқутбӣ маҳдуд менамояд.

Сарфи назар аз он, ки мақсади ниҳоии режими савдои озод иштироки глобалӣ маҳсуб меёбад, вай инчунин, ҳамгироии минтақавиро ҳавасманд менамояд. Ҳамгироии минтақавӣ ин раванди муттаҳид шудани якчанд давлатҳо дар доираи созмони минтақавӣ бо мақсади осон намудани ҳамкориҳои иқтисодӣ ва ҳамгироӣ мебошад. Ин метавонад ташкили бозори минтақавӣ, ҳаракати озоди молҳо, хизматрасониҳо, сармоя ва одамон, инчунин, ҳамоҳангсозии сиёсат ва қоидаҳоро дар бар гирад.

Муаллифи диссертатсия қайд мекунад, ки режими савдои озод ва ҳамгироии минтақавӣ на ҳамеша бечунучаро мусбӣ мебошанд. Татбиқи онҳо ба чунин монеаҳо, ба монанди манфиатҳои ҳимоятгароӣ (протексионистӣ)-и мамлакатҳои алоҳида ва истифодаи режими таҳримҳо, нобаробарии иҷтимоию иқтисодӣ, масъалаҳои мутобиқнамоии байниҳамдигарии қоидаҳо ва меъёрҳо ва аз даст додани назорати миллӣ аз болои соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиёт рӯ ба рӯ шуда метавонад. Бинобар ин, татбиқи бомуваффақияти режими савдои озод ва ҳамгироии минтақавӣ ризоияти ҳамаҷониба ва ҳамкории байни кишварҳои ширкаткунандаро талаб менамояд.

Дар диссертатсия нишон дода шудааст, ки ҳамгироии иқтисодӣ ин чизе бештар нисбат ба робитаҳои иқтисодӣ мебошад. Ҳамгироии иқтисодӣ дуввумин варианти беҳтарин барои савдои ҷаҳонӣ ба ҳисоб меравад, ки дар он монеаҳо дар савдои озод бинобар сабабҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ бартараф карда намешаванд.

Маҳз барои ҳамин, дар адабиёти иқтисодӣ равиши ҳамгироии ғайрихаттиро бар хилофи равиши хаттӣ дар асоси ташаккул ва истифодаи якҷояи инфрасохтори моддӣ муқаррар кардан мумкин аст, ки дар он динамикаи ҳамгироӣ ба васеъ намудани самараи миқёси савдо асос ёфтааст.

Дар кори диссертатсионӣ асоснок гардидааст, ки ҳамгироии хаттии иқтисодии байналмилалӣ ин раванди ҳамкорӣ ва муттаҳидшавии мамлакатҳо дар сатҳи байналмилалӣ бо мақсади таъмини нисбатан самараноки фаъолияти иқтисодиёт мебошад. Дар баробари ин, бартарии модели ҳамгироии «ғайрихаттӣ» дар амал аз он иборат аст, ки вай заминаи мусоидро барои тақвиятёбии ҳамгироии истеҳсолӣ ва васеънамоии сармояи инфрасохторӣ барои рушди динамикии иқтисодиёти миллӣ фароҳам меорад. Ба вектори «ғайрихаттӣ»-и ҳамгироӣ ҳуҷҷатҳои ҳамоҳангсозандаии сиёсат нисбат ба

рақобат, ҳифзи ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ ва ҳаракати сармоягузориҳои инфрасохторӣ ишора мекунанд.

Дар диссертатсия асоснок шудааст, ки ҳамгироӣ ва иқлими инвеститсионӣ ду ҷанбаи муҳимест, ки муваффақияти инкишофи иқтисодии мамлакат ё минтақаро муайян мекунанд. Ҳамгироӣ ба ҳамдигар наздикшавии системаҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва иҷтимоии давлатҳо ё минтақаҳои гуногун бо мақсади таҳкими ҳамкорӣ ва таъсири мутақобилан судманди онҳо мебошад. Иқлими сармоягузорӣ, дар навбати худ, сатҳи муносиб ва ҷолиб буданро барои сармоягузорони хориҷӣ ва дохилӣ (мавҷудияти вазъи устувори сиёсӣ, дастрасӣ ва шаффофияти низоми ҳуқуқӣ, сатҳи вазнинии андоз) арзёбӣ менамояд.

Тибқи ақидаи коршиносони Бонки ҷаҳонӣ ва ХБА, мамлакатҳои Осиёи Марказӣ бояд барои беҳтарнамоии иқлими инвеститсионӣ корбарӣ намоянд. Ба ин мақсад, мамлакатҳои Осиёи Марказӣ дар соли 2021 дар чаҳорчӯби таҳқиқоти «Пешбурди бизнеси 2021»-и Бонки ҷаҳонӣ, дар маҷмуъ, 13 ислоҳот гузарониданд.

Дар гузориши Бонки ҷаҳонӣ дар бораи пешбурди бизнес 2022 муваффақиятҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд шудааст. «Сиёсати оқилонаи пулию қарзии Тоҷикистон ва болоравии қурби мубодилавӣ ноил шуданро ба сатҳи пасттарини таваррум дар минтақа имконпазир гардониданд ва бар замми ин таварруми нархҳои истеъмолӣ то 4,2% коҳиш ёфтааст»,-қайд меравад дар гузориш.

Ҳадафҳои асосии стратегии Тоҷикистон истиқлолияти энергетикӣ, дастрасии нақлиётӣ, амнияти озуқаворӣ ва саноатикунонии босуръат мебошанд. Тоҷикистон аз лоиҳаҳои инфрасохторӣ, ки аз тарафи ҳукумати Хитой дастгирӣ ёфтаанд, судмандии зиёд ба даст овардааст. Дар расми 1 сохтори сармоягузориҳои мустақими хориҷии ба Тоҷикистон воридшуда вобаста ба мамлакатҳо дар соли 2022 оварда шудааст.




**Расми 1. – Сохтори СМХ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2022**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси Внешнеэкономическая деятельность Республики Таджикистан. - Душанбе, 2023. – С.574.

Ҳиссаи бештари сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ ба Хитой (69,5%) рост меояд, зеро Хитой ба ҳамгироии тиҷоративу иқтисодии кишварҳои Осиёи

Марказӣ, бо такя ба ҳамкориҳои нақлиётӣ ва тиҷоратии байни кишварҳо дар доираи доктринаи “Як камарбанд, як роҳ” мусоидат менамояд. Аммо, Хитой бо ҳар як кишвари Осиёи Марказӣ дар алоҳидагӣ ҳамкорҳои мутақобиларо роҳандозӣ намуда, вазифаи ҳамгиро кардани ин кишварҳоро намегузорад, ки ин низ хусусияти ҳамгироии ғайрихаттӣ маҳсуб меёбад. Ҳаҷми хеле зиёди сармоягузориҳо ба иқтисодиёти Тоҷикистон аз тарафи чунин мамлакатҳо, ба монанди Фаронса (8,2% аз ҳаҷми умумии сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ), Россия (6,7%) ва Британияи Кабир (6,5%) ба амал бароварда мешавад.

Дар диссертатсия қайд шудааст, ки ҷанбаи муҳимми инкишофи равандҳои ҳамгироии минтақавӣ ҳамгироии Тоҷикистон дар доираи Созмони ҳамкории Шанхай (СҲШ) ба ҳисоб меравад. Тафовути байни СҲШ аз дигар сохторҳои минтақавӣ дар қаламрави собиқ Иттиҳоди Шуравӣ дар он аст, ки ба ғайр аз баъзе кишварҳои ИДМ ба он Хитой, Ҳиндустон, Покистон ва Эрон низ аъзо мебошанд. Илова бар ин, СҲШ бо СММ, ИДМ, СААД, ИИАО ва АСЕАН созишномаҳои ҳамкорӣ дорад.

СҲШ ин созмони фавқулмиллӣ буда, сохтор ва заминаи меъёрӣ-ҳуқуқии худро дорад. Ҳуҷҷатҳои асосие, ки СҲШ мутобиқи онҳо фаъолияти ҳамгироии худро пеш мебарад, Конвенсияи Шанхай ва Хартияи СҲШ ба ҳисоб меравад. Ҳамаи дигар шартномаҳо, созишномаҳо, меморандумҳо ва эъломияҳо аз тарафи мамлакатҳо танҳо ба шарте имзо карда мешаванд, ки онҳо ба меъёрҳои ин ҳуҷҷатҳо мувофиқат намоянд.




**Расми 2. – Ҳиссаи мамлакатҳои аъзо дар савдои дохилии СҲШ, бо %**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти сомонаи расмии ЮНКТАД https://unctad.org/statistics

Тибқи маълумоти расми 2, ҳаҷми бештари гардиши савдо дар доираи СҲШ ба Хитой, Россия ва Қазоқистон ва аз ҳама камтарин бошад, ба Қирғизистон рост меояд. Дар диссертатсия таъкид меравад, ки ҳамкориҳои мутақобилаи иқтисодӣ ва ҳамгироии кишварҳои аъзои СҲШ намунаи муосири ҳамгироии ғайрихаттӣ дар самти татбиқи стратегияи иқтисодӣ ва истиқлоли иқтисодии онҳо ба шумор меравад. Дар ин модели ҳамгироӣ мавқеи асосиро масъалаи ташкили заминаҳои иқтисодӣ на танҳо барои татбиқи иқтидори ҳамгироии худи иттиҳод, балки бартараф намудани ихтилофҳои

байни кишварҳои иштирокчӣ ва дар оянда – табдил додани он ба маркази бузурги ҷаҳонии сиёсӣ ва иқтисодӣ ишғол менамояд.

Дар боби якуми кори диссертатсионӣ бештар қайд шудааст, ки мамлакатҳои Осиёи Марказӣ ба туфайли захираҳои табиӣ, мавқеи ҷуғрофӣ ва сармояи инсонии худ дорои иқтидори хеле калони иқтисодӣ мебошанд. Аммо истифодаи пурраи ин иқтидор инкишофи минбаъдаи инфрасохтор, ҳавасмандгардонии сармоягузориҳо ва беҳтар намудани шароитро барои ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ бо дигар минтақаҳо тақозо менамояд, ки ин ба хусусиятҳои ҳамгироии ғайрихаттӣ алоқаманд мебошад.

Ҳамзамон, унсурҳои ҳамгироии хаттии иқтисодӣ дар Осиёи Марказӣ бо хусусиятҳои рушди ҳамгироии тиҷоратию иқтисодӣ дар фазои пасошуравӣ алоқаманданд, ки онҳо бо омилҳои таърихӣ, ҷуғрофӣ ва иқтисодӣ муайян карда мешаванд:

- дар фазои пасошуравӣ оқибатҳои заволи Иттиҳоди Шуравӣ ва гузариш ба иқтисоди бозорӣ идома дорад. Ин боис барои ба миён омадани тафовут дар рушди иқтисодӣ ва сохтори институтсионалии мамлакатҳо мешавад, ки раванди ҳамгироии тиҷоратиро душвор мегардонад;

- Осиёи Марказӣ дар маркази АвруОсиё ҷойгир аст ва чорроҳаи буриши минтақаҳои гуногуни фарҳангӣ ва иқтисодӣ мебошад, ки имконияти рушди тиҷорати фаросарҳадӣ ва ҳамгироӣ байни мамлакатҳои минтақаро фароҳам месозад. Аммо бунбасти ҷуғрофӣ ва ҷой надоштани баромад ба баҳр имкони содирот ва воридоти молҳоро маҳдуд менамояд;

- мамлакатҳое, ки барои нуфуз дар минтақа рақобат мекунанд, масалан, Россия, Хитой, ИА, ИМА ва дигарҳо дар ҳамгироии тиҷоративу иқтисодӣ дар фазои пасошуравӣ ва Осиёи Марказӣ нақши муҳим мебозанд. Онҳо кумаки молиявӣ, сармояҳо ва дастгирии техникиро барои рушди иқтисодиёти минтақа пешниҳод менамоянд.

Дар рисола қайд карда шудааст, ки хусусиятҳои инкишофи ҳамгироии тиҷоратию иқтисодӣ дар фазои пасошуравии Осиёи Марказӣ чунин тавсиф карда мешаванд:

1. Сатҳи баланди вобастагии иқтисодиёти мамлакатҳои минтақа, ки бо робитаҳои таърихӣ, фарҳангӣ ва иқтисодии ин кишварҳо алоқаманд мебошанд.

2. Дар фазои пасошуравӣ ва Осиёи Марказӣ таъсис додани созмонҳои мухталифи ҳамгироӣ, аз қабили ИДМ, ИИАО, СҲШ ва ғайра, ки фаъолияти онҳо дар баробари мусоидат ба таҳкими робитаҳои иқтисодии байни мамлакатҳои минтақа, рушди тиҷорат ва сармоягузорӣ, ҳамзамон, татбиқи манфиатҳои кишварҳои ҳамгирошавандаро дар шароити гузариш аз тартиботи ҷаҳони яккутба ба бисёрқутба инъикос менамояд.

3. Ҷанбаи муҳимми ҳамгироии тиҷоративу иқтисодӣ дар фазои пасошуравӣ ва Осиёи Марказӣ иштироки мамлакатҳои минтақа дар блокҳо ва созмонҳои байналмилалии тиҷоратӣ, масалан, Созмони умумиҷаҳонии савдо (СУС) ба ҳисоб меравад. Ин ба мамлакатҳои минтақа имконият медиҳад, ки дар иқтисодиёти ҷаҳонӣ фаъолона иштирок намуда, рақобатпазирии худро баланд бардоранд.

4. Раванди ҳамгироии тиҷоративу иқтисодӣ дар фазои пасошуравӣ ва Осиёи Марказӣ, инчунин, дар худ таҳкими равобити тиҷоратиро бо дигар минтақаҳои ҷаҳон, аз ҷумла, бо Аврупо, Осиё, Ховари Наздик ва Африқо дар бар мегирад. Ин ба васеъ

намудани бозорҳои фурӯш барои маҳсулоти мамлакатҳои минтақа мусоидат намуда, дастрасиро ба технологияҳои нав ва инноватсияҳо таъмин менамояд.

Дар диссертатсия хулоса карда шудааст, ки сарфи назар аз як қатор тамоюлҳои мусбат, раванди ҳамгироии тиҷоративу иқтисодӣ дар фазои пасошуравӣ ва Осиёи Марказӣ бо як қатор мушкилот ва чолишҳо, аз қабили номутавозунӣ дар муносибатҳои савдои берунӣ, инфрасохтори нокифоя рушдкарда рӯ ба рӯ мешаванд. Барои рушди бомуваффақияти ҳамгироии тиҷоратӣ-иқтисодӣ дар минтақа фаъолгардонии талошҳои муштараки мамлакатҳои иштирокчӣ ва таҳкими ҳамкориҳои мутақобилан судманд зарур мебошад.

**Дар боби дуюм – «Сатҳи ҳамгироии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба бозорҳои ҷаҳонӣ ва минтақавӣ: арзёбӣ ва имкониятҳо»** баррасии масъалаҳои татбиқи манфиатҳои иқтисодии Тоҷикистон дар блокҳои ҳамгироии тиҷоратию иқтисодӣ, таҳлили сатҳи дастрасии хизматрасониҳои молиявӣ ва ҳамгироии молиявӣ, таҳқиқи ҷанбаҳои алоҳидаи ҳамоҳанг кардан (гармонизатсия)-и инфрасохтори миллии молиявӣ, ҳамчун қонунияти равандҳои муосири ҳамгироии минтақавӣ ба амал баровардa шудааст.

Дар диссертатсия қайд карда мешавад, ки яке аз шаклҳои ҳамгироии хаттӣ ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодии байни мамлакатҳои мутараққӣ ва рӯ ба тараққӣ ба ҳисоб меравад, ки дар он кишварҳои мутараққӣ ба бозори худ имкони ворид шуданро барои молҳо ва хизматрасониҳои кишварҳои рӯ ба тараққӣ фароҳам оварда, боҷҳои гумрукӣ ва монеаҳоро барои содирот коҳиш медиҳанд ва инчунин, аз нигоҳи молиявӣ ва техникӣ таҳким додани иқтисодиёти мамлакатҳои рӯ ба инкишофро дастгирӣ мекунанд.

Дар доираи ҳамгироии ғайрихаттӣ, мамлакатҳои пешрафта метавонанд ба мамлакатҳои рӯ ба инкишоф дар соҳаи инфрасохтор, аз ҷумла, сохтмони роҳҳо, пулҳо, фурудгоҳҳо ва системаҳои энергетикӣ кӯмак расонанд. Чунин сармоягузориҳо ба инкишоф ва рушди иқтисодиёт мусоидат намуда, имкониятҳои навро барои бизнес ва сайёҳӣ фароҳам меорад ва ба беҳтар шудани шароити зиндагии мардум мусоидат менамояд.

Ҳангоми ҳамкорои мутақобила бо блокҳои гуногуни ҳамгирой Ҷумҳурии Тоҷикистон бартариятҳои ҳам  ҳамгироии хаттӣ ва ҳам ғайрихаттиро истифода мебарад. Дар айни замон Ҷумҳурии Тоҷикистон ба блокҳои зерини ҳамгироии иқтисодӣ, аз қабили ИДМ, СҲШ, СҲИ шомил аст.

Кишварҳои ИДМ нисбат ба ҳамдигар ҳавасмандии тарафайни табиӣ доранд. ИДМ як созмони расмӣ (рамочной) ба ҳисоб рафта, ба рушди ҳамкориҳои иқтисодӣ ва тиҷоратии байни ммлакатҳои иштирокчӣ нигаронида шудааст. Мамлакатҳои иштирокчӣ бо ҳамдигар ҳамкориҳои мустаҳкам доранд, таҳвили мутақобилаи молҳо ва хизматрасониҳоро роҳандозӣ карда, лоиҳаҳои муштаракро татбиқ мекунанд.

Дар доираи ИДМ ҳаракати озоди шаҳрвандон ва муҳоҷирати меҳнатӣ вуҷуд дорад. Ин маънои онро дорад, ки шаҳрвандони як мамлакат метавонанд озодона дар дигар мамлакати иштирокчӣ кор карда, таҳсил намоянд ва аз дигар имтиёзҳо бархурдор шаванд. Илова бар ин, барои мамлакатҳои иштирокчӣ бозори ИДМ на танҳо ҷолиби диққат ба ҳисоб меравад, балки баъзан маврид, нигоҳи иқтисодӣ беалтернативӣ маҳсуб меёбад.

Тоҷикистон дар доираи ИДМ дар мубодилаи молҳо ва хизматрасониҳо бо дигар мамлакатҳои аъзо иштирок мекунад, ки ин ба инкишофи савдои хориҷии мамлакат мусоидат менамояд. Ба ғайр аз ин, дар доираи ИДМ машваратҳо ва ёрии ҳамдигарӣ оид ба масъалаҳои гуногун, ба монанди нақлиёт, энергетика, хоҷагии қишлоқ ва ғайра ба амал бароварда мешавад. Аз рӯйи ҷамбасти соли 2023 афзоиши ҳаҷми тиҷорати хориҷии Тоҷикистон бо мамлакатҳои зерини ИДМ чунин ба қайд гирифта шудааст: бо Туркманистон – 4,2 маротиба, бо Россия – 41,9%, Беларус – 38%. Дар ин давра коҳиши назарраси гардиши мол бо Озарбойҷон, Арманистон, Молдова, Қирғизистон ва Украина ба вуқӯъ пайвастааст.

Манфиатҳои Тоҷикистон дар ИДМ дар худ таҳкими робитаҳои иқтисодӣ, таъмини амният ва субот дар минтақа, рушди ҳамкориҳои башардӯстона ва иштироки фаъолро дар муколамаи сиёсӣ бо дигар мамлакатҳои аъзо фаро мегирад. Аммо дар шароити гузариш аз хоҷагии ҷаҳонии яккутба ба бисёрқутба, мамлакатҳои ИДМ ба коҳиши суръати рушд, таварруми баланд, касри буҷет, буҳрони қарз, рушди нокифояи бахши хусусӣ, инноватсияҳо ва инфрасохтор, вобастагӣ аз содироти молҳои ашёвӣ ва таконҳои беруна дучор шуда истодаанд. Ин масъалаҳо баландбардории рақобатпазирӣ, диверсификатсияи иқтисодиёт ва рушди устуворро дар кишварҳои ИДМ халалдор карда истодаанд.

Аз ин рӯ, Тоҷикистон кушиш дорад, ки ҳадафҳои худро дар чунин моделҳои ғайрихаттии иттиҳодияҳои ҳамгирой, ба монанди СҲШ ва Ҳамкориҳои минтақавии иқтисодии Осиёи Марказӣ (ҲМИОМ) амалӣ созад, ки дар онҳо таваҷҷуҳи асосӣ дар раванди ҳамгироӣ ба масъалаҳои рушди инфрасохтор дода мешавад.

Дар диссертатсия қайд карда шудааст, ки хусусияти муҳимми фарққунандаи лоиҳаи ҳамгироии ҲМИОМ «пайванд» будани созмонҳои байналмилалии молиявӣ ба татбиқи он дар тафовут аз дигар иттиҳодияҳои ҳамгироӣ дар Осиёи Марказӣ (ИДМ, ИИАО, СҲШ) мебошад, ки ҳамкории мутақобила дар доираи онҳо асосан дар сатҳи ҳукуматӣ ба амал бароварда мешавад.

Тоҷикистон аз соли 1992, ҳамчунин, аъзои СҲИ (созмони минтақавии байнидавлатии иқтисодӣ, ки соли 1985 аз тарафи мамлакатҳои Осиёи Марказӣ ва Ховари Наздик таъсис дода шудааст) мебошад. Дар муносибатҳои мутақобилаи мамлакатҳои СҲИ ҷузъҳои иқтисодӣ бартарӣ доранд. Дар соли 2022 ҳаҷми тиҷорати Тоҷикистон бо мамлакатҳои СҲИ: бо Қазоқистон (37,5%), Туркия (26,3%), Қирғизистон (10,2%), Туркманистон (7,5%), Афғонистон (6,1%), Ӯзбекистон (5,5%), Эрон (3,5%), Покистон (1,9%) ва Озарбойҷон (1,5%)-ро ташкил кардааст[6].

Дар доираи Созмони ҳамкориҳои Шанхай Тоҷикистон навъҳои мухталифи молҳо, ба монанди маҳсулоти ғизоӣ, молҳои тиббӣ, электроника, воситаҳои нақлиёти автомобилӣ, масолеҳи сохтмонӣ ва ғайра ворид мекунад. Хитой шарики асосии тиҷоратии Тоҷикистон дар миёни мамлакатҳои СҲШ ба ҳисоб меравад. Тоҷикистон аз Хитой навъҳои зиёди молҳо, аз ҷумла, электроника, масолеҳи сохтмонӣ, нассоҷӣ, воситаҳои нақлиёти автомобилӣ ворид менамояд.

Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ қайд шудааст, ки дар шароити ташаккулёбии тартиботи хоҷагии ҷаҳонии бисёрқутбӣ, Стратегияи рушди иқтисодии СҲШ барои давраи то соли 2030, пеш аз ҳама, ба чунин принсипҳои ҳамгироии мамлакатҳои аъзо,

[6] Портали тиҷорати Тоҷикистон https://tajtrade.tj/menu/28?l=ru

ба монанди расонидани кӯмаки мутақобила барои дастгирии ҳамгироӣ ба иқтисодиёти ҷаҳонӣ ва минтақавӣ ва то ба ҳадди ақалл бурдани оқибатҳои манфии ҷаҳонишавӣ ва бухронҳои молиявию иқтисодии ҷаҳонӣ барои иқтисодиёти миллӣ асос ёфтааст.

Иштироки Тоҷикистон дар блокҳои ҳамгироии минтақавӣ ба афзалиятҳои зерини моделҳои гуногуни ҳамгироӣ барои рушди динамикии иқтисодиёти мамлакат асос ёфтааст (ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1. - Афзалиятҳои ҳамгироии хаттӣ ва ғайрихаттии иқтисодӣ барои рушди динамикии иқтисодиёти Тоҷикистон***

| Афзалиятҳои ҳамгироии хаттӣ | Афзалиятҳои ҳамгироии ғайрихаттӣ |
|---|---|
| Ҳамгироии минтақавӣ ба ширкатҳои миллӣ имкони дастрасиро ба бозори васеътари минтақавӣ фароҳам месозад, ки он имкониятҳоро барои содироти молҳо ва хизматрасониҳо афзун намуда, ба афзоиши ҳаҷми истеҳсол ва даромадҳои иқтисодиёти миллӣ мусоидат мекунад. | Иштирок дар лоиҳаҳои ҳамгироӣ ва фароҳам овардани муҳити мусоиди иқтисодӣ ба ҷалби сармояҳои хориҷӣ ба Тоҷикистон мусоидат менамояд. Афзоиши фаъолнокии сармоягузорӣ рушди соҳаҳои нав ва навсозии инфрасохтори кишварро имконпазир мегардонад. |
| Иштироки кишвар дар блокҳои ҳамгироӣ ба коҳиши боҷи гумрукӣ, содда кардани расмиёти тиҷорат ва эҷоди қоидаҳои ягонаи савдои байналмилалӣ мусоидат мекунад. | Иштирок дар блокҳои ҳамгироӣ ба кишвар имкони дастрасиро ба дастгириҳои техникӣ ва рушд аз ҷониби дигар мамлакатҳои аъзо ва созмонҳои байналмилалӣ фароҳам менамояд. Дастгирии техникии байналмилалӣ ба рушди хоҷагии қишлоқ, энергетика, нақлиёт ва дигар бахшҳои муҳимми иқтисодиёти Тоҷикистон мусоидат менамояд |
| | Ҳамгироии Тоҷикистон ба блокҳои минтақавӣ рақобатпазирии соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиётро афзоиш дода, инноватсия ва навсозии истеҳсолотро ҳавасманд мекунад. |

***Сарчашма: таҳияи муаллиф**

Дар диссертатсия қайд шудааст, ки иштироки Тоҷикистон дар блокҳои ҳамгироии минтақавӣ ба рушди динамикии иқтисодиёти миллӣ дар асоси зиёдшавии кушод будани он, ҷалби сармояҳо барои инфрасохтор, рушди савдо ва баланд бардоштани рақобатпазирӣ дар бозорҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ мусоидат мекунад.

Айни замон иштироки Тоҷикистонро дар иттиҳодияҳои ҳамгироии байналмилалӣ таҳлил намуда, бояд қайд кард, ки иштирок дар СҲШ нисбатан самаранок ва судманд мебошад, ки ба барномаи васеи ҳамкорӣ дар соҳаҳои тиҷоратӣ-сармоягузорӣ, саноат, бонкӣ-молиявӣ, аграрӣ, энергетика, гумрук ва дигар соҳаҳои муҳим асос ёфтааст. Иштирок дар ИДМ ва СҲИ, махсусан, дар муқоиса бо СҲШ нисбатан камфоида мебошад, аммо дар блоки ҳамгироии СҲИ иқтидор барои рушд вуҷуд дорад.

Ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо созмонҳои молиявии байналмилалӣ, аз қабили Бонки ҷаҳонӣ ва ХБА барои дарёфти дастгирии молиявӣ ва техникӣ дар рушди инфрасохтори пардохтӣ мусоидат мекунад. Тадбирҳои аз ҷониби ҲМИОМ андешидашуда ҳадафи таҳкими ҳамгироии молиявии кишварҳои Осиёи Марказӣ ва ҳавасмандгардонии рушд ва инкишофи иқтисодии онҳоро доранд.

Бонки Рушди АвруОсиё (БРАО) фаъолона дар лоиҳаҳои гуногун дар Тоҷикистон ширкат менамояд, ки онҳо ба дастгирии инкишофи иқтисодӣ ва суботи иҷтимоии мамлакат равона шудаанд. Самараи умумӣ аз фаъолияти БРАО дар Тоҷикистон се маротиба аз ҳаҷми сармоягузории бонк ба мамлакат дар давраи татбиқи стратегияи кишварӣ зиёд мебошад. Сармоягузории БРАО ба иқтисодиёти Тоҷикистон дар давраи то соли 2026 то 150 миллион доллари амрикоиро ташкил хоҳад дод. Аз рӯйи пешгӯии коршиносони БРАО, ҳангоми суръати миёнаи солонаи афзоиши ММД ба 6,6% баробар будан, суръати маҷмӯии афзоиши сармоягузориҳо 44,8%-ро ташкил медиҳад.[7]

Аз нигоҳи муаллиф, ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки Осиёи Рушд (БОР) аз он гувоҳӣ медиҳад, ки ҳамкориҳо густариш ёфта, тадриҷан самаранокии ин муносибатҳои мутақобила эҳсос мешавад. Ҳадафи ин ҳамкорӣ аз ташкили инфрасохтори боэътимод, самаранок, фаъол ва аз ҷиҳати иқтисодӣ ҳамгирошуда барои мусоидат ба рушди иқтисодии кишвар иборат мебошад. Дар тӯли солҳои ҳамкории Тоҷикистон ва БОР ҳаҷми назарраси захираҳои молиявии ин бонк ба рушди инфрасохтори нақлиётӣ, зиёд кардани иқтидори инсонӣ ва ноил шудан ба сатҳи муносиби идоракунӣ равона карда шудааст (расми 3).




**Расми 3. –Ҳаҷми сармоягузории БОР ба иқтисодиёти Тоҷикистон, млн. доллар**

**Манбаъ:** таҳияи муаллиф дар асоси Таджикистан и АБР: 25 лет сотрудничества. https://www.adb.org/sites/default/files/publication/857536/tajikistan-adb-25-years-partnership-ru.pdf

Дар диссертатсия қайд шудааст, ки иштироки сармояи хориҷӣ тавассути кредитҳо ва қарзҳо имкониятҳои навро барои рушди иқтисодиёт, аз он ҷумла,

[7] Страновая стратегия ЕАБР по Республике Таджикистан на 2022-2026 годы https://eabr.org/upload/230222_A4_blok_Tajikistan_RGB.pdf

молиякунонии лоиҳаҳо, такмил додани корхонаҳо ва ҳавасмандгардонии рушди иқтисодӣ фароҳам меорад.

Шуруъ аз соли 2019 то имрӯз муҳаррики рушди иқтисодии Тоҷикистонро тибқи маълумоти оморӣ, соҳаи саноат ташкил медиҳад. Саноати истихроҷ аксар вақт сармоягузориҳои назарраси инфрасохториро талаб менамояд. Ҳукумат ба рушд ва тармими роҳҳои автомобилгард, роҳи оҳан ва инфрасохтори энергетикӣ сармоягузорӣ карда истодааст. Ҷалби сармоягузории мустақими хориҷӣ ба соҳаҳои истихроҷи иқтисодиёт комбинатсияи стратегияҳо ва кӯшишҳоро аз ҷониби давлат тақозо мекунад, ки дар сурати бомуваффақият амалигардонӣ метавонанд ба рушди иқтисодиёт ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ саҳми назаррас гузоранд.

Дар соли 2022 сохтори сармоягузории мустақими хориҷӣ дар соҳаҳои мухталифи иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин буд (расми 4).




**Расми 4. – Сохтори сармоягузории мустақими хориҷӣ дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2022**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси Внешнеэкономическая деятельность Таджикистана. - Душанбе, 2023. – С.575.

Дар аввали соли 2023 аз ҳаҷми умумии сармоягузории хориҷӣ ба Тоҷикистон аз мамлакатҳои ИДМ ва дигар мамлакатҳои шарик воридгардида қисми асосӣ ба бахши хизматрасонии молиявӣ - 52,7 %, саноати коркард ва маъдан - 33,2 %, сохтмон - 7,1%, нақлиёт ва алоқа - 1,5% ва ҳиссаи дигар соҳаҳои саноат - 5,5% рост омадааст.

Дар тадқиқоти диссертатсионӣ нишон дода шудааст, ки омилҳои асосии ҷалби сармоягузорон ба иқтисодиёти Тоҷикистон дар шароити модели ғайрихаттии ҳамгироӣ инҳоянд:

- вазъи устувори макроиқтисодӣ, сатҳи пасти таваррум;
- устувории вазъи сиёсӣ ва хавфҳои пасти сиёсӣ;
- ҳадафнок муайян намудани рушди шабакаҳои нақлиётӣ, инфрасохтори коммуникатсионӣ ва энергетикӣ, инчунин, дигар намудҳои асосии инфрасохтор;
- мавҷудияти захираҳои табиие, ки ба рушди саноати истихроҷ ё бахшҳои марбут ба энергетика ва саноати хӯрокворӣ мусоидат мекунанд;
- шароити мусоиди савдо, мавҷудияти созишномаҳо оид ба савдои озод ва дастрасии транзитӣ ба бозорҳои мамлакатҳои дигар;
- мавҷудияти қувваи кории соҳибихтисос ва маълумотнок.

Арзёбии дар диссертатсия гузаронидашудаи сатҳи ҳамгироии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба бозорҳои ҷаҳонӣ ва минтақавӣ, зарурати аз байн бурдани як қатор маҳдудиятҳо ва соддагардонии низоми дастрасии сармоягузорони хориҷӣ ва сармояи онҳоро ба иқтисодиёти кишвар нишон медиҳад, ки он бо зарурати ҷалби сармояи хориҷӣ барои молиякунонии рушди дарозмуддат ва динамикии иқтисодии мамлакат шарҳ дода мешавад.

**Дар боби сеюми тадқиқоти диссертатсионӣ – «Самтҳои ҳамгироии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба блокҳои тиҷоратию иқтисодӣ: дурнамо ва алоқамандӣ бо ҳадафҳои рушди миллӣ»** баррасии масъалаҳои рушди динамикии иқтисодиёти миллӣ ҳамчун заминаи моддии таъмини манфиатҳои мамлакат дар гурӯҳҳои ҳамгирой, арзёбии нақши иттиҳодияҳои ҳамгирой дар таъмини озуқаворӣ ва амнияти энергетикии мамлакат гузаронида шуда, зарурат ва муҳиммияти иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар васеъ намудани имкониятҳои нақлиётию коммуникатсионии иттиҳодияҳои ҳамгирой таҳқиқ карда шудааст.

Дар доираи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 вазифаи табдил додани иқтисодиёти миллии мамлакат ба низоми динамикии рақобатпазир гузошта шудааст, ки он шароити созгорро барои рушди устувори он ва тобовар ба таъсири таконҳои беруна фароҳам меорад. Дар Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи солҳои 2021-2025 (БМР 2021-2025) ба сифати сенарияи интенсивии рушд ноил шудан ба суръати миёнаи солонаи рушди иқтисодӣ дар сатҳи 7-10% муайян карда шудааст. Ҳиссаи сармоягузории хусусӣ дар ММД 10% пешбинӣ шудааст. Дар ин давра афзоиши миёнаи солонаи истеҳсолоти саноатӣ дар сатҳи 15-17% таъмин карда мешавад.

Таҳлили дар тадқиқоти диссертатсионӣ гузаронидашудаи вазъи воқеӣ ва имкониятҳои мавҷуда нишон медиҳад, ки барои ноил шудан ба ҳадафҳои стратегии дар БМР 2021-2025 пешбинишуда ва нигоҳ доштани устувории макроиқтисодӣ, инчунин, таъмини рушди динамикии иқтисодиёти миллӣ, аз се сенария – бухронӣ, воқеӣ ва интенсивӣ, сенарияи қобили қабул интенсивӣ ба ҳисоб меравад, зеро Тоҷикистон иқтидори иловагии рушд дорад ва татбиқи он барои ноил шудан ба нишондиҳандаҳо дар доираи ин сенария замина мегузорад.

Дар диссертатсия қайд шудааст, ки барои алоқаманд намудани ҳадафҳои миллии рушди мамлакат бо дурнамо ва самтҳои иттиҳодияҳои ҳамгирой, ки дар онҳо Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок мекунад ва инчунин, барои таъмини рушди динамикии иқтисодиёти миллӣ ҳалли чунин вазифаҳо зарур мебошад:

1. Таъмини суръати устувор ва нисбатан баланди рушди иқтисодӣ аз ҳисоби саноатикунонии босуръат бо мақсади «рушди пешгузаранда» дар шароити тақвият ёфтани рақобати байналхалқӣ.

2. Коҳиш додани вобастагӣ аз воридоти молҳои стратегӣ ва озуқаворӣ, инчунин, аз ашёи хоми ба содирот нигаронидашуда дар асоси амалигардонии сиёсати воридотивазкунӣ ва ба содиротнигаронидошудаи интихобӣ. Дар ин қарина, зарур аст аз воситаҳои ҳимоятгарой (протексионизм)-и муътадил истифода кард, ки онҳо, албатта, ба манфиатҳои мамлакатҳои иштироккунандаи гурӯҳи ҳамгирой мувофиқ нестанд.

3. Тақвияти тадбирҳои дар амал татбиқ кардани сиёсати пешгирикунанда ва баланд бардоштани устувории иқтисодиёт барои коҳиш додани таъсири омилҳои манфии беруна ба низоми иқтисодиёти миллӣ.

4. Ба таври васеъ ҷалб намудани сармоягузориҳои хориҷӣ, аз ҷумла, дар доираи иттиҳодияҳои ҳамгироӣ бо истифодаи бартариятҳои махсусгардонӣ ва кооператсияи истеҳсолӣ. Захираҳои берунӣ барои Тоҷикистон барои татбиқи сиёсати саноатикунонии босуръат ва коркарди ниҳоии маҳсулот, яъне, ба даст овардани арзиши баланди иловашуда зарур мебошанд.

5. Дохилшавӣ ба шоҳроҳҳои ягонаи нақлиётӣ дар шартҳои баробар бо дигар мамлакатҳои иттиҳодияи ҳамгироӣ ва ташкили занҷираи ягонаи таҳвил ва логистика. Ин барои сохтмони нақлиётӣ дар доираи иттиҳодияҳои ҳамгироӣ ҷудо кардани маблағҳои калонро талаб мекунад.

6. Васеъ намудани савдо ва ноил шудан ба нишондиҳандаҳои тавсифдиҳандаи интенсификатсияи савдо на танҳо дар дохили гурӯҳи ҳамгироӣ, инчунин, майли содиротии фазои ягонаи иқтисодӣ дар маҷмуъ.

7. Ташаккули ниҳодҳои фаъол ва тараққикардаи ба зиёд кардани иқтидор ва қудрати иттиҳодияи ҳамгироӣ нигаронидашуда, ки барои бартараф кардани таконҳои беруна, тақвияти худташкилнамоии системаи иқтисодиёти миллӣ ва рушди мутавозин қодир мебошанд.

Таҷрибаи байналмилалии танзими соҳаи кишоварзӣ барои ноил шудан ба амнияти озуқаворӣ, ки дар диссертатсия ҷамъбаст шудааст, маҷмуи тадбирҳои зеринро, аз қабили назорати истеҳсол ва дастгирии нархҳо, додани қарзҳои имтиёзнок ба истеҳсолкунандагон ва субсидияҳои содиротӣ дар бар мегирад.

Тавсифдиҳандаи муҳимми амнияти озуқаворӣ дар кишварҳои ҷаҳон шохиси амнияти озуқаворӣ ба ҳисоб меравад. Дар диссертатсия дар мисоли кишварҳои ҲМИОМ нишон дода шудааст (ҷадвали 2), ки беҳтаршавии дастрасӣ ба молиякунонӣ ва кредитҳо барои корхонаҳои хоҷагии қишлоқ метавонад, дар маҷмуъ, ба устуворгардии соҳаи хоҷагии қишлоқи ҲМИОМ мусоидат намояд. Асоснок карда шудааст, ки дар шароити ҳамгироии минтақавӣ бонкҳои байналмилалӣ ва ташкилотҳои молиявии хурд метавонанд фаъолияти худро ҷиҳати пешниҳоди маблағҳои қарзӣ барои хариди тухмӣ, нуриҳои минералӣ ва таҷҳизот, инчунин, барои рушди босуръати соҳаҳои инфрасохторӣ фаъолтар намоянд.

**Ҷадвали 2. – Рейтинги мамлакатҳои ҲМИОМ аз рӯйи сатҳи амнияти озуқаворӣ дар соли 2022***

| Мавқеъ дар рейтинг | Мамлакат | Дастрасии нарх | Дастрасии захираҳо | Сифат ва бехатарӣ | Захираҳои табиӣ ва устуворӣ | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 32 | Қазақистон | 65,4 | 78,0 | 67,2 | 76,3 | 72,1 |
| 66 | Озарбойҷон | 62,6 | 58,0 | 59,1 | 38,2 | 82,3 |
| 78 | Узбекистон | 53,8 | 51,3 | 65,1 | 55,4 | 49,3 |
| 71 | Қирғизистон | 64,1 | 66,6 | 60,5 | 71,3 | 57,9 |
| 75 | Тоҷикистон | 51,6 | 51,1 | 55,9 | 45,9 | 53,1 |
| 111 | Афғонистон | 37,8 | 46,4 | 36,9 | 42,7 | 40,1 |
| 25 | Хитой | 54,5 | 86,4 | 79,2 | 72,0 | 74,2 |
| 68 | Гурҷистон | 57,2 | 66,8 | 57,3 | 54,7 | 59,5 |
| 54 | Эрон | 61,8 | 62,0 | 63,4 | 59,7 | 64,8 |
| 60 | Монголия | 60,0 | 59,8 | 61,9 | 64,9 | 61,5 |
| 76 | Покистон | 54,7 | 63,0 | 55,7 | 42,2 | 52,6 |
| 49 | Туркия | 61,2 | 58,4 | 65,3 | 78,5 | 65,3 |

***Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси Глобального индекса продовольственной безопасности (GFSI) https://impact.economist.com/sustainability/project/food-security-index/

Яке аз самти калидӣ дар доираи Барномаи стратегии ҲМИОМ-2030 соҳаи хоҷагии қишлоқ дар баробари идоракунии захираҳои об мебошад. Дар қатори ин якчанд самтҳои дигари функсионалии ҲМИОМ-2030 ҷанбаҳои гуногуни амнияти озуқавориро дар бар мегиранд. Барои ин ҳадаф, Бонки Осиёии Рушд (БОР) омода аст, кӯмакҳои техникӣ ва лоиҳаҳои сармоягузории бо рушди хоҷагии қишлоқ ё амнияти озуқаворӣ алоқамандро маблағгузорӣ намояд, ки аллакай дар амал татбиқ шуданашон оғоз шудааст.

Бо мақсади афзун кардани ҳаҷми содироти нерӯи барқ аз Тоҷикистон ба кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ, лоиҳаи минтақавӣ оид ба интиқоли нерӯи барқ CASA-1000 татбиқ шуда истодааст, ки дар он Тоҷикистон, Қирғизистон, Афғонистон ва Покистон иштирок менамоянд. Афзалияти ин тарҳ барои Тоҷикистон назаррас аст. Тоҷикистон яке аз навъҳои тозатарини нерӯи баркро дар ҷаҳон истеҳсол мекунад, дар ҳоле ки нерӯи барқи обӣ бештар аз 90% ҳаҷми умумии истеҳсолро ташкил медиҳад. Ҳукумати Тоҷикистон нақшаи идома додани коркарди нерӯи барқи тозаро дорад ва то ба соли 2030 нерӯгоҳҳои миллии барқӣ он иқтидори умумии муқарраршудаpo ба 10 ҳазор МВт мерасонад.

Ба туфайли лоиҳаи CASA-1000 Тоҷикистон барои зиёд намудани содироти нерӯи барқ имкониятҳои инфрасохторӣ, инчунин як қатор дигар афзалиятҳоро барои иқтисодиёти миллӣ (ҷадвали 3) дар намуди рушди инфрасохтори иҷтимоӣ ва беҳтар намудани сифати таъминоти барқ дар деҳоти кишвар, инчунин, коҳиш додани сатҳи бекорӣ дар байни ҷавонон ба даст меорад.

**Ҷадвали 3. - Афзалиятҳо аз амалишавии лоиҳаи CASA-1000 барои иқтисодиёти Тоҷикистон***

| Афзалиятҳо | Моҳияти афзалиятҳо |
|---|---|
| Диверсификатсияи содироти нерӯи барқ ва афзоиши даромад | Лоиҳа вобастагиро аз як бозор барои содироти нерӯи барқ коҳиш дода, имкон медиҳад, ки барқи зиёдатӣ ба кишварҳои ҳамсоя содир карда шавад, даромад аз фурӯши нерӯи барқ ба хориҷи мамлакат зиёд шавад ва соҳаи миллии энергетикӣ таҳким ёбад. |
| Баланд бардоштани ҷолибияти сармоягузорӣ | Иштирок дар лоиҳаи CASA-1000 метавонад ҷолибияти сармоягузории мамлакатро баланд бардорад, сармояҳои навро ба соҳаҳои мухталифи иқтисодиёт ҷалб карда, ба рушди иқтисодии кишвар мусоидат намояд. |
| Рушди инфрасохтор | Татбиқи лоиҳа рушди инфрасохторро тақозо мекунад, ки он эътимоднокии таъмини нерӯи баркро беҳтар намуда, барои ҳавасмандгардонии рушд дар соҳаҳои алоқаманд, аз қабили сохтмон ва нақлиёт мусоидат мекунад. Ба ғайр аз таъмини барқ инфрасохтор, инчунин, соҳаҳои иҷтимоӣ, обтаъминкунӣ ва ғайраро дар бар мегирад. |
| Беҳтар намудани сифати таъмини барқ дар деҳот | Беҳтар кардани сифати таъмини нерӯи барқ дар ду ноҳияи кишвар пешбинӣ шудааст, ки 60 маҳаллаи аҳолинишини деҳотро бо тақрибан 130 ҳазор нафар дар қад-қади долони хати интиқоли барқ дар қисмҳои шимолӣ, марказӣ ва ҷанубӣ, бахусус, дар шаҳри Исфара фаро мегирад. |
| Коҳиш додани сатҳи бекорӣ дар байни ҷавонон | Дастгирии ҳадафноки ҷалби ҷавонон ба лоиҳаҳои инфрасохторӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ. |

***Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси Лоиҳаи CASA – 1000 https://www.casa-1000.org/

Тоҷикистон ба иттиҳодияҳои гуногуни тиҷоратию иқтисодӣ шомил гардида, дар ҳамгироии иқтисодии байналмилалӣ фаъолона иштирок менамояд. Ин ба рушди иқтисодиёти кишвар ва таҳкими мавқеи он дар бозори ҷаҳонӣ мусоидат мекунад.

Дар диссертатсия қайд шудааст, ки иқтисодиёти глобалӣ ва мубодилаи байналмилалии молҳо ва хизматрасониҳо низоми муассир ва ҳамоҳангшудаи нақлиётро барои дар саросари ҷаҳон саривақт ва боэътимод таъмин кардани бурдарасонии молҳо ва хизматрасониҳо талаб мекунад. Фазои ягонаи нақлиётӣ дар доираи иттиҳодияҳои минтақавӣ мувофиқакунӣ ва ҳамоҳангсозии қоидаҳо, стандартҳо ва тартиботро дар соҳаи нақлиёт дар байни мамлакатҳо дар бар мегирад. Вай боркашонӣ ва  мусофирбариро содда мегардонад, хароҷотро паст мекунад ва вақти бурдарасонии молҳоро кам мекунад.

Инкишофи шабакаи долонҳои мултимодалии ҲМИОМ яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти ин созмон ба ҳисоб меравад. Долонҳои мултимодалӣ хатсайрҳои ҳамгирошудаи нақлиётиро дар бар мегиранд, ки онҳо намудҳои гуногуни нақлиётро (масалан, роҳи оҳан, автомобилӣ, обӣ ва нақлиёти ҳавоӣ) дар долони ягонаи нақлиётӣ барои таъмини муассир ва зуд бурдарасонии молҳо муттаҳид мекунанд. Нақшаҳо барои азнавсозии долонҳои нақлиётӣ ба ҳуҷҷати стратегии «ҲМИОМ-2030» ворид карда шудаанд, ки аз тарафи ҳамаи мамлакатҳои иштирокчӣ дастгирӣ ёфтааст.

Тоҷикистон, ҳамчунин, дар васеъ намудани коммуникатсияи нақлиётӣ бо мамлакатҳои аъзои СҲШ, бахусус, дар инкишофи инфрасохтори нақлиётӣ ва ташкили долонҳои байналмилалии нақлиётӣ иштирок карда истодааст. Дар тадқиқоти диссертатсионӣ қайд шудааст, ки ин ба мамлакат дар вусъат додани робитаҳои нақлиётӣ бо дигар мамлакатҳои иштирокчӣ кӯмак мекунад ва ба рушди иқтисодиёт ва савдо мусоидат менамояд.

Дар боби сеюми диссертатсия хулоса карда шудааст, ки самти хеле ояндадори рушди инфрасохтори нақлиётию логистикии Тоҷикистон муттаҳидсозии иқтидори нақлиётию логистикии мамлакатҳои Осиёи Марказӣ, СҲШ ва ҲМИОМ маҳсуб меёбад.

**Дар боби чоруми тадқиқоти диссертатсионӣ – «Рушди иқтидори содиротии саноати Тоҷикистон дар шароити ҳамгироии блокҳои тиҷоратию иқтисодӣ»** афзалиятҳои соҳавии иқтидори содиротии саноат муайян ва мавриди таҳлил қарор гирифтаанд ва омилҳои рақобатӣ нишон дода шуда, арзёбии таъсири онҳо ба рушди иқтидори содиротии мамлакат дар шароити саноатикунонии босуръат дар доираи иштироки Тоҷикистон дар равандҳои ҳамгироии минтақавӣ гузаронида шудааст.

Дар диссертатсия қайд шудааст, ки иқтидори содиротӣ, яъне, қобилияти истеҳсол ва фурӯши молҳо ва хизматрасониҳои кишвар дар бозори ҷаҳонӣ дар рушди иқтисодии он ва рушди динамикии иқтисодиёти миллӣ нақши муҳим мебозад.

Дар диссертатсия иқтидори содиротии гидроэнергетика, истихроҷи маъдан, соҳаҳои саноати химиявӣ, сабук ва хӯрокворӣи Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳқиқ қарор гирифта, модели эконометрикии вобастагии рушди иқтисоди

Тоҷикистон аз тағйирёбии сохтори содиротии мамлакат дар шароити ҳамгироии иқтисодии минтақавӣ таҳия карда шудааст (ҷадвали 4).

**Ҷадвали 4. –Маълумот барои таҳлили эконометрикӣ**

| Нишондиҳанда | ММД млн дол. | Содироти қувваи барқ, млн дол. | Содироти маҳсулоти минералӣ, млн дол. | Содироти матоъ ва маснуоти нассоҷӣ, млн дол. | Содироти металлҳои қиматбаҳо ва маснуот аз онҳо, млн дол. |
|---|---|---|---|---|---|
| 2010 | 5642,179 | 3,592 | 54,401 | 233,222 | 757,157 |
| 2011 | 6867,116 | 4,269 | 152,084 | 237,725 | 686,254 |
| 2012 | 7592,983 | 21,3346 | 305,0046 | 265,34 | 556,225 |
| 2013 | 8506,255 | 33,2586 | 174,1336 | 227,218 | 388,643 |
| 2014 | 9241,646 | 43,692 | 222,757 | 166,009 | 243,023 |
| 2015 | 8269,576 | 48,362 | 204,141 | 171,028 | 231,895 |
| 2016 | 6992,483 | 51,665 | 307,197 | 153,324 | 225,437 |
| 2017 | 7536,44 | 53,4796 | 487,1806 | 181,81 | 229,155 |
| 2018 | 7765,014 | 76,9854 | 543,9414 | 226,452 | 235,413 |
| 2019 | 8301,046 | 93,1165 | 459,2325 | 211,126 | 217,222 |
| 2020 | 7670,086 | 56,4233 | 275,1123 | 196,232 | 50,578 |
| 2021 | 8937,766 | 96,322 | 488,459 | 279,326 | 266,037 |
| 2022 | 10497,14 | 106,166 | 895,508 | 277,929 | 318,344 |

**Источник:** Фаъолияти берунии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои мувофиқ / Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дар натиҷаи ҳисобҳо чунин муодилаи сершумори (шакли ҷамъи) регрессионӣ ба даст омад:

$$Y = 8.74*X_1 + 3.34*X_2 + 0.42*X_3 + 6270.48*DUMMY \quad (1)$$

Натиҷаҳои ба даст овардашударо чунин шарҳ додан мумкин аст:

- ҳангоми афзун шудани содироти нерӯи барқ ба 1 миллион доллари ИМА, ҳаҷми ММД-и мамлакат ба 8,74 миллион доллар дар шароити тағйир наёфтани дигар омилҳо (ҳангоми нигоҳ доштани сатҳи содироти дигар молҳо дар доираи иттиҳодияи ҳамгироӣ) меафзояд;
- ҳангоми зиёд шудани содироти маҳсулоти маъданӣ ба 1 миллион доллар, ММД-и мамлакат ба 3,34 миллион доллар дар шароити доимияти дигар омилҳо дар доираи иттиҳодияи ҳамгироӣ афзун мешавад;
- ҳангоми афзоиши содироти матои нассоҷӣ ва маснуоти нассоҷӣ ба 1 млн. доллар, ММД-и мамлакат ба 0,42 млн. доллар дар шароити бетағйир мондани дигар омилҳо афзоиш меёбад (азбаски ҳиссаи асосии содироти матои нассоҷӣ ва маснуоти нассоҷиро нахи пахта ташкил медиҳад, бинобар ин, коэффитсиенти таъсиррасонӣ нисбат ба дигарҳо пасттар мебошад).

Ҳамин тариқ, дар диссертатсия чунин хулоса карда шудааст, ки соҳаҳои мавриди назар (гидроэнергетика, истеҳсоли алюминий, соҳаҳои саноати истихроҷи маъдан, сабук ва хӯрокворӣ) иқтидори хеле баланди содиротӣ доранд. Барои татбиқ намудани имкониятҳои мазкур зарурати азнавсозию муҷаҳҳаз гардонидани техникии корхонаҳои фаъолияткунанда, сохтани корхонаҳои нав, оптимизатсияи тақсимоти захираҳо дар байни соҳаҳои гуногуни иктисодиёт, такмил додани инфрасохтори нақлиётӣ ва истеҳсолӣ, баланд бардоштани салоҳиятҳои касбии кормандон зарур аст.

Дар тадқиқоти диссертатсионӣ асоснок карда шудааст, ки саноатикунонии босуръати Тоҷикистон метавонад ба ташкили занҷираҳои арзиши иловашуда дар доираи иттиҳодияи ҳамгирой таъсири калон расонад. Саноатикунонии босуръат ба афзоиши ҳосилнокии меҳнат ва баланд бардоштани касбияти қувваи корӣ мусоидат менамояд, ки он на танҳо ба паст кардани хароҷоти истеҳсолӣ имкон медиҳад, балки ба баланд шудани рақобатпазирии маҳсулот дар бозори ҷаҳонӣ меоварад.

Лекин дар раванди индустриякунонии босуръат як қатор проблемаҳо ва чолишҳо, аз қабили норасоии сармоя ва технологияҳо, ниҳодҳои заиф ва монеаҳои бюрократӣ, ноустуворӣ ва сатҳи баланди вобастагӣ аз бозорҳои хориҷӣ вуҷуд дорад. Ҳалли ин проблемаҳо таҳия ва татбиқи сиёсати муассири саноатикунонӣ ва алоқаманд кардани онро бо равандҳои ҳамгироии минтақавӣ талаб менамояд.

Дар диссертатсия нишон дода шудааст, ки саноатикунонии босуръат ба иқтидори содиротӣ ва болоравии фаъолнокии содиротӣ чунин таъсир мерасонад:

- афзоиши истеҳсолот ба вуҷуд меояд ва ба туфайли рушди саноат ва вусъатёбии истеҳсолот, мамлакат метавонад ҳаҷми молҳо ва хизматрасониҳои истеҳсолшавандаро зиёд намояд;

- саноатикунонӣ ба инкишофи технологияҳо ва баланд бардоштани сифати маҳсулот ва рақобатпазирии мамлакат мусоидат менамояд;

саноатикунонӣ ба мамлакат имконият медиҳад, ки робитаҳои ҳамгироиро бо дигар мамлакатҳо инкишоф дода, комплекси мукаммали иқтисодии берунии мамлакатро бунёд намояд.

Дар навбати худ, сиёсати ҳарчи бештару зиёдтар ба татбиқи иқтидори содиротии мамлакат нигаронидашуда, ба раванди саноатикунонии босуръат таъсири баръакс мерасонад (расми 5).




**Расми 5. - Механизми таъсири мутақобилаи саноатикунонӣ ва иқтидори содиротии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Дар диссертатсия асоснок карда шудааст, ки татбиқи иқтидори содиротӣ бояд бо инфрасохтори муассир, дастрасӣ ба нақлиёт ва дастгирии логистикӣ тақвият дода шавад. Ин ба таъмини бурдарасонии молҳо ба бозорҳои байналмилалӣ ва баландшавии

рақобатпазирии саноати Тоҷикистон кӯмак мекунад. Дар ин самт, тадбири самарабахши сиёсати савдои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкории мутақобила бо блокҳои тиҷоратию иқтисодӣ ташаккул ва рушд додани кластерҳои саноатӣ ва инноватсионӣ дар заминаи минтақаҳои озоди иқтисодӣ (МОИ) ба ҳисоб меравад.

Дар асоси инфрасохтори муассири нақлиётию логистикӣ ва МОИ истеҳсоли маҳсулот ва хизматрасониҳои нав бо арзиши баланди иловашуда ва ташаккули занҷираҳои нисбатан мураккаби истеҳсол ва фурӯши молҳо дар соҳаҳои содиротии иқтисодиёти миллӣ таъмин карда мешавад. Тавассути МОИ ва технополисҳо имкониятҳои нави ҳамкориҳои байни/дохили минтақавӣ дар асоси лоиҳаҳои муштарак дар доираи иттиҳодияҳои ҳамгироии минтақавӣ, хусусан, дар чунин самтҳо, аз қабили энергетикаи сабз, саноати истихроҷ ва нассоҷӣ, истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ, металлургияи ранга ва ғайра ва дар ниҳоят, татбиқи ҳадафи чоруми стратегии мамлакат – саноатикунонии босуръат татбиқ карда мешаванд.

Арзёбии тарафҳои қавӣ ва сусти дар тадқиқоти диссертатсионӣ гузаронидаи ҳамгироии Тоҷикистон ба блокҳои мухталифи ҳамгироӣ бо истифода аз таҳлили SWOT нишон дод, ки иштироки мамлакат дар ин блокҳо ба зиёднамоии иқтидори содироти саноати мамлакат мусоидат менамояд.

**Ҷадвали 5 – SWOT-таҳлили иштироки Тоҷикистон дар блокҳои гуногуни ҳамгироӣ***

| (S) тарафҳои қавӣ | (O)имкониятҳо |
|---|---|
| Мавқеи геосиёсӣ: Тоҷикистон дар маркази Осиёи Марказӣ ҷойгир аст ва барои савдои байналмилалӣ ва хатсайрҳои нақлиётӣ аҳаммияти стратегӣ дорад.<br>Иқтидори иқтисодӣ: Тоҷикистон дорои захираҳои бузурги табиӣ, аз қабили захираҳои об ва металлҳои қиматбаҳо мебошад. Иштирок дар блокҳои ҳамгироӣ ба афзун шудани ҳаҷми савдо ва сармоягузориҳо мусоидат намуда, ба тараққиёт ва рушди иқтисодии мамлакат таъсир мерасонад.<br>Иштирок дар блокҳои ҳамгироӣ ба баланд шудани рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ, рушди соҳаҳои саноат ва хоҷагии қишлоқ, инчунин, ба беҳтар гардидани шароити зиндагии аҳолӣ мусоидат менамояд. | Васеъ намудани бозорҳои фурӯш: узвият дар блокҳои ҳамгироӣ метавонад ба афзоиши ҳаҷми содироти молҳо ва хизматрасониҳо бо фароҳам овардани дастрасӣ ба бозорҳои нав ва имкониятҳо барои рушди савдо мусоидат намояд.<br>Ҷалби сармоягузориҳо: иштирок дар блокҳои ҳамгироӣ метавонад воридшавии сармояи хориҷиро ба мамлакат тавассути кӯмак кардан ба инкишофи соҳаҳои иқтисодиёт ва мусоидат намудан ба рушди иқтисодӣ ҳавасманд гардонад<br>Мубодилаи технологӣ ва лоиҳаҳои муштарак: дар доираи блокҳои ҳамгироӣ ҳамкорӣ бо дигар мамлакатҳои иштирокчӣ вобаста ба мубодилаи технологияҳо, роҳандозӣ кардани лоиҳаҳои муштарак ва рушди соҳаҳои инноватсионии иқтисодиёт имконпазир мебошад. |
| **(W) тарафҳои суст** | **(T) таҳдидҳо** |
| Тоҷикистон дорои инфрасохтори суст инкишофёфта мебошад, ки ин метавонад барои иштироки пурра дар блокҳои ҳамгироӣ ва фаъолияти муассир дар онҳо мушкилот эҷод намояд.<br>Рушди нокифояи низоми миллии бонкӣ, ноустувории қурби асъори миллӣ ва норасоии сармоягузорӣ барои навсозии иқтисодиёти миллӣ. | Вобастагии иқтисодӣ аз дигар мамлакатҳои иштирокчии блокҳои ҳамгироӣ.<br>Зарарҳои эҳтимолии иқтисодӣ дар ҳолати баромадан аз блоки ҳамгироӣ дар оянда, агар чунин қарор дар робита бо тағйирёбии вазъ ва манфиатҳои мамлакат қабул карда шавад.<br>Ниҳодҳои суст ва равандҳои бюрократӣ, ноустуворӣ ва вобастагии зиёд аз бозорҳои беруна. |

***Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Дар диссертатсия қайд шудааст, ки рушди иқтидори содиротии саноати мамлакат дар шароити ҳамгироии блокҳои тиҷоратию иқтисодӣ бояд ба воситаи «консепсияи ИСИГМ» ба амал бароварда шавад, ки он пешбурди сиёсати савдои беруниро дар ягонагии мувофиқашудаи равишҳои иқтисодӣ (И), сиёсӣ (С), иҷтимоӣ (И), геосиёсӣ (Г) ва маҷмуӣ (мултидитсиплинарӣ (М) пешбинӣ менамояд. Дар баробари ин, ҳадафҳои сиёсати савдои хориҷии мамлакат дар раванди ҳамгироии иқтисодии минтақавӣ шакли яклухт (комил) ва консептуалӣ мегиранд:

- фароҳам овардани шароит барои таъмини рушди устувори иқтисодиёт;

- ҳимояи манфиатҳои молистеҳсолкунандагон, мусоидат ба афзун кардани содироти маҳсулоти ватанӣ, рушди робитаҳои иқтисодии хориҷӣ;

- таъмини ҳимояи баробари манфиатҳои ҳамаи субъектҳои фаъолияти иқтисодии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон инчунин, субъектҳои хориҷии фаъолияти хоҷагидорӣ дар қаламрави кишвар тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- пешбурди ҳимояи баробари ҳамаи субъектҳои фаъолияти иқтисодии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ ба меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ;

- либерализатсияи савдои хориҷӣ, соддагардонии механизми содирот ва воридот, инчунин, танзими тарифӣ ва ғайритарифӣ;

- мусоидат дар чорабиниҳо оид ба таъмини сифати маҳсулоти воридшаванда барои ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон;

- мусоидат дар пешгирии интиқоли ғайриқонунии маводи мухаддир, силоҳ ва ашёи дорои аҳаммияти таърихӣ, этнографӣ ва фарҳангӣ тавассути сарҳадоти гумрукӣ;

- ҳимояи манфиатҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ.

Дурнамои саноатикунонии босуръат дар Тоҷикистон дар сурати татбиқи чораҳои дахлдор ва ислоҳот дар раванди иштироки мамлакат дар равандҳои ҳамгироии минтақавӣ, инчунин, ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ ба бор овардани натиҷаҳои мусбиро пешбинӣ менамояд. Ин ба кишвар имкони диверсификатсияи иқтисодиёт, таъсис додани ҷойҳои нави корӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолиро медиҳад.

**Дар боби панҷуми таҳқиқоти диссертатсионӣ – «Алоқамандии равандҳои ҳамгироӣ ва рушди динамикии иқтисодиёти миллии Тоҷикистон»** тавассути муайян кардани роҳҳои татбиқи модели «иқтисодиёти кушоди динамикӣ» ва масъалаҳои рушди минбаъдаи равандҳои ҳамгироии мамлакат дар шароити гузариш ба хоҷагии ҷаҳонии бисёрқутба, равишҳои методологӣ асоснок карда шуда, дурнамои ташкил ва унсурҳои механизми фаъолияти кластерҳои тиҷоратию логистикӣ дар ҳамкории мутақобила бо кишварҳои шарик дар ҳамгироӣ муайян карда шудааст.

Тадқиқоти диссертатсионӣ нишон дод, ки модели иқтисодиёти кушод мавҷудияти мубодилаи озоди молҳо ва сармояҳоро дар байни мамлакатҳо, инчунин, ҷой надоштани маҳдудиятҳоро дар ҳаракати сармоя ва тиҷорат

пешбинӣ менамояд. Ҳангоми таҳлили иқтисодиёти кушод таъсири омилҳои байналмилалӣ ба талаботи умумӣ, меъёрҳои фоиз, сатҳи таваррум, даромадҳои аҳолӣ ва дигар нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ ба назар гирифта мешавад.

Ба ақидаи мо, бар хилофи равишҳои дар адабиёти иқтисодии ватанӣ мавҷуда ба категорияи «иқтисодиёти кушод», рушди минбаъдаи равандҳои ҳамгироии Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд дар асоси иқтисодиёти кушоди динамикӣ ба амал бароварда шавад, ки он на танҳо таҳкими муносибатҳои тиҷоратию истеҳсолӣ, балки, пеш аз ҳама, ба равандҳои такрористеҳсолнамоӣ дар доираи ҳамгироии иқтисодии минтақавӣ тавассути тараққӣ додани инфрасохтори истеҳсолию нақлиётӣ ва энергетикӣ барои рушди дарозмуддат ва устувори иқтисодиёти миллӣ нигаронида шудааст. Дар ин ҳолат ба сифати нишондиҳандаи арзёбии иқтисодиёти кушод на танҳо нишондиҳандаҳои анъанавии содирот, воридот ва таносуби онҳо, балки коэффитсиенти кушодии такрористеҳсол (ККТ) истифода мешавад (ҷадвали 6). ККТ имкони арзёбии вобастагии иқтисодиёти миллиро аз омилҳои беруна, қобилят ва имконияти кишварро барои ҳамкории мутақобила бо дигар мамлакатҳо ба манфиати афзун намудани истеҳсол ва беҳтар кардани сатҳи зиндагии аҳолӣ медиҳад.

**Ҷадвали 6. – Ҳисоби кушодии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2010-2022***

| Нишондиҳанда | 2010 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| ММД, млн сомонӣ | 24707 | 50977 | 54790 | 64434 | 71059 | 79109 | 82543 | 90797 | 106232 |
| Содирот млн сомонӣ | 5245 | 6105 | 7079 | 10567 | 10120 | 11368 | 15896 | 23844 | 28613 |
| Воридот млн сомонӣ | 11666 | 23553 | 23876 | 24036 | 29710 | 32421 | 35605 | 48971 | 56632 |
| Коэффитсиенти пӯшонидани воридат аз ҳисоби содирот | 0,45 | 0,26 | 0,30 | 0,44 | 0,34 | 0,35 | 0,44 | 0,49 | 0,50 |
| Коэффитсиенти кушодии такрор-истеҳсол (ККТ) | 0,68 | 0,58 | 0,56 | 0,53 | 0,56 | 0,55 | 0,62 | 0,80 | 0,80 |
| Квотаи содирот, % | 21,2 | 11,9 | 12,9 | 16,4 | 14,4 | 19,2 | 26,2 | 26,9 | 26,9 |
| Квотаи воридот, % | 47,2 | 46,2 | 43,5 | 37,3 | 41,8 | 40,9 | 43,1 | 53,9 | 53,3 |

***Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси Маҷмуаи омории Ҷумҳурии Таҷикистон, - Душанбе, 2023. – С. 12-13.

Дар диссертатсия муайян карда шудааст, ки пеш аз ҳама, кушодии иқтисодиёт ба фирмаҳо имкони арзон ворид намудани ашёи хом ва маҳсулотро медиҳад, ки ин боис ба коҳиш ёфтани хароҷоти истеҳсолот ва баланд шудани рақобатпазирии маҳсулот дар бозори ҷаҳонӣ гардида, ба афзун шудани ҳаҷми истеҳсол ва зиёд шудани даромадҳои корхонаҳо мусоидат мекунад. Сониян, кушодии иқтисодиёт ба табодули (трансфери) технологияҳо ва донишҳо мусоидат намуда, сифат ва самаранокии равандҳои истеҳсолиро беҳтар мекунад ва ба афзун шудани ҳосилнокии меҳнат ва рушди иқтисодиёт таъсир мерасонад.

Дар навбати худ, иқтисодиёти кушоди динамикӣ бо сатҳи баланди рақобат мубодилаи озоди молҳо, хизматрасониҳо ва сармоя дар бозори ҷаҳонӣ, ҳаракати озоди одамон ва фаъолнокии соҳибкорӣ тавсиф меёбад. Ба чунин иқтисодиёт одатан сатҳи пасти тарифҳо ба воридот ва содирот, инчунин, бозорҳои кушод барои сармоягузориҳои хориҷӣ хос мебошад. Ин ба коҳишёбии монеаҳои бюрократӣ

мусоидат менамояд ва дар маҷмуъ, инноватсияҳо ва афзуншавии истеҳсол ва рушди иқтисодиро ҳавасманд мегардонад.

Дар шароити рушди равандҳои ҳамгирой иқтисодиёти кушоди динамикӣ ба зиёдшавии суръати гардиш такмилёбии раванди такрористеҳсол ба туфайли инкишофи савдои байналмилалӣ, ҷалби сармояҳо ва технологияҳои хориҷӣ, инчунин, васеъ намудани бозорҳо ва баланд бардоштани сатҳи рақобат таъсири мусбӣ мерасонад.

Дар тадқиқоти диссертатсионӣ асоснок карда шудааст, ки ташаккул ва рушди кластерҳои тиҷоратӣ ва логистикӣ дар иқтисодиёти кушоди динамикӣ механизми самаранок дар ҷалби сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ, инчунин, фаъолгардии ҳамгироии иқтисодии хориҷӣ маҳсуб меёбад. Кластерҳо ба рушди минтақаҳои алоҳидаи мамлакат мусоидат намуда, рақобатпазирии онҳоро дар бозори байналмилалӣ баланд мегардонад. Инкишофи кластерҳо метавонад сармоягузориҳои хориҷиро ҷалб намояд, инфрасохторро беҳтар гардонад ва сатҳи зиндагии сокинони минтақаро баланд бардорад.

Механизми фаъолияти кластерҳои тиҷоратӣ ва логистикӣ ба кооператсия, васеъсозии миқёс, синергия, инноватсия ва дастгирии давлатӣ асос меёбад. Ҳамкории мутақобилаи байни иштирокчиёни кластер дар раванди ҳамгироии иқтисодии минтақавӣ имконият медиҳад, ки самаранокӣ ва рақобатпазирии фаъолияти онҳо баланд гардад, инчунин, ба рушди инноватсияҳо ва ташкили шароити мусоид барои рушди бизнес мусоидат намояд.

**Ҷадвали 7. – Унсурҳои механизми фаъолияти кластерҳои тиҷоратӣ ва логистикӣ дар фаъолияти иқтисодии хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон***

| Унсурҳо | Тавсифи унсурҳо |
|---|---|
| Кооператсия | Корхонаҳое, ки дар кластер муттаҳид шудаанд, байни ҳамдигар ҳамкорӣ намуда, иттилоот ва захираҳоро мубодила менамоянд, то ки самаранокии равандҳои истеҳсолӣ ва логистикиро баланд бардоранд. |
| Васеънамоии миқёс | Муттаҳид кардани корхонаҳо дар кластер имкони истифодаи сарфаи миқёс ва баланд бардоштани имкониятҳои истеҳсолиро медиҳад. Ин паст кардани хароҷотро ба хариднамоӣ ва нигоҳ доштани молҳо, беҳтар кардани хизматрасонии дастраснамоӣ ва таъмини шароити нисбатан беҳтарро ба муштариён имконпазир мегардонад. |
| Синергия | Ҳамкории мутақобилаи корхонаҳо дар кластер ба ташкили синергия, яъне, мувофиқати кӯшишҳо, ки ба беҳтар шудани натиҷаҳои фаъолияти ҳамаи иштирокчиён меоварад, мусоидат мекунад. Масалан, хизматрасониҳои логистикии кластерро |
| | метавонанд корхонаҳо истифода намоянд, ки самаранокии онҳоро афзун мекунад ва арзишро коҳиш медиҳад. |
| Инноватсияҳо | Кластерҳои тиҷоратӣ ва логистикӣ аксар вақт майдони таҳия ва татбиқи инноватсияҳо мебошанд. Иштирокчиёни кластер дар коркарди молҳо, технологияҳо ва усулҳои нави кор ҳамкорӣ мекунанд, ки ин ба баланд шудани рақобатпазирии тамоми кластер мусоидат менамояд. |
| Дастгирии давлатӣ | Барои фаъолияти бомуваффақияти кластерҳои тиҷоратию логистикӣ дастгирии давлат муҳим мебошад. Ин метавонад пешниҳоди имтиёзҳо ва субсидияҳо, таъсиси инфрасохтор, омоданамоӣ ва рушди кадрҳо ва дигар чораҳои мусоидаткунандаро ба рушди кластер дар бар гирад. |

*** Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Яке аз ниҳодҳои калидии масъул барои ташкили кластери тиҷоратӣ ва логистикӣ дар раванди ҳамгироии иқтисодии минтақавӣ мақомоти давлатӣ мебошанд. Ҳукумати кишварҳои ҳамгироишаванда метавонанд барои рушди бахши тиҷоратию логистикӣ дастгирии молиявиро дар шакли субсидияҳои байнидавлатӣ ва имтиёзҳои андоз пешниҳод менамоянд.

Дар тадқиқоти диссертатсионӣ асоснок карда шудааст, ки механизми ҳамкории мутақобилаи ниҳодҳои гуногуни байнидавлатӣ дар доираи фаъолияти кластерҳои тиҷоратию логистикӣ ба ҳамкорӣ ва синергияи байни иштирокчиёни кластер асос ёфтааст. Ин механизм унсурҳои асосии зеринро, аз қабили ташаккул ва мутобиқати кластер, якҷоя банақшагирӣ ва қабули қарорҳо, мубодилаи иттилоот ва донишҳо, ҳамкории мутақобила дар сатҳи амалиёт, инчунин рушд ва фаъолияти инноватсионии муштаракро дар бар мегирад.

Дар диссертатсия муайян карда шудааст, ки механизми ҳамкории мутақобилаи ниҳодҳо дар доираи кластерҳои тиҷоратию логистикӣ ҳамкории судманди байналмилалии тарафайн ба ҳисоб меравад, ки дар маҷмуъ, барои ноил шудан ба ҳадафҳои умумии ҳамгироии минтақавӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии кластер нигаронида шудааст. Дар мисоли арзёбии равишҳои минтақавӣ, соҳавӣ, классикӣ ва инноватсионӣ оид ба ташкили кластерҳои тиҷоратию логистикӣ, дар тадқиқоти диссертатсионӣ таъкид шудааст, ки муносибати (равиши) мушаххас ё амалии ташкили кластери тиҷоратию логистикӣ дар раванди ҳамгироии иқтисодии минтақавӣ аз шароит, ҳадафҳо ва вазифаҳое вобаста мебошад, ки онҳо дар назди мамлакатҳои ҳамгироишаванда ҳангоми ташкили кластер дучор мешаванд.

Арзёбии самаранокии кластери тиҷоратию логистикӣ воситаи муҳимми муайян кардани натиҷанокии он ва оптимизатсияи равандҳои ҳамгироӣ ба ҳисоб рафта, дар худ ҳисобкунии натиҷанокӣ ва самаранокии фаъолиятҳоеро таҷассум менамояд, ки он бо истеҳсолот, тақсимот, фурӯши мол ва истеъмоли хизматрасониҳо дар минтақаи муайяни ҳамгироӣ алоқаманд мебошад. Дар тадқиқоти диссертатсионӣ равишҳои назариявӣ ба таҳияи нишондиҳандаҳои арзёбии самаранокии кластерҳои тиҷоратию логистикӣ ҷамъбаст карда шудаанд (ҷадвали 8).

**Ҷадвали 8. - Нишондиҳандаҳои арзёбии самаранокии кластери тиҷоратию логистикӣ***

| Ҳадафҳо | Нишондиҳандаҳо | Формулаи ҳисобнамоӣ |
|---|---|---|
| Рушди базаи истеҳсолӣ | Нишодиҳандаи тағйирёбии ҳаҷми истеҳсолот | $Iv = \frac{V1}{V0}$<br>V1 – ҳаҷми истеҳсолот то ташкили кластер<br>V0 – ҳаҷми истеҳсолот баъди ташкил кластер |
| | Нишондиҳандаи тағйирёбии ҳаҷми сармоягузориҳо ба сармояи асосӣ | Ii = I/Iумумӣ<br>I – афзоиши сармоягузориҳо ба сармояи асосӣ дар раванди фаъолияти кластер.<br>Iумумӣ –ҳаҷми умумии сармоягузориҳо. |
| | Нишондиҳандаи шумораи корхонаҳо ва ташкилотҳои ба кластер ҷалбшуда | Ip = P/Pумумӣ<br>P – миқдори корхонаҳо-иштирокчиёни кластер.<br>Pумумӣ –миқдори умумии корхонаҳо дар минтақа. |

| | | |
|---|---|---|
| Баромадан ба бозорҳои ҷаҳонӣ | Нишондиҳандаи динамикаи содирот | Ie = Э/Эумумӣ<br>Э – ҳаҷми содироти корхонаҳои кластер.<br>Эумумӣ – ҳаҷми умумии содироти минтақа. |
| | Нишондиҳандаи шумораи кишварҳои таҳвилдиҳандаи мол | Is = К1/Кумумӣ<br>К1 – шумораи мамлакатҳое, ки ба онҳо маҳсулоти кластер содир мешаванд.<br>Коб- миқдори мамлакатҳое, ки ба онҳо маҳсулоти корхонаҳои минтақа содир карда мешавад. |
| Баланд бардоштани рақобатпазирии кластер | Нишондиҳандаи сатҳи фаъолнокии инноватсионии кластер | Iin = A1/Аумумӣ<br>А1 – шумораи инноватсияҳои дар раванди фаъолияти кластер ҷоригардида.<br>Аумумӣ – шумораи умумии инноватсияҳо дар минтақа. |
| Ҳадафҳои иҷтимоӣ | Нишондиҳандаи шумораи ҷойҳои нави кории таъсисдодашуда | Iрм= Т1/Тумумӣ<br>Т1 – шумораи ҷойҳои кории дар кластер таъсис додашуда.<br>Тумумӣ –шумораи ҷойҳои корӣ дар минтақа. |
| | Нишондиҳандаи сатҳи пардохти музди меҳнат дар корхонаҳои кластер | Io = O1/умумӣ<br>O1 – музди миёнаи меҳнат дар корхонахои кластер.<br>Оумумӣ – сатҳи миёнаи музди меҳнат дар корхонахои минтақа. |

***Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Равишҳои назариявӣ оид ба арзёбии нишондиҳандаҳо имкони муайян кардани нишондиҳандаи интегралии самаранокии рушди кластери тиҷоратию логистикиро дар шароити ҳамгироии иқтисодии минтақавӣ медиҳад, ки он шакли зеринро мегирад:

$$Кэ = \sqrt[8]{Iv * Ii * Ip * Ie * Is * Iin * Ipm * Io} \qquad (2)$$

Натиҷаи бадастомадаро ба таври зерин шарҳ додан мумкин аст:

- ҳангоми Кэ < 0,5, ба рушди кластер самаранокии паст хос аст;
- ҳангоми 0,51 < Кэ < 1, рушди кластер самаранокии мӯътадил дорад;
- ҳангоми Кэ > 1, рушди кластер сатҳи баланди самаранокиро доро мебошад.

Дар диссертатсия асоснок карда шудааст, ки ташкили кластерҳои тиҷоратию логистикӣ метавонад ба рушди иқтисодиёти Тоҷикистон тавассути ворид гардидани сармоягузориҳо, ташкили ҷойҳои корӣ ва афзоиши гардиши мол мусоидат намояд. Кластерҳо иштирокчиёни гуногунро, аз таҳвилгарон то муассисаҳои боркашонро муттаҳид мекунанд ва муҳити мусоидро барои рушди ширкатҳои тиҷоратию логистикӣ фароҳам меоранд.

Ҳамгироӣ бо мамлакатҳои СҲШ ба Тоҷикистон имконияти барои татбиқи сенарияи индустриалӣ-инноватсионии рушд ва беҳтар кардани рақобатпазирии он дар арсаи байналмилалӣ фароҳам меорад. Ҳамгироӣ дар доираи ҲМИОМ метавонад катализатори муҳим барои амалигардонии сенарияи индустриалӣ-инноватсионии рушди иқтисодиёт дар Тоҷикистон гардад ва ба таъсиси ҷойҳои нави корӣ, афзоиши содирот, ҷалби сармоя ва баланд бардоштани рақобатпазирии мамлакат дар бозори байналмилалӣ мусоидат намояд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти гузаронида вобастагии (алоқамандии) равандҳои ҳамгироии минтақавӣ ва сенарияи индустриалӣ-инноватсионии рушдро нишон медиҳанд, ки онҳо дар кишвар имкони истифодаи технологияҳо, таҷрибаи пешрафта ва донишҳои навро ба манфиати рушди динамикии Ҷумҳурии Тоҷикистон фароҳам меоранд.

## ХУЛОСА ВА ПЕШНИҲОДҲО

Мувофиқ ба вазифаҳои пешбинигардидада ва тадқиқоти гузаронидашуда, муаллиф як қатор хулосаҳои назариявӣ, натиҷагирӣ ва тавсияҳои амалиро таҳия намудааст.

**Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия**

1. Дар шароити муосир, хусусиятҳои рушди иттиҳодияҳои ҳамгироии иқтисодии минтақавӣ бо гузариш дар тартиботи ҷаҳонӣ аз хоҷагии ҷаҳонии яккутба ба бисёрқутба алоқаманд мебошанд. Дар ин шароит ҳамгироии минтақавӣ ҳамчун воситаи тақвият додани мавқеи мамлакатҳо дар низоми бисёрқутба баромад карда, боис ба ташаккули марказҳои гуногуни сиёсӣ ва иқтисодии ҳокимият, ташкили блокҳои минтақавӣ барои ҳимояи манфиатҳо ва таҳкими имкониятҳо дар савдо ва сармоягузориҳои ҷаҳонӣ ва дар ниҳоят, муттаҳид намудани захираҳо, технологияҳо, сармоягузориҳо бо мақсади тақвияти муносибатҳои сиёсии байни мамлакатҳои аъзои иттиҳодияҳои ҳамгироӣ ва коҳиш додани вобастагии онҳо аз таъсири омилҳои беруна мегардад [5-А, 9-А].

2. Омӯзиш ва таҳлили иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар равандҳои ҳамгироии минтақавӣ ба манфиати рушди динамикии иқтисодиёти миллӣ нишон дод, ки консепсияҳои назариявии муосири ҳамгироии иқтисодии минтақавӣ дар аксари мавридҳо хусусияти хаттии (пайдарпайи) равандҳои ҳамгироиро дар доираи иқтисодиёти ҷаҳонӣ ифода менамояд. Дар баробари ин, дар иқтисодиёти муосири ҷаҳонӣ ташаккул ва инкишофи моделҳои ҳамгироии дорои хусусияти ғайрихаттӣ ҷараён дорад, ки пеш аз ҳама, ба ташаккул ва рушди инфрасохтори истеҳсолӣ, нақлиётӣ ва энергетикии минтақаи ҳамгироӣ асос ёфтаанд. Намунаҳои ташаккул ва рушди чунин иттиҳодияҳои ҳамгироии минтақавӣ, ба монанди СҲШ, ҲМИОМ, ИИАО ва ғайра, тамоюлҳои муосир ва афзалиятҳои модели ғайрихаттии ҳамгироии минтақавиро дар бар гирифта, иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин гурӯҳҳо аҳамияти онҳоро барои рушди инфрасохтори истеҳсолию нақлиётӣ ва энергетикии мамлакат ва алоқамандии манфиатҳои рушди динамикии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ин гурӯҳҳои ҳамгироиро нишон медиҳад [5-А,15-А, 27-А].

3. Категорияи иқтисодие, ки системаи муосир ва мураккаби муносибатҳои ҳамгироии иқтисодии байнинминтақавиро дар иқтисодиёти муосири ҷаҳонӣ ошкор мекунад, мафҳуми «иқтисодиёти кушоди динамикӣ» мебошад. Категорияи мазкур манфиатҳои мамлакатҳои ҳамгирошавандаро ифода мекунад, ки онҳо бо равандҳои такрористеҳсол дар доираи ҳамгироии иқтисодии минтақавӣ алоқаманд буда, ба рушди инфрасохтори истеҳсолию нақлиётӣ ва энергетикӣ барои рушди дарозмуддат ва устувори иқтисодиёти миллӣ нигаронида шудаанд. Дар ин ҳолат нишондиҳандаи арзёбии иқтисодиёти

кушоди динамикӣ, коэффитсиенти кушодии такрористеҳсол мебошад, ки он арзёбии вобастагии иқтисодиёти миллиро аз омилҳои беруна ва омодагии кишварҳои ҳамгирошавандаро ба ҳамкорӣ бо дигар мамлакатҳо ба манфиати афзун намудани истеҳсолот ва баланд бардоштани сифати зиндагии аҳолӣ имконпазир мегардонад [5-А, 29-А].

4. Моделҳои ҳамгироии байни давлатҳо дар доираи КИА, НАФТА, ИДМ, СҲШ, ИИАО ва ғайра равишҳои гуногуни беназирро ба ҳамгироӣ дар хоҷагии муосири ҷаҳонӣ нишон медиҳанд. Асоси муносибатҳои ҳамгироии хусусияти ғайрихаттидоштаро барои ҳамгироӣ интихоб кардани соҳаҳои низомофаранда ва ҳамдигарро пурракунандаи иқтисодиёт дар заминаи бартариятҳои рақобатии онҳо ба мақсади воридотивазкунӣ ва инчунин, фаъолона рушд додани инфрасохторҳои базавӣ барои таҳкими савдои байниякдигарӣ ва хориҷӣ ташкил медиҳанд. Хислати ғайрихаттии ҳамгироии минтақавӣ, аз як тараф, имкон медиҳад, ки иқтидори ҳамгироии ҳар як мамлакат дар чунин соҳаҳо, аз қабили иқтисодиёт, сиёсат, фарҳанг ва соҳаи иҷтимоӣ бомуваффақият амалӣ карда шавад ва аз тарафи дигар бошад, ба тақвияти нақши блокҳои фаромиллӣ дар иқтисодиёти ҷаҳонӣ ва фаъол гардидани муносибатҳои дутарафаи байни мамлакатҳо меорад [5-А, 21-А].

5. Иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар равандҳои ҳамгироии минтақавӣ ба манфиатҳои рушди устувор, бехатар ва динамикии иқтисодиёти миллӣ ҷавобгӯ буда, бо масъалаҳои татбиқи ҳадафҳои рушди миллии мамлакат – таъмини амнияти энергетикӣ ва озуқаворӣ, баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ ва табдил ёфтан ба мамлакати транзитӣ ва саноатикунонии босуръат алоқаманд мебошад. Ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо созмонҳои молиявии байналмилалӣ, ба монанди Бонки ҷаҳонӣ ва Хазинаи байналмилалии асъор низ ба дарёфти дастгирии молиявӣ ва техникӣ барои рушди инфрасохтори воқеӣ (физикӣ) ва пардохтӣ мусоидат намуда, ҳамгироии байналмилалии молиявии мамлакатро тақвият медиҳад ва рушд ва инкишофи иқтисодиро тавассути кумаки беруна дар сохтмони роҳҳои автомобилгард ва роҳи оҳан, лоиҳаҳои энергетикӣ ва обтаъминнамоӣ ҳавасманд менамояд [3-А, 12-А, 19-А, 59-А].

6. Тарафи муҳимми иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар равандҳои ҳамгироии минтақавӣ нуфузи кишварҳо – шарикони тиҷоратию иқтисодии минтақавӣ дар рушди динамикии иқтисодиёти мамлакат ба ҳисоб меравад, ки дар ташаккули механизми ҳамкории мутақобилаи судманд зоҳир гардида, табодули таҷриба, технологияҳо, сармоя, захираҳо ва беҳтар намудани раванди истеҳсолиро дар мамлакат ҳавасманд мегардонад. Иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар равандҳои ҳамгироии минтақавӣ ба рушди иқтисодии кишвар ба воситаи интенсификатсияи савдо ва сармоягузориҳои байналмилалӣ мусоидат намуда, боис ба таъсиси ҷойҳои нави корӣ мегардад. Дар механизми ҳамкориҳои мутақобилаи судманд масъалаҳои таҷдиди инфрасохтори нақлиётию коммуникатсионӣ, энергетикӣ ва логистикии мамлакат ва дарёфти сарчашмаҳои иловагии маблағгузории лоиҳаҳои стратегии миллӣ бо мақсади рушди динамикии иқтисодиёти мамлакат аз аҳамият холӣ намебошанд [25-А, 26-А].

7. Моделсозии эконометрикии равандҳои иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар иттиҳодияҳои ҳамгироии минтақавӣ нишон медиҳад, ки ҳангоми афзоиши сармоягузории мустақими хориҷӣ ба 1 банди фоизӣ, содироти нерӯи барқ, маҳсулоти минералӣ, маводҳо ва маҳсулоти нассоҷӣ ба 1 млн доллар, ММД-и мамлакат мутобиқан ба 0,04% ва ба 8,74, 3,34 ва 0,42 млн доллар меафзояд. Дар навбати худ, афзоиши ҳаҷми сармоягузориҳои хориҷӣ бевосита ба рушди инфрасохтори нақлиётии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳаҷми 1 млн сомонӣ, ба афзоиши ҳаҷми гардиши савдои хориҷии мамлакат ба 0,3421 млн. доллар мусоидат менамояд. Дар баробари ин, афзоиши шохис (индекс)-и самаранокии логистика танҳо ба як банд боиси ба андозаи 34,7602 млн доллари ИМА афзудани гардиши савдои хориҷии мамлакат мегардад. Моделсозии эконометрикии равандҳои иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар иттиҳодияҳои ҳамгироии минтақавӣ ба хулосаи муҳим дар бораи зарурати беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар мамлакат меоварад [5-А, 24-А].

8. Иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар иттиҳодияҳои ҳамгироии СҲШ ва ҲМИОМ бевосита ба рушди динамикии иқтисоди миллӣ ва дар маҷмуъ, минтақаи ҳамгироӣ мусоидат мекунад, зеро он ба навсозии инфрасохтори нақлиётӣ ва ташаккули сохторҳои самараноки логистикии нақлиётӣ меорад, тақвият ва диверсификатсияи содироти нерӯи баркро тавассути системаҳои байнидавлатии интиқоли барқ (CASA-1000) таъмин намуда, шабакаи бисёрмодалии долонҳои нақлиётӣ ва иқтисодии байни мамлакатҳоро ташкил медиҳад, баромадани мамлакати мо ва дигар кишварҳои минтақаи ҳамгироиро ба бозорҳо ва бандарҳои ҷаҳонӣ ва минтақавӣ таъмин менамояд. Ҳамаи ин равандҳо ба рушди ҳамкориҳои иқтисодии давлатҳои аъзои гурӯҳҳои ҳамгироӣ, ба беҳтар намудан ва рушди минбаъдаи муносибатҳои тиҷоратии байни давлатҳои аъзо, ба ҳамгироии бозорҳои миллӣ ва рушди босамари савдои дохиливу байниминтақавӣ нигаронида шудаанд [20-А, 58-А].

9. Механизми таъсири мутақобилаи саноатикунонӣ ба иқтидори содиротии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар раванди таҳқиқоти диссертатсионӣ таҳия шудааст, аз нигоҳи иштироки мамлакат дар иттиҳодияҳои ҳамгироии минтақавӣ, инчунин, муқоисаи сенарияҳои пешгӯишудаи рушди устувори Тоҷикистон дар дурнамои миёна ва дарозмуддат вобаста ба таъсири омилҳои беруна ва оқибатҳои онҳо барои фаъолнокии сармоягузорӣ дар иқтисодиёти миллӣ нишон медиҳанд, ки истифодаи иқтидори содиротии мамлакат бояд бо воситаи ташаккул додани инфрасохтори муассири нақлиётию коммуникатсионӣ ва дастгирии логистикии байналмилалӣ тақвият дода шавад, ки онҳо дастрас кардани молҳоро ба бозорҳои байналхалқӣ таъмин намуда, ба баланд бардоштани рақобатпазирии саноати рушдкардаистодаи Тоҷикистон мусоидат менамоянд. Татбиқи ҳадафи чоруми стратегии мамлакат – саноатикунонии босуръат ба Ҷумҳурии Тоҷикистон имкони самаранок пайвастшавиро ба занҷираи байниминтақавии истеҳсоли арзиши иловашуда ва ба даст овардани бартариятҳои ҳамгироиро дар чунин самтҳо, аз қабили энергетикаи сабз, саноати истихроҷ ва нассоҷӣ, истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ, металлургияи ранга, МОИ ва технополисҳо имконпазир мегардонад [2-А, 22-А, 23-А].

10. Тадқиқоти диссертатсионӣ нишон дод, ки дар шароити муосир яке аз унсурҳои муҳимми ҳамгироии иқтисодии минтақавии ғайрихаттӣ ҳамкориҳои минтақавӣ дар соҳаи илм ва тиҷоратикунонии коркардҳои илмӣ ба ҳисоб меравад. Фаъолгардии иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар иттиҳодияҳои ҳамгироӣ дар ин самт метавонад дар ҳавасмандгардонии рушди инноватсионии иқтисодии мамлакат нақши калидӣ бозад ва имкон диҳад, ки дар бозорҳои минтақавӣ рақобатпазир бошад. Трансфери технологияҳои нав ва тиҷоратикунонии корҳои илмию тадқиқотӣ ва таҷрибавию конструкторӣ (КИТТК) дар доираи иттиҳодияҳои ҳамгироии минтақавӣ ба мамлакатҳои шарик имконияти баланд бардоштани шохиси рақобатпазирии ҷаҳонии худро аз ҳисоби гузариш ҳангоми арзёбии он аз истифодаи самараноки захираҳои табиӣ ба арзёбии рақобатпазирӣ аз ҳисоби баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат медиҳад [5-А, 51-А, 52-А].

11. Равишҳои методологии дар таҳқиқоти диссртатсионӣ таҳияшуда оид ба ташкили кластерҳои тиҷоратию логистикӣ ва нишондиҳандаҳои арзёбии самаранокии онҳо дар иқтисодиёти кушоди динамикӣ, инчунин, алгоритми ташкили кластери тиҷоратию логистикӣ барои фаъол гардонидани фаъолияти иқтисодии хориҷии мамлакат дар доираи иттиҳодияҳои ҳамгироӣ имкони баррасии иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар равандҳои ҳамгироӣ тавассути чунин унсурҳои асосии ҳамгироӣ, аз қабили кооператсия, васеънамоии миқёс, синергия, инноватсия ва дастгирии давлатӣ фароҳам меорад. Таъсиси кластерҳои тиҷоратию логистикӣ дар заминаи ин унсурҳо ба фаъол гардидани фаъолияти иқтисодии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи блокҳои ҳамгироӣ мусоидат менамояд ва онҳо ҳамчун минтақаҳои махсусгардонидашуда барои рушди чунин соҳаҳо, аз қабили нассоҷӣ, хӯрокворӣ, сохтмон ва ғайра ба ҳисоб меравнд, ки ҷалби мутахассисон ва технологияҳои ҳозиразамонро ба ин соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ таъмин менамояд [5-А, 25-А.]

12. Меъёрҳои ташкилӣ, иқтисодӣ ва ҳуқуқие, ки параметрҳои муносибатҳои шартномавии байни мамлакатҳои ҳамгирошавандаро муайян мекунанд, самтҳои муҳим дар ташаккули доктринаи иқтисодии иттиҳодияи ҳамгироӣ ва визуализатсияи ҷойгиркунӣ ва ҳамкории мутақобилаи агентҳо дар муҳити индустриалӣ-инноватсионии ҳамгироӣ баромад менамояд. Дар баробари ин, усулҳо ва воситаҳои алоқамандии равандҳои ҳамгироии минтақавӣ ва сенарияи индустриалӣ-инноватсионии рушди динамикии иқтисодиёти кишвар дар раванди иштироки он дар робитаҳои ҳамгироӣ дар худ чунин воситаҳои идоракунӣ, аз қабили таҳлил, банақшагирӣ, ташкил ва назорати ҳамкориҳои мутақобилаи судманди иқтисодиро дар бар мегирад. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ин ба васеъ намудани бозорҳои фурӯш, ҷалби сармоягузориҳои иловагӣ, табодули технологияҳо ва донишҳо ва дар ниҳоят, ба баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ мусоидат менамояд [5-А].

## Тавсияҳо оид ба истифодаи натиҷаҳои тадқиқот

1. Натиҷаҳои таҳқиқоти хусусиятҳои рушди иттиҳодияҳои ҳамгироии иқтисодии минтақавӣ нишон медиҳанд, ки дар шароити муосири гузариш аз хоҷагии ҷаҳонии яккутба ба бисёрқутба мамлакатҳо бояд ҷиҳати иштироки фаъолона дар равандҳои ҳамгироӣ тадбирҳои зарурӣ андешанд, пешгӯии дақиқтари оқибатҳои эҳтимолии иштироки худро дар иттиҳодияҳои ҳамгироии минтақавӣ барои иқтисодиёт ва сиёсати миллӣ ба амал бароранд ва механизмҳои мутобиқшавиро ба шароити тағйирёбандаи иқтисодиёти ҷаҳонӣ бо назардошти мавқеъ ва нақши гурӯҳҳои ҳамгироӣ дар хоҷагии муосири ҷаҳонӣ таҳия намоянд. Ҳамаи ин, дар навбати худ, давлатҳоро ҳавасманд менамояд, ки дар мавриди иштироки худ дар иттиҳодияҳои ҳамгироии минтақавӣ қарорҳои асосноктар қабул намуда, воситаҳои ҳамгироиро самараноктар истифода баранд, роҳҳои якҷоя ҳал карданро аз рӯйи масъалаҳои калидии дурнамои рушди иттиҳодияҳои ҳамгироӣ ҷустуҷӯ карда, воситаҳо ва механизмҳои мушаххасеро таҳия намоянд, ки онҳо ба коҳиш додани вобастагии мамлакатҳои ҳамгирошаванда аз таъсири омилҳои беруна ва муҳимтар аз ҳама, ба мустаҳкам намудани мавқеи давлатҳо дар хоҷагии ҷаҳонии ташаккулёфтаистодаи бисёрқутба мусоидат менамояд [5-А, 26-А. 59-А].

2. Барои иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар равандҳои ҳамгироии минтақавӣ ба манфиати рушди динамикии иқтисодиёти миллӣ муътақидан ва ниҳоят муҳим интихоби самтҳо, шаклҳо ва воситаҳои ҳифзи манфиатҳои миллӣ мебошад, ки онҳоро вобаста аз хусусияти хаттӣ ва ғайрихаттӣ, моделҳои ҳамгироии давлатҳо ва ташаккули блокҳои ҳамгироӣ фарқ кардан мукин аст. Аз ин лиҳоз, ба Тоҷикистон зарур аст, ки ҳангоми иштироки худ дар равандҳои ҳамгироӣ, самараҳо ва афзалиятҳои моделҳои хаттӣ ва ғайрихаттии ҳамгироии минтақавиро дар асоси гузаронидани таҳлили робитаҳои мутақобилаи иҷтимоӣ-иқтисодии байни кишварҳои аъзои иттиҳодияҳои ҳамгироӣ, инчунин, арзёбии таъсири онҳоро ба динамикаи рушди иқтисодии мамлакат ба эътибор гирад ва мутаносибан механизмҳои мутобиқшавӣ ва чандириеро таҳия намоянд, ки онҳо барои бамавқеъ эътино кардан ба чолишҳо ва имкониятҳо дар шароити тағйирёбии рушди хоҷагии ҷаҳонӣ мусоидат менамоянд. Бо такя ба аҳаммиятнокӣ ва бартариҳои фаъолияти чунин иттиҳодияҳои ҳамгироии минтақавӣ, аз қабили СҲШ, ҲМИОМ ва дигар моделҳои ҳамгироии ғайрихаттӣ, барои Ҷумҳурии Тоҷикистон вобастагии (алоқамандии) ҳадафҳои рушди динамикии иқтисодиёти миллӣ ва манфиатҳои ин иттиҳодияҳои ҳамгироӣ муҳим мегардад, ки рушди инфрасохтори истеҳсолию нақлиётӣ ва энергетикии минтақавӣ ва дохилиро фаъол гардонида, ҳамкориҳои байни мамлакатҳоро дар соҳаи мубодилаи технологияҳо, сармоягузории муштарак ба корҳои илмию тадқиқотӣ ва таҷрибавию конструкторӣ, инчунин, таҳияи стратегияҳои умумии рушди иқтисодиро дар соҳаҳои базавӣ ва нави технологии хочагии халқ ҳавасманд менамояд [3-А, 5-А, 19-А].

3. Таъмин ва мониторинги рушди динамикии иқтисодиёти кушоди мамлакат дар асоси истифодаи коэффитсиенти кушодии такрористеҳсол барои таъмин кардани равандҳои такрористеҳсол дар доираи иштирок дар иттиҳодияҳои

ҳамгироии минтақавӣ зарур маҳсуб ёфта, метавонад воситаи муҳимми пешгӯӣ ва таҳияи сиёсати ҳамгироии давлат дар системаи мураккаби равандҳои ҳамгироии минтақавии муосир бошад. Тавре ки дар таҳқиқоти диссертатсионӣ нишон дода шудааст, тағйирёбии коэффитсиенти фаъолнокии такрористеҳсол дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давоми 13 соли охир аз сатҳи 0,53 то сатҳи 0,8 расидааст ва ин маънои онро дорад, ки мамлакат дорои иқтидори баланди «иқтисодиёти кушоди динамикӣ» дар доираи ҳамгироии иқтисодии минтақавӣ мебошад. Ин ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ имкони дар асоси имтиёзҳои андоз, субсидияҳо, кафолатҳои давлатӣ, шарикӣ бо бахши хусусӣ ва воситаҳои дигари иқтисодӣ таҳия кардани барномаҳои ҳавасмандгардонии сармоягузориҳои мутақобиларо барои рушди инфрасохтори истеҳсолию нақлиётӣ ва энергетикӣ, пешгӯии хавфҳо ва имкониятҳоро ҳангоми ҳамкории мутақобила бо шарикони байналмилалӣ ва бозорҳои беруна, коркарди параметрҳои амнияти миллиро дар шароити ҳамкориҳои тарафайн дар раванди ҳамгироӣ ва вобастагии иқтисодиёти миллиро аз таконҳои беруна фароҳам меорад [5-А, 21-А].

4. Намунаҳои фаъолияти Иттиҳоди Аврупо, НАФТА, ИДМ, СҲШ, ИИАО ва дигар иттиҳодияҳои ҳамгироӣ нишон медиҳанд, ки дар шароити муосир механизмҳо ва стратегияҳои ҳамгироии минтақавӣ бояд бо таваҷҷуҳ ба ташаккули омилҳои ғайрихаттии раванди ҳамгироӣ таҳия карда шаванд, ки онҳо, пеш аз ҳама, дар якҷоя истифода кардании инфрасохтори воқеӣ (физикӣ) зоҳир мешаванд. Дар ҳоле ки омили хаттӣ ҳадафи зиёд кардани самараи миқёси савдоро пайгирӣ менамояд. Бартарии модели ҳамгироии «ғайрихаттӣ» дар амалия дар он аст, ки вай заминаҳои мусоидро барои сармоягузориҳои мутақобила, рушди фаъолнокии сармоягузорӣ дар соҳаи инфрасохтори истеҳсолию нақлиётӣ ва энергетикии мамлакатҳо, дастгирии техникии хоҷагии қишлоқ, рушди инфрасохтори иҷтимоӣ ва беҳтар намудани сифати бо қувваи барқ таъмин намудани деҳот ва дигар соҳаҳои муҳимми иқтисодиёт фароҳам меорад. Аз ин ҷиҳат, иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар равандҳои ҳамгироӣ бояд бо воситаи ҳамкориҳо бо чунин ниҳодҳои молиявии мустақил, масалан, аз қабили Бонки осиёии сармоягузориҳои инфрасохторӣ, ки унсури муҳимми ҳамгироии ғайрихаттии минтақавӣ ба ҳисоб меравад, тақвият дода шавад. Сухан ба он, ки рушди муносибатҳои бисёртарафа ҳадафи мутавозиннамоии таъсири ҷиддии блокҳои фаромиллиро ба кишвар дорад [5-А, 60-А].

5. Иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар иттиҳодияҳои гуногуни ҳамгироӣ шарти зарурии ҳамгироии бомуваффақияти он ба иқтисодиёти ҷаҳонӣ маҳсуб меёбад. Имрӯз барои Тоҷикистон иштироки фаъолона дар ташаккули созишномаҳои бисёртарафа ва шарикӣ дар доираи сохторҳои ҳамгироии минтақавӣ ва ҳамгиро намудани онҳо ба стратегияҳои миллии рушд бо мақсади муайян намудани самтҳои афзалиятноки ҳамкорӣ дар доираи сохторҳои минтақавӣ, ки ба нигоҳ доштани рушди устувор, бехатар ва динамикӣ равона шудаанд, инчунин, барои ноил шудан ба чунин ҳадафҳои стратегӣ, ба монанди таъмини амнияти энергетикӣ ва озуқаворӣ, бартараф кардани монеаҳои коммуникатсионӣ ва дастгирии саноатикунонии муҳим арзёбӣ мегардад. Аз ин нигоҳ, инчунин, зарур аст, ки ҳамкорӣ бо Бонки ҷаҳонӣ, Хазинаи байналмилалии

асъор ва дигар ниҳодҳои байналмилалии молиявӣ ҷиҳати дарёфти захираҳои иловагии дастгирии молиявию техникӣ барои татбиқи лоиҳаҳои афзалиятнок дар соҳаи роҳҳои автомобилгард ва оҳан, системаҳои энергетикӣ ва обтаъминкунӣ фаъолона идома ва густариш дода шавад, зеро онҳо барои ҳавасмандгардонии рушди иқтисодӣ ва таҳкими ҳамгироии байналмилалии молиявӣ иқтидори бештарро доро мебошанд [5-А, 21-А].

6. Фаъолгардонии иштироки мамлакатҳо – шарикони тиҷоратию иқтисодии минтақавӣ дар рушди динамикии иқтисодиёти миллии кишвар дар замони муосир бояд яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иқтисодии хориҷии Тоҷикистон бошад. Дар робита бо ин, Ҳукумати мамлакатро зарур аст, ки корҳоро ҷиҳати таҳким ва густариши ҳамкориҳо бо шарикони тиҷоратию иқтисодии минтақавӣ тавассути имзои созишномаҳои нави тиҷоратӣ бо мақсади ташкили шароити мусоид барои гардиши озоди молҳо, хизматрасониҳо ва сармоя, инчунин, созишномаҳои сармоягузорӣ оид ба ҷалби сармояи хориҷӣ барои молиякунонии лоиҳаҳои миллии стратегӣ ва дигар самтҳои афзалиятнок, бахусус, аз мамлакатҳои шарик, ки ба рушд ва таҷдиди инфрасохтори нақлиётию коммуникатсионӣ, энергетикӣ ва логистикии мамлакат мусоидат менамоянд, фаъол гардонад. Ҳамаи ин афзоиши ҳосилнокии меҳнат, дастрасиро ба технология ва усулҳои нави кор таъмин намуда, ба таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва шароити созгор барои рушди динамикии иқтисодии мамлакат мусоидат мекунад [14-А, 22-А, 27-А].

7. Омили мусбии рушд барои Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳкими равандҳои сармоягузорӣ дар доираи иштироки он дар ҳамгироии иқтисодии минтақавӣ маҳсуб меёбад. Моделсозии иқтисодии ин раванд аз муҳиммияти ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ шаҳодат медиҳад. Дар робита ба ин, пешбурди фаъолонаи имкониятҳои сармоягузории Тоҷикистон дар бозори байналмилалӣ дар заминаи ташкили фазои мусоиди сармоягузорӣ бо воситаи гузаронидани ислоҳот дар соҳаи сиёсати ҳуқуқӣ, молиявӣ ва иқтисодӣ, ба мақсади ҷалби ҳарчи бештари ҳаҷми сармояи хориҷӣ ба мамлакат зарур мебошад. Воситаи судманди ҷалби сармояи хориҷӣ ба мақсади ҳавасмандгардонии рушди иқтисодӣ ташкили минтақаҳои махсуси иқтисодӣ ё паркҳо бо ба онҳо додани шароити махсус барои сармоягузории хориҷӣ буда метавонад. Барои он ки ҷолибияти сармоягузорӣ баланд бардошта шавад, сармоягузорӣ ба навсозӣ ва рушди инфрасохтори нақлиётӣ, васеъ кардани хатсайрҳои транзитӣ ва инфрасохтори воқеӣ (физикӣ), оптимизатсияи равандҳои логистикӣ зарур мебошад. Иштирок дар равандҳои ҳамгироии иқтисодии минтақавӣ бояд ба нигоҳдорӣ ва ҳавасмандгардонии рушди соҳаҳои асосии иқтисодиёти миллӣ (гидроэнергетика, истеҳсоли алюминий, саноати истихроҷи маъдан, сабук ва хӯрокворӣ), ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бозори минтақавӣ бартарии муқоисавӣ дорад, нигаронида шавад [22-А, 23-А, 29-А].

8. Рушди инфрасохтори нақлиётӣ дар минтақаҳои СҲШ ва ҲМИОМ самти афзалиятноки ҳамкориҳои байни кишварҳое ба ҳисоб меравад, ки ба ин иттиҳодияҳои ҳамгироӣ шомил мебошанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон шарикиро бо давлатҳои аъзои СҲШ ва ҲМИОМ тақвият дода, метавонад ба татбиқи лоиҳаҳои

муштараки нақлиётӣ дар доираи иттиҳодияҳои ҳамгироӣ мусоидат намояд. Дар баробари ин, барои рушди инфрасохтор дар Тоҷикистон ҷидду ҷаҳди бештарро талаб менамояд, ки он барои содирот ва интиқоли нерӯи барқ тавассути лоиҳаи CASA-1000 зарур аст. Ҳамзамон, амалигардонии ин лоиҳа ба истифодаи самараноки долонҳои нақлиётию иқтисодӣ, сохтмон ва азнавсозии истгоҳҳои нерӯи барқ, хатҳои интиқоли нерӯи барқ, роҳҳои автомобилгард ва роҳи оҳан ва дигар объектҳои нақлиётӣ меорад. Ин равандҳо на танҳо ба таҳкими ҳамкориҳои иқтисодӣ ва муносибатҳои мутақобилаи судманди байни мамлакатҳои иттиҳодияҳои ҳамгироӣ, балки ба рушди динамикии иқтисодиёти миллӣ ва умуман, минтақаи ҳамгироӣ мусоидат менамоянд. [5-А, 25-А].

9. Механизми таъсири мутақобилаи саноатикунонӣ ва иқтидори содиротии мамлакат дар қаринаи иштироки он дар иттиҳодияҳои ҳамгироии минтақавӣ робитаҳои мутақобилаи мураккаби байни рушди иқтисодӣ, равандҳои ҳамгироии иқтисодии минтақавӣ ва савдои хориҷиро инъикос менамояд. Дар раванди таъсири мутақобилаи саноатикунонии босуръат ва зарурат дар татбиқи иқтидори содиротии мамлакат, таваҷҷуҳи асосӣ бояд ба дастгирии соҳаҳои калидии иқтисодиёти миллӣ дода шавад, ки онҳо дорои иқтидори калонтарин барои содирот дар қаринаи рушди савдои байниминтақавӣ мебошанд. Афзалият дар раванди татбиқи Ҳадафи чоруми миллии рушди кишвар – саноатикунонии босуръат бояд рушди бахшҳои корхонаҳои саноатии ба содирот нигаронидашуда дар чунин зербахшҳо, аз қабили энергияи сабз, саноати истихроҷ ва нассоҷӣ, истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ, металлургияи ранга, МОИ ва технополисҳо, инчунин, таъмини диверсификатсияи ҷузвдони содирот, ки онҳо дар айни ҳол, асосан, аз ашёи хоми нассоҷӣ, металлҳои қиматбаҳо ва маҳсулоти хоҷагии қишлоқ иборат мебошанд. Тавре ки таҳқиқот нишон дод, айни замон дар иқтисодиёти мамлакат алоқамандии ҷиддӣ дар байни рушди иқтисодӣ ва тағйирот дар сохтори содироти чунин молҳо, аз қабили нерӯи барқ, маҳсулоти минералӣ ва маҳсулоти ниҳоӣ аз нахи пахта ба назар мерасад. Дар робита ба ин, дар диссертатсия пешниҳод гардидааст, ки таъсири мутақобилаи саноатикунонӣ ва рушди иқтидори содиротӣ синергияро ба миён меорад, ки он ба рушди содирот, баланд бардоштани рақобатпазирӣ, тақвияти ҷолиб будани кишвар барои иштирок дар иттиҳодияҳои ҳамгироии минтақавӣ мусоидат намуда, ба рушди динамикии иқтисодии он таъсир мерасонад [5-А, 28-А, 61-А].

10. Фаъолгардонии ҳамкориҳои минтақавии Тоҷикистон дар соҳаи илм бояд барои эҷоди маҳсулот ва технологияҳои нави инноватсионӣ, зиёд кардани иқтидори инноватсионии мамлакат, баланд бардоштани шохиси рақобатпазирии глобалӣ ва ҳамгироии муваффақ ба иқтисодиёти ҷаҳонӣ ва минтақавӣ, инчунин, ба рушди устувори иқтисодӣ дар давраи дарозмуддат нигаронида шавад. Аз ин ҷиҳат, дар мамлакат таҳияи Харитаи роҳ оид ба шарикии стратегии инноватсионӣ бо кишварҳои шарик дар доираи раванди ҳамгироии минтақавӣ зарур мебошад. Дар диссертатсия нишон дода шудааст, ки усулҳо ва воситаҳои идоракунии рушди равандҳои ҳамгироӣ дар муҳити инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд дар ду сатҳ - фаъолияти корхонаҳои илмию истеҳсолӣ ва фаъолиятҳо дар доираи комплекси инноватсионӣ дар маҷмуъ истифода шаванд.

Ин имкони зиёднамоии табодули таҷриба ва донишҳо, дастгирии стартапҳои инноватсионӣ, ҷалби сармоягузории хориҷӣ, дастрасӣ ба бозорҳо ва муштариёни нав, якҷоя пеш бурдани тадқиқот ва коркардҳоро таъмин менамояд. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рушди ҳамкориҳои илмӣ дар доираи ҳамгироии иқтисодии минтақавӣ бояд имконияти пешниҳоди дастгирии молиявӣ ва захираҳоро дар гузаронидани тадқиқоти муштарак бо олимон аз дигар кишварҳои иштирокчӣ бо ворид намудани системаи грантҳо барои лоиҳаҳои тадқиқотии байналмилалӣ, дастрасӣ ба таҷҳизот ва инфрасохтор, инчунин, фароҳам овардани фазои мусоиди ҳуқуқӣ барои тиҷоратикунонии коркардҳои илмӣ тавассути соддагардонии ба расмиётдарории патентҳо ва иҷозатномаҳо, ҳимояи моликияти зеҳнӣ, таҳияи стандартҳо ва қоидаҳое, ки ҳамкориҳои илмии фаросарҳадиро имконпазир мегардонанд, пешбинӣ намояд [5-А, 60-А].

11. Барои баланд бардоштани фаъолияти иқтисодии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи иттиҳодияҳои ҳамгироӣ бо дарназардошти хусусиятҳои иқтисодиёти кушоди динамикӣ, Ҳукумати мамлакатро пешбинӣ намудани ташкили кластери тиҷоратию логистикӣ дар асоси кооператсия, зиёднамоии миқёс, синергия, инноватсия ва дастгирии давлатӣ бо муайян кардани иштирокчиёни калидии кластер ва ташкилнамоии шабакаи муассири ҳамкориҳои мутақобила дар байни иштирокчиёни кластер зарур мебошад, ки ба принсипҳои шарикӣ, эътимод ва судмандии тарафайн асос меёбад. Дар ин маврид, ба сифати нишондиҳандаи арзёбии самаранокии кластери тиҷоратию логистикӣ дар қаринаи иқтисодиёти кушоди динамикӣ бояд индикаторҳое истифода шавад, ки дар худ чунин параметрҳоро, аз қабили рушди иқтисодӣ, самаранокӣ, инноватсионӣ будан, рақобатпазирӣ ва ғайраро дар бар гирад. Дастгирии кластерҳои тиҷоратию логистикӣ аз ҷониби давлат дар шакли кӯмаки молиявӣ, имтиёзҳои андоз, рушди инфрасохтор ва ғайра бояд ба амал бароварда шавад [5-А, 25-А].

12. Барои дар амал татбиқ намудани сенарияи индустриалӣ-инноватсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нигоҳи ҳамгироии иқтисодии минтақавӣ ба Ҳукумат таҳияи стратегияи вобастакунӣ (пайвастан) бо гурӯҳҳои ҳамгироии минтақавӣ, бо муайян намудани соҳаҳои калидии ҳамкорӣ ва мутобиқсозии стратегияи мазкур ба талабот ва имкониятҳои нодири иктисодиёти миллӣ зарур мебошад. Инчунин, дар асоси таҳлили равандҳои мавҷудаи ҳамгироии минтақавӣ, ки дар онҳо мамлакат иштирок мекунад, арзёбии бахшҳои асосӣ, ки онҳо ба инноватсияҳо ва саноатикунонӣ барои баланд бардоштани рақобатпазирӣ ва рушди устувор ниёз доранд, муҳим мебошад. Ин зарурати татбиқ намудани сенарияи рушди индустриалӣ-инноватсиониро дар мамлакат тақозо менамояд, ки он ба ҳавасмандгардонии сармоягузориҳо ба лоиҳаҳои инноватсионӣ, рушди тадқиқоти илмӣ ва инноватсияҳои технологӣ, инчунин, такмили механизмҳои маблағгузории лоиҳаҳои инноватсионӣ ва стартапҳо бо фарогирии дастрасӣ ба сармояи венчурӣ, грантҳои давлатӣ ва қарзҳои имтиёзнок дар доираи равандҳои ҳамгироии минтақавӣ бо мақсади фаъолияти босамар дар доираи сенарияи индустриалӣ-инноватсионӣ ва ҷорӣ намудани технологияҳои

пешрафта дар иқтисодиёти миллӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии он нигаронида шудааст [5-А, 29-А].

### Интишороти довталаб аз рӯйи мавзуи тадқиқоти диссертатсионӣ

### Монографияҳо


[1-А]. Мирбобоев, Р.М. Внешнеэкономическая деятельность: анализ торговли и инвестиций в Республике Таджикистан [Текст]: монография / Л.Х. Саидмуродов, Р.М. Мирбобоев, И.К. Мирзоев, А.А. Солиев, М.К. Бобоев. – Душанбе, 2006. – 176 с. ISBN 5-667-01429-2

[2-А]. Мирбобоев, Р.М. Республика Таджикистан на пути к открытой экономике: очерки институционального анализа [Текст]: монография / Л.Х. Саидмуродов, Т.Д. Усманова, Р.М. Мирбобоев и др. – Душанбе: Ирфон, 2008. – 304 с. ISSN978-99947-59-84-2

[3-А]. Мирбобоев, Р.М. Развитие внешнеторговых отношений в условиях углубления интеграционных процессов [Текст]: монография / Р.М. Мирбобоев, М.А. Имомназаров. – Душанбе: Ирфон, 2012. – 164 с. ISSN 978-99947-0-053-0

[4-А]. Мирбобоев, Р.М. Основы привлечения прямых иностранных инвестиций в реальный сектор экономики [Текст] / Р.М. Мирбобоев, Х.Ш. Салиева. – Душанбе: Эр-граф, 2015. – 160 с. ISSN 978-99947-0-497-2

[5-А]. Мирбобоев, Р.М. Равандҳои ҳамгироии иқтисодии минтақавӣ ва рушди иқтисодиёти миллӣ [Матн] / Р.М. Мирбобоев. – Душанбе: ДМТ, 2024. – 252 с. ISSN 978-99985-46-37-0


### Мақолаҳои дар маҷаллаҳои SCOPUS чопшуда


[6-А]. Mirboboev, R.M. International Labor Migration as a Factor in the Socio-Economic Development of the National Economy (Based on the Materials of the Republic of Tajikistan) = Международная трудовая миграция как фактор социально-экономического развития национальной экономики (на материалах Республики Таджикистан) [Техt] / M.A. Saidmurodova, R.M. Mirboboev, F.A. Qodirzoda, F.M. Imomyorbekov, M.J. Kishvarov // Anti-Crisis Approach to the Provision of the Environmental Sustainability of Economy. – 2023. – PP.327-331. ISSN 2520-8780


### Мақолаҳои дар маҷаллаҳои тақризшаванда чопшуда:


[7-А]. Мирбобоев, Р.М. Вопросы формирования эффективного механизма внешней помощи [Текст] / Р.М. Мирбобоев, П.Н. Усмонов // Вестник национального университета: (Спецвыпуск посвящен Году образования и технических знаний). – Душанбе, 2010. – С.125-132. ISSN 2074-1847

[8-А]. Мирбобоев, Р.М. Возможности развития внешней торговли Республики Таджикистан в условиях переходного периода [Текст] / Р.М. Мирбобоев, М.А. Имомназаров // Вестник Таджикского национального университета, научный журнал. – Душанбе, 2011. – №12 (76). – С.69-73. ISSN 2074-1847

[9-А]. Мирбобоев, Р.М. Теория международной экономической интеграции: общее, особенное, единичное [Текст] / Р.М. Мирбобоев, Н.Ш. Салиева // Вестник ТНУ, научный журнал. – Душанбе, 2015. – №2/1 (157). – С.27-33. ISSN 2074-1847

[10-А]. Мирбобоев, Р.М. Критерии сегментации банковского рынка и условия повышения конкурентоспособности коммерческих банков Республики Таджикистан [Текст] / Р.М. Мирбобоев, Ш.А. Анваров // Вестник ТНУ, научный журнал. – Душанбе, 2015. – № 2/2 (161). – С.23-28. ISSN 2074-1847

[11-А]. Мирбобоев, Р.М. Инвестиции в образование как фактор развития человеческого капитала [Текст] / Р.М. Мирбобоев, И.С. Донахонов // Таджикистан и современный мир. Вестник. Центр стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан. – Душанбе, 2015. – №6 (49). – С.120-126. ISSN 2075-9594

[12-А]. Мирбобоев, Р.М. Постановка направленности долгосрочного развития Республики Таджикистан [Текст] / Р.М. Мирбобоев // Таджикистан и современный мир. Вестник. Центр стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан. – Душанбе, 2015. – №6 (49). – С.16-19. ISSN 2075-9594

[13-А]. Мирбобоев, Р.М. Политика импортозамещения и стимулирования экспорта Республики Таджикистан в условиях глобализации мировой экономики [Текст] / Р.М. Мирбобоев, М.А. Имомназаров // Таджикистан и современный мир. Вестник. Центр стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан. – Душанбе, 2017. – №3 (53). – С.145-156. ISSN 2075-9594

[14-А]. Мирбобоев, Р.М. О соотношении внутренних и внешних факторов региональной экономической интеграции: подходы и классификация [Текст] / Р.М. Мирбобоев, Н.Ш. Салиева // Экономика Таджикистана. – Душанбе, 2017. – №2. – С.177-192. ISSN 2310-3957

[15-А]. Мирбобоев, Р.М. Внешние факторы экономической интеграции государств-участников СНГ [Текст] / Р.М. Мирбобоев, Н.Ш. Салиева // Вестник университета (Российско-Таджикский (Славянский) университет). – Душанбе, 2018. – №4 (64). – С. 59-69. ISSN 2077-8325

[16-А]. Мирбобоев, Р.М. Сармояи инсонӣ ва маблағгузорӣ ба он ҳамчун омили некӯаҳволӣ дар ҷомеа [Матн] / Р.М. Мирбобоев, Ҳ.М. Саидова // Иқтисодиёти Тоҷикистон (маҷаллаи илмии Институти иқтисодиёт ва демографияи АИ ҶТ). – Душанбе, 2019. – №2. – С.147-150. ISSN 2310-3957

[17-А]. Мирбобоев, Р.М. Роҳҳои паст намудани хароҷоти трансаксионӣ дар шароити муосир [Матн] / Р.М. Мирбобоев, С.А. Холматова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ. – Душанбе, 2019. – №4. – Қ.1. – С.11-15. ISSN 2413-5151

[18-А]. Мирбобоев, Р.М. Нақши соҳаи хизматрасонии иҷтимоӣ дар рушди иҷтимоӣ-иқтисодии ҷамъиятӣ [Матн] / Р.М. Мирбобоев, Ҳ.М. Саидова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2020. – №1. – С.73-77. ISSN 2413-5151

[19-А]. Мирбобоев, Р.М. Интеграционные процессы как предпосылки устойчивого развития национальной экономики Таджикистана [Текст] / Р.М. Мирбобоев // Финансово-экономический вестник (научно-практический журнал). – Душанбе, 2023. – №2 (36). – С.63-70. ISSN 2663-0389

[20-А]. Мирбобоев, Р.М. Роль торгово-экономической интеграции в развитии Центральной Азии [Текст] / Р.М. Мирбобоев // Вестник ТГУПБП.

Серия общественных наук. – Худжанд, 2023. – №2 (95). – С.94-103. ISSN 2411-1945

[21-А]. Мирбобоев, Р.М. Анализ участия Республики Таджикистан в региональных интеграционных блоках [Текст] / Р.М. Мирбобоев // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – Душанбе, 2023. – №4. – Ч.I. – С.146-153. ISSN 2413-5151

[22-А]. Мирбобоев, Р.М. Свободные экономические зоны как форма развития интеграции Таджикистана в мировое хозяйство [Текст] / Р.М. Мирбобоев // Экономика и управление: проблемы, решения. Научно-практический, теоретический журнал. – 2023. – Т.2. – №4 (136). – С.30-35. ISSN 2308-927X, ISSN 2227-3891

[23-А]. Мирбобоев, Р.М. Экспортный потенциал и его отраслевые приоритеты для формирования устойчивой экономики Таджикистана [Текст] / Р.М.Мирбобоев // Экономика и управление: проблемы, решения. Научно-практический, теоретический журнал. – 2023. – Т.4. – №1 (133). – С.70-77. ISSN 2308-927X, ISSN 2227-3891

[24-А]. Мирбобоев Р.М. Отраслевые приоритеты экспортного потенциала промышленности Республики Таджикистан [Текст] / Р.М. Мирбобоев // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – Душанбе, 2023. – №10. – Ч.I. – С.12-22. ISSN 2413-5151

[25-А]. Мирбобоев Р.М. Место торгово-логистических кластеров в активизации внешнеэкономической деятельности Республики Таджикистан [Текст] / Р.М. Мирбобоев // Экономика и управление: проблемы, решения. Научно-практический, теоретический журнал. – 2023. – Т.7. – №11. – С.71-81. ISSN 2308-927X, ISSN 2227-3891

[26-А]. Мирбобоев, Р.М. Давраҳои ташаккул ва самтҳои рушди ҳамгироии иқтисодии минтақавӣ дар шароити гузариш ба хоҷагии ҷаҳонии бисёрқутбӣ [Матн] / Р.М. Мирбобоев // Паёми молия ва иқтисод. – 2023. – №4/2 (39). – С.434-447. ISSN 2663-0389

[27-А]. Мирбобоев, Р.М. Формы участия иностранного капитала региональных партнеров в экономическом развитии республики Таджикистан [Текст] / Р.М. Мирбобоев // Вестник академии Москва. – 2024. – №3. – С.81-92. ISSN 2073-9621

[28-А]. Мирбобоев, Р.М. Татбиқи манфиатҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи гурӯҳҳои ҳамгироии иқтисодии минтақавӣ [Матн] / Р.М. Мирбобоев, Ф.А. Қодирзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ–иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2024. – №3. – С.78-89. ISSN 2413-5151

[29-А]. Мирбобоев, Р.М. Нақши сармоягузории хориҷӣ дар суръатбахшӣ ба рушди иқтисодӣ: нигоҳ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ф.А. Қодирзода, Р.М. Мирбобоев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2024. – №4. – С.20-27. ISSN 2413-5151

[30-А]. Мирбобоев, Р.М. Масоили рушди динамикии иқтисодиёти миллӣ дар шароити ҳамгироии иқтисодии минтақавӣ [Матн] / Р.М. Мирбобоев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2024. – №5. – С.20-27. ISSN 2413-5151

**Дар дигар нашрияҳо**

[31-А]. Мирбобоев, Р.М. Развитие экономической интеграции и становления субъектов внешнеэкономической деятельности [Текст] / Р.М. Мирбобоев // Вестник национального университета. Серия гуманитарных наук. – Душанбе, 2003. – №1 (15). – С.109-118.

[32-А]. Мирбобоев, Р.М. Иностранные инвестиции, как фактор использования природно-ресурсного потенциала республики [Текст] / Р.М. Мирбобоев // Вестник национального университета. Серия гуманитарных наук. – Душанбе, 2003. – №3 (17). – С.130-146.

[33-А]. Мирбобоев, Р.М. Меры по привлечению иностранных инвестиций [Текст] / Р.М. Мирбобоев // Проблемы финансово-бюджетной и денежной стабилизации в условиях рынка. Материалы республиканской научно-практической конференции. – Душанбе, 2003. – С.92-95.

[34-А]. Мирбобоев, Р.М. Проблемы интеграции Таджикистана в мировую экономику [Текст] / Р.М. Мирбобоев // Материалы научно-теоретической конференции профессорско-преподавательского состава «День науки». – Душанбе, 2003. – Ч.2. – С.136-139.

[35-А]. Мирбобоев, Р.М. Рыночные преобразования и дальнейшее развитие интеграционных связей [Текст] / Р.М. Мирбобоев // Интеграция экономики Республики Таджикистан в мировое хозяйство. Материалы респ. науч.-практ. конф. – Душанбе, 2004. – С.18-21.

[36-А]. Мирбобоев, Р.М. Необходимость привлечения иностранных инвестиций для активизации экономического роста в РТ [Текст] / Р.М. Мирбобоев, А.А. Солиев // Вестник национального университета. Серия гуманитарных наук. – Душанбе, 2004. – №3 (22). – С.108-121.

[37-А]. Мирбобоев, Р.М. Международная экономическая интеграция и развитие глобализационных процессов в мировом хозяйстве [Текст] / Р.М. Мирбобоев. Н.А.Абдуллоева // Вестник национального университета. Серия естественных наук. – Душанбе, 2005. – №3 (26). – С.188-196.

[38-А]. Мирбобоев, Р.М. Теоретические основы и основные направления развития современной международной экономической интеграции [Текст] / Р.М. Мирбобоев // Материалы республиканской научно-практической конференции «Стратегия развития и размещения производительных сил Республики Таджикистан». – Душанбе, 2005. – С.27-33.

[39-А]. Мирбобоев, Р.М. Иқлими инвеститсионӣ ва роҳҳои беҳтар намудани он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Р.М. Мирбобоев // Маводи конфронси илмӣ-амалӣ дар мавзӯи «Механизмҳои пулӣ-қарзии рушди муносибатҳои бозорӣ», 2-3 декабри соли 2005. – Душанбе, 2006. – С.71-86.

[40-А]. Мирбобоев, Р.М. Динамизм - характерная черта экономики Таджикистана [Текст] / Р.М. Мирбобоев, Х.Ш. Шарипов // Материалы

международной научно-теоретической конференции «Человеческие ценности – основа развития экономики Казахстана», посвященной 70-летию академика АН Казахстана С.С.Сатубалдина. – Алматы, 2007. – С.174-181.

[41-А]. Мирбобоев, Р.М. Развитие экономической интеграции и инвестиционное сотрудничество Таджикистана [Текст] / Р.М. Мирбобоев // «Проблемы финансово-бюджетных отношений Республики Таджикистан в современных условиях». Материалы республиканской научно-практичесой конференции. – Душанбе, 2008. – С.2-4.

[42-А]. Мирбобоев, Р.М. Мировой финансовый кризис и его уроки для экономики Таджикистана [Текст] / Л.Х. Саидмуродов, Р.М. Мирбобоев, А.А. Солиев, Ф.А. Кодиров // Вестник национального университета. Серия экономических наук. – Душанбе, 2009. – №5 (53). – С.30-37.

[43-А]. Мирбобоев, Р.М. Сармоягузории дохиливу хориҷӣ ва муаммоҳои бехатарии иқтисодӣ [Матн] / Р.М. Мирбобоев, Ф. Ҳаёхоҷаев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистн. Бахши илмҳои иқтисодӣ. – Душанбе, 2009. – №7 (55). – С.17-26. ISSN 2074-1847

[44-А]. Мирбобоев, Р.М. Основные концепции и особенности информационной безопасности в условиях глобализации экономики [Матн] / Р.М. Мирбобоев // «Ҷаҳонишавӣ ва муаммоҳои амнияти иттиоолотӣ: ҷанбаҳои миллӣ ва минтақавӣ» Маводи конфронси илмӣ-амалӣ. – Душанбе, 2010. – С.95-100.

[45-А]. Мирбобоев, Р.М. Мушкилот ва дурнамои ҳамгироӣ дар доираи ИДМ [Текст] / Р.М. Мирбобоев // Масъалаҳои таъмини мақсадҳои берунииқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ. – Душанбе, 2010. – С.23-28.

[46-А]. Мирбобоев Р.М. Сиёсати молиявӣ ва зарурияти такмили он [Матн] / Р.М. Мирбобоев // Масъалаҳои илмии таҳияи сиёсати молиявӣ. Маводи конфронси илмию амалии ҷумҳуриявӣ. Душанбе, 9 ноябри соли 2012. – Душанбе, 2013. – С.6-9.

[47-А]. Мирбобоев, Р.М. Программы государственных инвестиций и их взаимосвязь с приоритетами развития реального сектора национальной экономики [Текст] / Р.М. Мирбобоев, Х.Ш. Салиева // Масъалаҳои илмии таҳияи сиёсати молиявӣ. Маводи конфронси илмию амалии ҷумҳуриявӣ. Душанбе, 9 ноябри соли 2012. – Душанбе, 2013. – С.184-187.

[48-А]. Мирбобоев, Р.М. Специфика и условия привлечения прямых иностранных инвестиций в реальный сектор национальной экономики Республики Таджикистан [Текст] / Р.М. Мирбобоев, Х.Ш. Салиева // Внешнеэкономическая деятельность Республики Таджикистан в условиях глобализации. – Душанбе: Ирфон, 2013. – С.5-10. ISSN 978-99947-0-978-6

[49-А]. Мирбобоев, Р.М. Робитаҳои иқтисодии хориҷӣ: зарурияти такмилдиҳӣ ва бозсозии он [Матн] / Р.М. Мирбобоев // Внешнеэкономическая деятельность Республики Таджикистан в условиях глобализации. – Душанбе: Ирфон, 2013. – С.67-76. ISSN 978-99947-0-978-6

[50-А]. Мирбобоев, Р.М. Бюджетный сектор - неотделимая часть национальной экономики [Текст] / Р.М. Мирбобоев, Г.Н. Оймахмадов. Маҷаллаи молия ва ҳисобдорӣ. – Душанбе, 2013. – №2. – С.11-14.

[51-А]. Мирбобоев, Р.М. Совместные предприятия - исходная форма экономических отношений в системе прямого иностранного [Текст] / Р.М. Мирбобоев, Х.Ш. Салиева) // Вестник финансово-экономического института Таджикистана (научный журнал). – Душанбе, 2013. – №1. – С.3-13.

[52-А]. Мирбобоев, Р.М. О приоритетных направлениях развития сотрудничества государств-членов ШОС в сфере образования [Текст] / Р.М. Мирбобоев, А.А. Солиев // Вестник финансово-экономического института Таджикистана (научный журнал). – Душанбе, 2014. – №2. – С.3-6.

[53-А]. Мирбобоев, Р.М. Развитие сотрудничества Республики Таджикистан со странами Центральной Азии [Текст] / Р.М. Мирбобоев, Н.Ш. Салиева // Таджикистан и страны Центральной Азии: векторы сотрудничества и перспективы развития. Материалы международной научно-практической конференции. – Душанбе, 2021. – С.144-149. ISSN 978-99985-68-56-3

[54-А]. Мирбобоев, Р.М. Хароҷотҳои трансаксионӣ ва таъсири тиҷорати электронӣ дар фаъолияти субъектҳои хоҷагидорикунанда [Матн] / Р.М. Мирбобоев, С.А. Холматова // Тоҷикистон дар низоми муосири муносибатҳои молиявӣ-қарзии байналхалқӣ. Маводи конфронси ҷумҳуриявии илмию амалӣ. – Душанбе, 2021. – С. 254-257.

[55-А]. Мирбобоев, Р.М. Дастгирии давлатии бахши хусусӣ дар Тоҷикистон: дастовардҳо ва тадбирҳои минбаъда [Матн] / А.А. Солеҳзода, Р.М. Мирбобоев // Ташаккули фазои мусоиди сармоягузорӣ дар татбиқи саноатикунонии босуръати кишвар. Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ– назариявӣ. – Хуҷанд: Дабир, 2022. – С.201-207. ISBN 978-99985-66-07-1

[56-А]. Мирбобоев, Р.М. Тиҷорати электронӣ ва рушди он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Р.М. Мирбобоев, С.А. Холматова // Маҷаллаи соҳавии «Бозори меҳнат». – Душанбе, 2022. – №3 (54). – С.28-35. ISSN 2518-7988

[57-А]. Мирбобоев, Р.М. Таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ дар паст намудани сатҳи хароҷоти трансаксионӣ тавассути тиҷорати электронӣ [Матн] / Р.М. Мирбобоев, С.А. Холматова // Ташакулёбӣ ва рушди иқтисодиёти рақамӣ дар Тоҷикистон: дурнамо ва тамоюли он. Маводи конфронси ҷумҳуриявии илмию амалӣ. – Душанбе, 2022. – С.118-127.

[58-А]. Мирбобоев, Р.М. Вазъи кунунии рушди тиҷорати электронӣ ва паст намудани хароҷоти трансаксионӣ дар иқтисодиёти муосири ҶТ [Матн] / Р.М. Мирбобоев, С.А. Холматова // Маҷаллаи соҳавии «Бозори меҳнат». – Душанбе, 2022. – №1 (52). – С.62-68. ISSN 2518-7988

[59-А]. Мирбобоев, Р.М. Таъсири ҳамгироии минтақавии иқтисодӣ ба тавсеаи иқтидори содиротии кишвар [Матн] / Р.М. Мирбобоев // Индустриализация национальной экономики: современное состояние, проблемы и перспективы. Материалы международной научно-практической конференции 2-мая 2023 г. – Душанбе, 2023. – С.213-218. ISBN 978-99985-36-95-1

[60-А]. Мирбобоев, Р.М. Факторы развития экспортного потенциала в условиях ускоренной индустриалаизации страны [Текст] / Р.М. Мирбобоев // Сборник материалов международной научно-практической конференции на тему «Реализация политики содействия эспорту и импортозамещению Республики Таджикистан в условиях глобализации» посвященной «Годам развития промышленности» (2022-2026) (23 декабря 2023 г.). – Душанбе, 2023. - С.10-14.

[61-А]. Мирбобоев, Р.М. Региональное финансовое сотрудничество – фактор экономического развития страны [Текст] / Р.М. Мирбобоев // Сборник научных трудов посвященный «Дню работников финансовых органов Республики Таджикистан» на тему: «Совершенствование финансово-кредитной системы в условиях цифровизации национальной экономики». – Душанбе, 2024. – С.365-368. ISBN 978-99985-46-04-2

[62-А]. Мирбобоев, Р.М. Конкурентные факторы развития экспортного потенциала в условиях ускоренной индустриализации страны [Текст] / Р.М. Мирбобоев // Механизм управления государственными финансами в процессе развития инновационной и промышленной устойчивости Республики Таджикистан (сборник научных трудов). – Душанбе, 2024. – С.352-360.

## АННОТАЦИЯ

**на автореферат диссертации Мирбобоева Рахматуло Мадаюбовича на тему «Участие Республики Таджикистан в региональных интеграционных процессах в интересах динамичного развития национальной экономики» на соискание ученой степени доктора экономических наук, по специальности 08.00.13 – Мировая экономика**

**Ключевые слова:** интеграционные процессы, многополярный мир, линейная международная интеграция, нелинейная международная интеграция, внешнеторговая политика, национальная экономика, открытая экономика, динамичное развитие национальной экономики, региональная интеграция, интеграционный потенциал, экспортный потенциал, ускоренная индустриализация, транспортно-коммуникационная инфраструктура, финансовая инфраструктура, экономический рост, торгово-логистические кластеры, инновация.

В диссертации рассматриваются теоретические вопросы интеграционного взаимодействия государств в современных условиях перехода от однополярного к многополярному миру, тенденции формирования торгово-экономических блоков в современном мировом хозяйстве, особенности развития торгово-экономической интеграции на постсоветском пространстве и Центральной Азии, экономические интересы Таджикистана в интеграционных торгово-экономических блоках.

Целью диссертационного исследования является изучение и анализ участия Республики Таджикистан в региональных интеграционных процессах в интересах динамичного развития национальной экономики.

В процессе решения задач, поставленных в диссертационном исследовании, использовались методы системного подхода, анализа, синтеза, дедукции, индукции, позволяющих комплексно и разносторонне изучать существующие связи между отдельными компонентами изучаемой системы.

Анализ показал, что институциональная открытость экономики Таджикистана находится на достаточном уровне и периодически совершенствуется. В этом контексте необходимо активно развивать многостороннее сотрудничество, особенно в условиях углубления региональной интеграции. Это считается ключевым фактором, способствующим социально-экономическому росту Таджикистана. Также выявлена возможность применения научно обоснованных рекомендаций и предложений для формирования более эффективных форм региональной интеграции в контексте развития многостороннего сотрудничества.

В диссертации обосновано, что Республике Таджикистан необходима активизировать свое участие в региональных торгово-экономических блоках в интересах обеспечения динамичного развития национальной экономики страны.

В заключении приведены конкретные рекомендации по тому, как Таджикистан может продвигаться в направлении интеграции и защиты своих экономических интересов в рамках региональных объединений, учитывая их осуществление в условиях изменения глобальной экономической системы к многополярной модели.

# АННОТАТСИЯ

**ба автореферати диссертатсияи Мирбобоев Рахматуло Мадаюбович дар мавзуи “Иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар равандҳои ҳамгироии минтақавӣ ба манфиати рушди динамикии иқтисодиёти миллӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ, аз рӯи ихтисоси 08.00.13 – Иқтисодиёти ҷаҳонӣ.**

**Калидвожаҳо:** равандҳои ҳамгирой, ҷаҳони бисёрқутбӣ, ҳамгироии хаттии байналмилалӣ, ҳамгироии ғайрихаттии байналмилалӣ, сиёсати савдои хориҷӣ, иқтисодиёти миллӣ, иқтисодиёти кушод, рушди динамикии иқтисоди миллӣ, ҳамгироии минтақавӣ, иқтидори ҳамгирой, иқтидори содиротӣ, саноатикунонии босуръат, инфрасохтори нақлиётию коммуникатсионӣ, инфрасохтори молиявӣ, рушди иқтисодӣ, кластерҳои тиҷоратию логистикӣ, инноватсия.

Дар диссертатсия масъалаҳои назариявии ҳамкориҳои ҳамгироии байни давлатҳо дар шароити муосири гузариш аз ҷаҳони яккутбӣ ба бисёрқутбӣ, тамоюлҳои ташаккули блокҳои тиҷоратию иқтисодӣ дар хоҷагии ҷаҳонии муосир, хусусиятҳои рушди ҳамгироии тиҷоратию иқтисодӣ дар фазои пасошуравӣ ва Осиёи Марказӣ, манфиатҳои иқтисодии Тоҷикистон дар иттиҳодияҳои ҳамгироии тиҷоратию иқтисодӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд.

Ҳадафи тадқиқоти диссертсионӣ омӯзиш ва таҳлили иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар равандҳои ҳамгироии минтақавӣ ба манфиати рушди динамикии иқтисодиёти миллӣ мебошад.

Дар раванди ҳалли масъалаҳои дар таҳқиқоти диссертатсионӣ ба миён гузошташуда усулҳои равиши системавӣ, таҳлил, синтез, дедуксия ва индуксия истифода шудаанд, ки онҳо имкони омӯзиши комплексӣ ва ҳамаҷонибаи робитаҳои мавҷудаи байни ҷузъҳои алоҳидаи системаи таҳқиқшавандаро медиҳанд.

Таҳлил нишон дод, ки кушодии институтсионалии иқтисодиёти Тоҷикистон дар сатҳи кофӣ қарор дошта, давра ба давра такмил меёбад. Дар ин қарина, зарур аст, ки ҳамкориҳои бисёрҷониба, бахусус, дар шароити тақвиятёбии ҳамгироии минтақавӣ фаъолона инкишоф дода шаванд. Ин омили асосие маҳсуб меёбад, ки ба рушди иҷтимоию иқтисодии Тоҷикистон мусоидат менамояд. Инчунин, имконияти истифода кардани тавсияю пешниҳодҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснок барои ташаккулёбии шаклҳои бештар самараноки ҳамгироии минтақавӣ дар заминаи инкишофи хамкориҳои бисёртарафа муайян карда шудааст.

Дар диссертатсия асоснок карда шудааст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд дар баробари инкишоф додани муносибатҳои дутарафа бо мамлакатҳои минтақа иштироки худро дар блокҳои тиҷоратию иқтисодии минтақавӣ ба манфиати таъмини рушди динамикии иқтисодиёти миллии кишвар боз ҳам фаъол намояд.

Дар хулоса тавсияҳои мушаххас дар бораи чӣ тавр Тоҷикистон метавонад дар самти ҳамгирой ва ҳифзи манфиатҳои иқтисодии худ дар доираи иттиҳодияҳои минтақавӣ бо дарназардошти татбиқи онҳо дар шароити тағйирёбии системаи иқтисоди ҷаҳонӣ ба модели бисёрқутбӣ пеш равад, пешниҳод гардидааст.

# ANNOTATION

**on the abstract of the dissertation of Mirboboev Rahmatulo Madayobovich on the theme “Participation of the Republic of Tajikistan in regional integration processes in the interests of the dynamic development of the national economy” for the degree of Doctor of Economic Sciences, on specialty 08.00.13 – World Economy**

**Key words:** integration processes, multipolar world, linear international integration, nonlinear international integration, foreign trade policy, national economy, open economy, dynamic development of the national economy, regional integration, integration potential, export potential, accelerated industrialization, transport and communication infrastructure, financial infrastructure, economic growth, innovation, trade and logistics clusters.

The dissertation considers theoretical issues of integration interaction of states in modern conditions of transition from a unipolar to a multipolar world, trends in the formation of trade and economic blocs in the modern world economy, features of the development of trade and economic integration in the post-Soviet space and Central Asia, economic interests of Tajikistan in integration trade and economic blocks.

The purpose of the dissertation research is to study and analyze the participation of the Republic of Tajikistan in regional integration processes in the interests of dynamic development of the national economy.

In the process of solving the problems set in the dissertation research, the methods of system approach, analysis, synthesis, deduction, induction were used, allowing complex and versatile study of the existing links between the individual components of the system under study.

The analysis showed that the institutional openness of Tajikistan's economy is at a sufficient level and is periodically improved. In this context, it is necessary to actively develop multilateral cooperation, especially in the context of deepening regional integration. This is considered a key factor contributing to Tajikistan's socio-economic growth. The possibility of using scientifically based recommendations and proposals for the formation of more effective forms of regional integration in the context of the development of multilateral cooperation has also been identified.

The dissertation substantiates that the Republic of Tajikistan, along with the development of bilateral relations with the countries of the region, needs to intensify its participation in regional trade and economic blocs in the interests of ensuring the dynamic development of the country's national economy.

The conclusion provides specific recommendations on how Tajikistan can move towards integration and protection of its economic interests within the framework of regional associations, taking into account their implementation in the context of a change in the global economic system to a multipolar model.

Сдано в набор 10.07.2024 г.
Подписано в печать 12.07.2024 г.
Формат 60х84 1/16. Бумага офсетная. Усл. п.л. 7,4.
Заказ №58. Тираж 100 экз.
Отпечатано в типографии ООО «Аршам»

Ба матбаа 10.07.2024 супорида шуд.
Ба чопаш 12.07.2024 имзо шуд.
Қоғази офсет. Андозаи 60х84 1/16. Ҷузъи чопӣ 7,4.
Супориши №58. Адади нашр 100 нусха.
Матбааи ҶДММ «Аршам»